АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ

ТДУ: 332.33 (565.3)
ТКБ: 65.9 (2) 45 (2)
М-43

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАХКАМОВА Чамангул Абдуғафоровна**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДҲОИ ТАШКИЛИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ
## (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

**Ихтисос: 08.00.06 –** Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**Роҳбари илмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор

**Душанбе - 2023**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ** ............................................. 3
**Муқаддима** ...................................................................................................... 4

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНА ВА САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ**

1.1. Моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона ва истифодаи оқилонаи онҳо ................................................................................................ 15
1.2. Гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ ва омилҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ................................................................................................ 31
1.3. Муносибати методӣ ба арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ..................................................... 52

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

2.1. Таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ........................................................ 69
2.2. Таҳлили ҳолати истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ........................................................ 88
2.3. Коркарди қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои захираҳои истеҳсолӣ ........................................................ 105

**БОБИ 3. РОҲҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДҲОИ ТАШКИЛИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ**

3.1. Асоснок намудани заминаҳои консептуалии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ...................................... 124
3.2. Мукаммалгардонии механизми ташкилии идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо .................................. 139
3.3. Татбиқи методи барномавӣ дар ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ........................................................ 155

**Хулосаҳо** ...................................................................................................... 171
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ........................ 176
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда** ............................................................ 179
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия** .............................................. 195

## Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

| | | |
|---|---|---|
| **АМИТ** | - | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **ЗГЭ** | - | Захираҳои гармию энергетикӣ |
| **ЗИ** | - | Захираҳои истеҳсолӣ |
| **ИИ ва Д АМИТ** | - | Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **ИОЗ** | - | Истифодаи оқилонаи захираҳо |
| **ИОЗИ** | - | Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **КАС** | - | Комплекси агросаноатӣ |
| **$К_{иози}$** | - | Коэффитсиенти истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **$К_{ҳисса}$** | - | Коэффитсиенти ҳисса |
| **КОА назди ПҶТ** | - | Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МИМ** | - | Моделҳои иттилоотӣ-мантиқӣ |
| **НИА** | - | Низоми идоракунии автоматикунонидашуда |
| **НИОЗИ** | - | Низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **НММТИОЗИ** | - | Низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **НТИОЗИ** | - | Низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **СМР-2030** | - | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| **ТИОЗИ** | - | Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ |
| **%** | - | Фоиз |
| **б/ф** | - | Банди фоиз |
| **га** | - | Гектар |
| **с/га** | - | Сентнер/гектар |
| **ҳаз.** | - | Ҳазор |
| **млн.** | - | Миллион |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст: «Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти беҳбуди муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии то андозае хатарнок ба алтернативӣ, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷираҳои арзиши иловашуда дар радифи тадбирҳои асосӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда маҳсуб меёбанд»[1]. Бинобар он, дар Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.с.2019) чунин таъкид гардидааст: «Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки як ҷо бо Вазорати кишоварзӣ ҷиҳати зиёд кардани майдони кишти зироатҳо, ташкили гармхонаву сардхонаҳо ва беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватании аз лиҳози экологӣ тоза, коркарди маҳсулоти соҳа ва афзоиш додани ҳаҷми содирот чораҳои қатъӣ андешанд. Аз як қитъаи замин гирифтани на як-ду, балки се-чор ҳосил, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими фаъолияти олимон ва кишоварзон дар ин самт ба ҳисоб меравад»[2].

Дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ИОЗИ) кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар ҳошияи масъалаи мазкур ҷиҳати ташкили истифодаи оқилонаи

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1 октябри соли 2016, № 392) дар бораи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2016. – 99с. - С. 10.

[2] Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-26.12.с.2019 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.president.tj /node/ 13739., кушода. (санаи муроҷиат: 01.12.с.2020).

захираҳои истеҳсолии корхона зарурати омӯзиши доираи васеи шароит ва омилҳои дар вобастагӣ бо якдигар ва гуногун амалкунанда ба миён меояд. Дар робита ба ин, таҳлил ва таснифоти омилҳо ва шароитҳо имконият медиҳад, ки ба таври дақиқ принсипҳои мукаммали методологии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо ба роҳ монда шавад. Таснифоти омилҳо ва шароитҳои ташкили истеҳсолот дар амал ба таҳияи дақиқтар дар ин самт, ба воситаи таҳлил ва интихоби омилҳо ва шароитҳои тағйирёбанда (омилҳо ва шароитҳои идорашаванда) аз ҷониби бахшҳои ташкилии корхонаҳо, муайян намудани самтҳои коргузорӣ ва тақсими сарфакоронаи захираҳо ба ҳар як самти зарурии рушди истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки омили муҳими баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолиро идоракунии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, қабл аз ҳама, захираҳои моддиву меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Дар замони муосир аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар самти асосии фаъолияти истеҳсолии худ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои итеҳсолиро ворид накардаанд ва ин омилро барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар сатҳи кофӣ истифода намебаранд. Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун вазифаи муҳим дар маҷмуи вазифаҳои идоракунии захираҳо, хусусияти ташкилӣ дошта, тамоми муносибат ва алоқаҳои сабабиву оқибатии миёни самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаро дарбар мегирад. Маҳз ҳамин мушкилот ва меҳнатталабии таҳлили шаклу методҳои мавҷуда баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили онҳоро муайян менамояд. Бинобар ин, зарурати асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва мавҷудияти масъалаҳои илмиву методии ҳалнашуда оид ба ташкил ва фаъолият намудани он дар корхонаҳои кишоварзӣ сабаби интихоби мавзӯъ, вазифа, сохтори мантиқӣ ва муайян намудани самтҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шудааст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд. Саҳми назаррас дар рушди назарияи ташкили истеҳсолот ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар асарҳои илмии олимони рус Анисимов Ю.П., Бакунетс О.Н., Зюзин В.М., Балаганская А.Г., Балашов Л.А., Барташев Л.В., Белтюков Е.А., Власов Б.В., Емелянов А.С., Кошкарев А.П., Гончаров В.В., Зайтсев В.А., Унгурян С.Н. ва ғайраҳо дарҷ гардидаанд.

Методҳои истифодаи оқилонаи захираҳо ё омилҳои истеҳсолот, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокӣ ва истифодаи онҳо аз тарафи олимони тоҷик Ашуров И.А., Қаюмов Н.К., Каримов М.Т., Қудратов Р.Р., Давлатзода К.К., Мадаминов А.А., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ А., Раҳимов Р.К., Раҳимзода Ш.М., Хоналиев Н., Пиризода Ҷ.С., Раҳматзода Б.Х., Садридиннов С., Саидмуродзода Л.Ҳ., Тағоев Ҷ., Шарипов З.Р. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Асарҳои олимони ватанӣ ва таҳлилҳои онҳо, ки ба омӯзиши мавзӯи мазкур бахшида шудаанд, имконият медиҳанд, то ҷанбаҳои асосии соҳавии мавзӯъ барои коркарди амиқ муайян карда шаванд, ки бо афзоиши доимии аҳамият ва муҳимияти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии мамлакат алоқамандӣ доранд.

Дар замони муосир, ки давлат ба марҳилаи нави рушд гузашта истодааст, ба андешаи мо, асосҳои консептуалӣ-назариявии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин механизми мукаммалгардонии онҳо дар доираи амалигардонии параметрҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи кофӣ таҳқиқ карда нашудаанд. Бинобар он, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба коркарди илмии роҳҳои мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, ки калонтарин вилояти кишоварзии мамлакат маҳсуб меёбад, бахшида шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ҳалли масъалаҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ» (аз 5 марти соли 2007, № 241, бо таҳрири нав аз 18 марти соли 2022, № 1866) дарҷ гардидаанд, бо барномаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи давлатии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва 2022-2027», «Барномаи беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» алоқамандӣ дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ба коркарди асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии методҳо ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НИОЗИ) дар корхонаҳои кишоварзӣ равона карда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия иҷрои вазифаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

- муайян кардани моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона, равшанӣ андохтан ба мафҳуми истифодаи «оқилона» ва «самаранок»-и захираҳо;
- гурӯҳбандии омилҳо, ки раванди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян мекунанд;
- таҳқиқи муносибатҳои методӣ ба арзёбии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона;
- таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва арзёбии ҳолати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон;

- коркард намудани қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои истеҳсолӣ;

- асоснок кардани роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо;

- асосноккунии муносибатҳои барномаи мақсаднок ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ.

**Объекти таҳқиқотро** иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон ва масъалаҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилие мебошанд, ки дар раванди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар шароити афзоиш ёфтани маҳдудиятҳои захираҳои истеҳсолӣ ба исбот намудани нақши калидидоштаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, хусусият ва сифати он дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, ки ба дониш ва неруи ақлонӣ такя карда, ба рушди устувору дарозмуҳлати корхона мусоидат менамояд, равона карда шудааст.

Вобаста ба ин, зарурати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона пайдо мешавад, ки ба фароҳам овардани муҳити ташкилӣ ва шароитҳо оид ба таври ҳадди аксар истифода бурдани фоиданокии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва расидан ба мақсадҳои корхона дар асоси мувофиқати оқилонаи захираҳои истеҳсолот (моддӣ, технологӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ) дар ҳудуд ва вақт мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимон-иқтисодшиносон, ки ба масъалаҳои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудаанд, ҳисоботи илмии пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмиву таҳсилотии мамлакат, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот ташкил додаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корбасти методҳои умумиилмӣ, ба монанди методи абстраксияи илмӣ, диалектикӣ, омориву риёзӣ, дедуксия

ва индуксия, таҳлили омилӣ ва ғ. асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар кори мазкур методҳои таҳлили системавӣ, назарияи идоракунии оптималӣ, коркард ва интиқоли иттилоот, методи таҳлили сохторӣ, институтсионалӣ, стратегӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Ба сифати **сарчашмаҳои маълумот** маводи ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати минтақавии он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмӣ аз рӯйи маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, инчунин маълумотҳои Интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар назди шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2019 – 2023-ро дарбар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявӣ ва методии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НИОЗИ) ва асосноккунии пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

1. Доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот, ки бевосита ё бавосита дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд, муқаррароти муаллифӣ бароварда шудааст; мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ ва идоракунии оқилона (ҳамчун раванди дарккардашуда), ташаккули сохтори захираҳои истеҳсолӣ ва мувофиқати

хирадмандонаи онҳо, ки тавассути баъзе қоидаҳои додашуда ва ҳадафи корхона муқаррарсозии афзалиятро қонеъ мегардонад, муайян карда шудаанд.

2. Таснифу гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо (алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ), ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбанд, бароварда шудааст; доир ба ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамчун маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, таҳияи принсипҳои асосии интихоби қоидаҳои методӣ ва усулҳои арзёбӣ, ки ба таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд, таснифоти муаллифӣ дода шудааст.

3. Бори аввал ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, умуман номгӯи корҳое, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин арзёбӣ карда шудааст: қисм ба қисм ҷудокунӣ ва гурӯҳбандии номгӯйи корҳо ва равандҳое, ки бо низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошанд; пуррагии вазифа ва корҳои дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ТИОЗИ) иҷрошаванда; таъсиррасонии коллективӣ ва ҳамкориҳои муштараки иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо.

4. Исбот карда шудааст, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин самаранокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардоранд; дар натиҷаи мукаммалгардонии тадбирҳои агротехнологӣ, риояи принсипҳои

ташкили истеҳсолот, беҳтар кардани таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили илмии меҳнат, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва ғ. барои арзёбии манбаъҳо ва сарчашмаҳои захираҳои истифоданашудаи истеҳсолӣ методҳои ҳисоби коҳиши зарари зироатҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудаанд.

5. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору зернизомҳои он асоснок карда шудаанд.

6. Асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ), ки бо роҳи коркард ва амалӣ намудани маҷмуи барномаҳои мақсаднок (сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки имконият медиҳад муҳлати вақти ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас коҳиш дода шавад) ба ҳалли проблемаҳо мусоидат менамоянд, коркард карда шудаанд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муқаррароти муаллифӣ доир ба табиати захираҳои истеҳсолӣ ва мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодию ташкилӣ ва идоракунии оқилонаи (ҳамчун раванди дарккардашуда) равандҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ;

- гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаи байниҳамдигарии онҳо, ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбад;

- муайян кардани иттилооти нави идоракунӣ дар асоси арзёбии ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз рӯйи меъёрҳои муаллиф ва ғ.;

- асосноккунии бартарияти манбаъҳои ташкилии истифодаи оқилона, ки ба ҳамаи низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, инчунин методҳо ва арзёбии манбаъҳои истифоданашудаи захираҳои истеҳсолӣ;

- коркарди пешниҳодот доир ба таъсиси маркази методӣ оид ба ташаккули низоми ҳамгироии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар доираи иттиҳодияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору ҷузъу томҳои он;

- таҳияи асосҳои консептуалии коркард ва амалигардонии муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар самти рушди методҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ).

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ**от дар он ифода меёбад, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд дар раванди идоракунии ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуҳлат ва миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ истифода бурда шаванд.

Муқаррароти асосии диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳамчунин таҳияи курсҳои лексия аз фанҳои «Ташкили истеҳсолот», «Менеҷменти истеҳсолӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Назарияи иқтисодӣ», «Танзими давлатии иқтисодиёт» ва ғайраҳо истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар соҳаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва лоиҳаҳои онҳоро эҷодкорона истифода бурдааст. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, саҳеҳияти маълумот, монандии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва пешниҳодот бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқат мекунад: 10.1. Коркарди проблемаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибуҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқаманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар гузориш ва ҳалли масъалаҳои таҳқиқот тахти роҳбарии роҳбари илмӣ, омода кардани хулосаҳо ва пешниҳодоти дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада, ки ба мукаммалгардонии барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии

рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва амнияти озуқавории мамлакат имконият медиҳанд, инчунин дар пешниҳоди тавсияҳо доир ба такмил додани методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо (ИОЗ), дар мукаммалгардонии механизмҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳо ва рушди корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалӣ муҳокима гардидаанд ва баҳои мусбат гирифтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, дар конференсияҳои олимони ҷавон ва мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигарон пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 номгӯи корҳои илмии муаллиф дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд, ки 6-тои онҳо ба маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки 149 сарчашмаро фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 197 саҳифаро ташкил дода, дорои 8 расм ва 33 ҷадвал мебошад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНА ВА САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

## 1.1. Моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона ва истифодаи оқилонаи онҳо

Захираҳои истеҳсолӣ дорои хосияти ҳамдигаривазкунӣ мебошанд, бинобар ин, маҳсулот ё неъмат ҳангоми ҳамҷояшавии омилҳои мухталиф дар таносуби гуногун истеҳсол карда мешаванд. Чунин ҳамдигаривазкунии суръатнок ва тағйирёбии микдории таносубӣ барои истеҳсолоти муосир хосанд. Ҳамдигаривазкунандагии омилҳо натанҳо аз хусусиятҳои талабот ва зарурати маҳсулоти истеҳсолшаванда, балки аз як тараф аз маҳдудияти захираҳо ва аз тарафи дигар аз истифодаи оқилонаи онҳо вобастагӣ дорад. Соҳибкор ё роҳбари корхона чунин технологияи истеҳсолотро интихоб менамояд, ки омили нодир ё нисбатан гаронарзиши истеҳсолот камтар истифода бурда шавад. Дар назди роҳбари корхонаҳои дилхоҳ якчанд вазифаҳо гузошта шудаанд, ки дар байни онҳо муаммои интихоби қарори дуруст мақоми махсусро ишғол кардааст. Масалан, муаммоҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

- таҷҳизоту олоти меҳнати нисбатан гаронарзиш, ки бе иштироки бевоситаи корманд амалиёти мушкили технологиро иҷро менамояд, метавонад интихоб гардад, ё ин ки аз меҳнати махсусгардонидашуда истифода карда шавад;

- тазоди миёни сарфаи мавод, ки арзиши маҳсулотро кам менамояд ва сифати маҳсулот, ки дар ин асно паст хоҳад шуд, ба он зарар ворид мегардад;

- ивазкунии маводу маҳсулот: ҷустуҷӯйи мавод ва ё маҳсулоти ивазкунандаи нисбатан арзон, ки маблағ кам сарф гардида, маҳсулоти истеҳсолшаванда аз доираи фаъолият хориҷ карда шавад ва ғайраҳо.

Дар ҳолати мазкур, интихоби дуруст бисёртар аз донистани ҳолатҳои асосии ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад.

Ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта, вобаста ба ташаккули таълимоти рушди устувор аксари муаллифон қайд карда буданд, ки зарурати гузариш ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо натанҳо аз маҳдуд будани захираҳои табиӣ, балки аз қобилияти муҳити табиӣ ва дарки оқибатҳои фаъолияти истеҳсолӣ вобаста аст (масъалаҳои экологӣ ва ифлосшавӣ дар назар дошта шудаанд)[3]. Ба ғайр аз ин, кӯшиши ҳар як корхонаро барои кам кардани хароҷоти худ қайд кардан зарур аст, ки он бо роҳи истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо ба даст меояд.

Пеш аз он ки мафҳуми ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаро муайян созем, кӯшиш менамоем, ки ба мазмуни муфассали ин зуҳурот, инчунин низоми умумии категорияҳои бо ҳам алоқаманд, аз қабили мафҳуми «омилҳои истеҳсолот», «захираҳои истеҳсолӣ», «иқтидори захиравӣ», «истифодаю ташкили оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ» равшанӣ андозем.

Як қатор олимон категорияи захираҳо, аз ҷумла, захираҳои истеҳсолиро бо тарзҳои гуногун тасниф медиҳанд. Дар ҷадвали 1.1 мафҳуми захираҳо, ки аз ҷониби муаллифони гуногун шарҳ дода шудаанд, нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.1. - Тафсири мафҳуми захираҳо аз тарафи муаллифони гуногун**

| Муаллифон | Таърифи мафҳуми захираҳо |
|---|---|
| Анчишкин Л. И. | Нишонаи умумии захираҳои истеҳсолӣ имкониятҳои иқтидории иштироки онҳо дар раванди истеҳсолот мебошад,аммо ба ғайр аз ин шарти зарурӣ, дар барои таъмини рушди хоҷагидорӣ боз шарти кифоягӣ низ мавҷуд аст, ки аз маҳдуд будани захираҳои истеҳсолӣ аз ҷиҳати таркиб ва ҳаҷм бармеояд. Ин гуна захираҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳиманд, зеро дар мавриди тағйирёбии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири он ба сатҳи истеҳсолоти ҷамъиятӣ рӯи кор меояд[4]. |
| Борисов С. Г. | Зери мафҳуми захираҳо имкониятҳои меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва зеҳнии корхона фаҳмида мешавад, ки корхона метавонад онро доро бошад ё ба даст орад. |

[3] Белашов, Л. А. и др. Экономические основы малоотходных и безотходных производств [Текст] / Белашов Л.А. и др. - Киев: Наук. – Думка, 1986. – 142 с.
[4] Анчишкин, Л.И. Прогнозирование роста социалистической экономики [Текст] / Л. И. Анчишкин – М.: «Экономика», 1973. - 294 с.

**Идомаи ҷадвали 1.1**

| Муаллифон | Таърифи мафҳуми захираҳо |
|---|---|
| Евдокимова М.А. | Захираҳои истеҳсолӣ маҷмуи қувваҳои табиӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ва маънавие мебошанд, ки метавонанд ҳангоми истеҳсоли мол ё хизматрасониҳо истифода бурда шаванд[5]. |
| Маниловский Р.Г. | Захираҳо воситаҳое мебошанд, ки корхона соҳиб аст ва метавонад барои ба мақсадҳои гузошташуда расидан истифода бурда шаванд, ҳамзамон ҳангоми банақшагирии истеҳсолот ва иҷрои нақшаҳо ҳамчун маҳдудиятҳои воқеӣ баромад кунанд. Инҳо асосан омилҳое мебошанд, ки ба истифодаи имкониятҳои иқтидории корхона таъсири бевоситаи худро мерасонанд[6]. |
| Ионов И. Х. | Захираҳо маҷмуи унсурҳои мавҷудаи истеҳсолот мебошанд, ки метавонанд дар раванди истеҳсол кардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин хизматрасониҳо мавриди истифода қарор гиранд. |
| Павлов В.А. | Тасаввуроти молиявӣ оид ба захираҳо: захираҳо дороиҳо ва сарчашмаҳои воситае мебошанд, ки ҳаракати онҳо дар вақт аз маҷмуи воситаҳои ба ҳисоббаробаркунии муҳосибӣ монанд иборат аст. Низоми захираҳо дорои сохтори шабакавӣ мебошад, ки дар гиреҳҳои он ҳисобҳои молиявии дороиҳо ва сарчашмаҳои воситаҳо қарор дошта, ҷавҳари онҳоро маҷмуи воситаҳо ташкил медиҳанд[7]. |
| Фонотов А. Г. | Мутобиқи чунин омил бояд захираи истеҳсолӣ ҳисоб карда шавад, ки барои истифодаи он дар доираи сикли истеҳсолӣ таъсири ақаллан чунин маҳдудият мушоҳида шавад: ҳаҷми талабот ба омили додашуда бо ҳаҷми захираҳои он муқоисашаванда бошад. Интенсивнокии истифодаи омили мазкур аз инҳо вобаста мебошад: аз ҳаҷми захираҳои он; аз хароҷот барои пурра ва васеъ намудани захираҳо; аз хароҷот барои ҷалби омили додашуда дар муомилоти хоҷагидорӣ[8]. |
| Олимов А.Х., Аминзода З.М. | Захираҳо омилҳо ва унсурҳои раванди истеҳсолот буда, ба туфайли якҷояшавию ивазкунии якдигар вобаста аз хусусияти раванди истеҳсолот барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии мухталиф мусоидат мекунанд.[9] |
| Қудратов Р.Р | Захираҳои истеҳсолӣ маҷмӯи захираҳои моддӣ ва молиявӣ, табиӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги ташкилӣ мебошанд, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ ва арзишҳои дигар истифода мешаванд[10]. |

[5] Евдокимова, М.А. Экономика производства. Экономические ресурсы производства [Текст] / М.А. Евдокимова.-СПб.: СПбЛТА, 2001.- 68 с.

[6] Маниловский, Р.Г. Интенсификация использования производственных мощностей в машиностроении [Текст] / Р.Г. Маниловский. - М.: Машиностроение, 1983. – 184 с.

[7] Павлов, В.А. Метод математического моделирования систем ресурсов предприятия [Текст] / В.А. Павлов // Вестник Московского технического университета им. Баумана. Сер.: естеств. науки. – 2002. - № 1. - С. 95 -104.

[8] Фонотов, А. Г. Ресурсный потенциал: планирование, управление [Текст] / А.Г. Фонотов. - М.: Экономика, 1985. - 152 с.

[9] Олимов, А.Х. Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ: критерия, омилҳо ва нишондиҳандаҳо [Матн] / А.Х. Олимов, З.М. Аминзода // Кишоварз, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. - 2021. - № 1(90). – С. 124-130.

[10] Кудратов, Р.Р. Значение использования резервных факторов в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Кудратов // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет). Серия экономических наук. - 2018. - № 1(61). - С.121-126.

**Хотимаи ҷадвали 1.1**

| Муаллифон | Таърифи мафҳуми захираҳо |
|---|---|
| Насиров Р. | Захираҳои иқтисодӣ ҳама неъматҳои табиӣ, аз он ҷумла, заминӣ, инсонӣ ва неъмате мебошад, ки инсон сохтаасту дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ истифода мешаванд ва ба натиҷаҳои истеҳсолот таъсир мерасонанд[11]. |
| Луғати муосири иқтисодӣ | Захираҳои иқтисодӣ (калимаи фаронсавии ressource – воситаи ёрирасон) сарчашмаҳо ва воситаҳои таъмини истеҳсолот мебошанд[12]. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, муаллифон оид ба захираҳои истеҳсолӣ ақидаҳои гуногун доранд:

- захираҳои истеҳсолӣ - омили маҳдуди истеҳсолот;

- захираҳои истеҳсолӣ-унсури истеҳсолот барои ташкили неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ;

- захираҳои истеҳсолӣ-маҷмуи неруҳои табиӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ва ғайримоддӣ (маънавӣ).

Нишона ва ё аломати умумии захираҳои истеҳсолӣ имкониятҳои имконпазири иштироки онҳо дар раванди истеҳсолот мебошад. Шарти мазкур зарурӣ буда, аммо нокифоя мебошад. Шарти дуюм маҳдуд будани ҳаҷм ва таркиби захираҳои истеҳсолӣ дар сатҳи додашудаи рушди иқтисодӣ ва муҳимияти иқтисодии захираҳои истеҳсолии аз он ҳосилшаванда мебошад, ки дар таъсири тағйирёбии ҳаҷми захираҳои истеҳсолӣ ба сатҳи мавҷуда ё эҳтимолии истеҳсолот ифода меёбад. Ин маънои онро дорад, ки на ҳамаи унсурҳои имконпазири дар раванди истеҳсолот иштироккунандаро метавон захираҳои истеҳсолӣ ҳисоб кард.

Дар адабиёти иқтисодӣ чунин қабул шудааст, ки омилҳои истеҳсолот (меҳнат, предмети меҳнат, воситаи меҳнат) дар муносибат бо захираҳои

---

[11] Насиров, Р. Особенности земельных ресурсов как главное средство производства в сельском хозяйстве [Текст] / Р. Насиров, О.В. Буранов и др. // Матер. респуб. научно-практич. конф. на тему: «Индустриализация аграрного производства – фактор устойчивого развитие отрасли» (ТАУ имени Ш.Шохтемур, 2020). – Душанбе. - 2020. - С.174-176.

[12] Райзберг, Б.А., Лозовский, Л.Ш. Стародубцева, Е.Б. Современный экономический словарь, 2-е изд., испр. [Текст] / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. – М.: ИНФРА-М.-1999. - 478 с.

истеҳсолӣ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи мо, ин тасаввурот оид ба захираҳои истеҳсолӣ ниҳоят маҳдуд мебошад. Дар маҷмуъ барои истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасониҳо унсурҳои гуногун, аз қабили мавод, таҷҳизот, қувваи корӣ, маблағ, иттилоот ва ғ. харҷ мешаванд. Онҳо дар доираи технологияи муайяни истеҳсолӣ байни ҳам амал карда, сифаташон тағйир меёбад ва ба маҳсулоти мушаххас мубаддал мегарданд. Маҷмуи унсурҳои гуногунҷинсае, ки ба раванди истеҳсолот бевосита ё бавосита ҷалб карда шуда, аз нуқтаи назари натиҷаи ниҳоӣ муҳим мебошанд, омили истеҳсолот номида мешаванд. Ё ба ибораи дигар, омилҳои истеҳсолот захираҳое мебошанд, ки дар раванди истеҳсолот ба таври воқеӣ истифода бурда мешаванд.

Аз муайяннамоиҳои болозикр фарқияти асосии мафҳуми захираҳои истеҳсолӣ аз омилҳои истеҳсолӣ ба миён меояд, ки ба таври зерин ифода меёбад: дар раванди истеҳсолот истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ҳатмӣ нест, гарчанде ки ҳамеша чунин имконияти имконпазирро доранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки захираҳои истеҳсолӣ нисбат ба омилҳои истеҳсолӣ мафҳуми хеле васеъ мебошад.

Ба ақидаи мо, захираҳои истеҳсолӣ ин якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот мебошад, ки бевосита ё бавосита дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва микдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд.

Чунин муайянкунӣ талаб менамояд, ки ибораҳои «ҳолати маҳдуди сифатӣ» ва «якҷояшавии муайян» шарҳ дода шаванд. Сохтори захираҳо аз мавқеи истифодаи самаранокиашон дорои гуногунҷинсии сифатӣ мебошанд. Фарқияти сифатии захираҳое, ки дорои як тип мебошанд, хусусияти тасодуфӣ надоранд. Онҳо дар фосилаи нисбатан тӯлонии вақт нигоҳ дошта мешаванд. Дар як вақт захираҳои сатҳҳои гуногуни сифатӣ метавонанд бо ҳам дар ҳолати устувори муқоисавӣ қарор дошта бошанд. Истифодаи мувозии захираҳои сифаташон гуногун - ин хосияти воқеии рушди иқтисодӣ буда, хусусияти хоси дохилии он мебошад. Интихоби

озоди захираҳо барои ҳар як ҷузъу томи корхона дар доираи он фосилае вуҷуд дорад, ки ба воситаи ояндаи наздиктарини рушди сифатии он муайян карда мешавад.

Ҳанӯз дар асри гузашта ба адабиёти иқтисодӣ мафҳумҳои «захираҳои сифатӣ» ва «захираҳои оммавӣ» ворид карда шуда буданд[13]. Захираҳои сифатӣ аз таҷҳизоти махсусгардонидашуда, қувваи кории баландихтисос, маводҳои мутобиқи хосияташон асоснок ва ба хусусияти талабот мувофиқ иборат мебошанд. Аз ҷиҳати илми иқтисодиёти институтсионалӣ ин захираҳоро дороиҳои (активҳо) хоси корхона меноманд. Таркиби дохилии захираҳои сифатӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ тағйир меёбад. Сарчашмаи пуррагардонии захираҳои оммавӣ қувваи кории ҳанӯз ба истеҳсолот ҷалбнашуда ва захираҳои табиии азхудкарданашуда мебошанд. Берун аз ҳудуди раванди иқтисодиёт ҳамеша якчанд захираҳои аввалия мавҷуданд, ки дорои хусусиятҳои нисбатан пасти сифатӣ мебошанд. Дар ҳолатҳои муайяни хоҷагидорӣ ин гуна захираҳо метавонанд ба истеҳсолот ҷалб карда шаванд. Сифати захираҳои истифодашаванда метавонад аз меъёри миёна ба ин ё он тараф тағйир ёбад. Аммо корхона бо сабабҳои воқеӣ наметавонад дар як вақт технология ва захираҳои меҳнатии беҳтарин дошта бошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки корхона метавонад норасоӣ ва ё маҳдудияти захираҳоро дар ҳама ҳолат эҳсос намояд. Воқеан, ду марҳилаи ҳолати норасоии нисбии захираҳоро метавон ҷудо намуд:

- талабот ба намудҳои мушаххаси захираҳо, ки дар мавриди норасоӣ аз ҳисоби истифодаи намудҳои дигари захираҳо қонеъ гардонида мешавад;

- пайдоиши норасоии мутлақ, вайроншавии мувозинатӣ (таносуб).

Дар шароити вайроншавии мувозинатӣ механизмҳои мутобиқгардонӣ коркард карда мешаванд, ки фаъолияти онҳо ба пуррагӣ ё қисман бартараф намудани натиҷаҳои манфии норасоии бевоситаи захираҳо

[13] Белановский, С.А. Факторы эффективности управленческого труда в промышленности [Текст]: Отв. ред. Ю.В. Яременко / С.А. Белановский. - М.: Наука, 1988. - 165 с.

равона мегардад. Мазмуни ин механизмҳо асосан дар таъсиси низоми захираҳои иловагӣ ифода меёбад.

Акнун ба моҳияти истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ истода мегузарем. Бояд қайд кард, ки мафҳумҳои оқилона ва самаранок аз рӯйи маънояшон ба ҳамдигар наздик буда, якдигарро мукаммал мегардонанд. Истилоҳи «самаранок» аз калимаи лотинии «affectivus» гирифта шуда, маънояш додани натиҷаҳои дилхоҳ ва самаранок мебошад. Самаранокии иқтисодии истеҳсолот таносуби байни натиҷаҳои истеҳсолоту арзиши меҳнат ва маблағҳое, ки барои ба даст овардани онҳо сарф мешаванд, мебошад[14].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми самаранок асосан ҳамчун ноил гардидан ба натиҷаҳои бештар зимни кам кардани хароҷот ё паст намудани маҷмуи хароҷот нисбат ба воҳиди маҳсулот истифода бурда мешавад. Фаъолияти самаранок пешниҳод менамояд, ки аз рӯи меъёрҳои муайян аз байни вариантҳои гуногун беҳтаринаш интихоб карда шавад. Ҳамин тавр, фаъолият ё амал ҳамон вақт самаранок ҳисоб карда мешавад, ки агар корхона бо роҳи кам кардани хароҷот ба натиҷаи зиёдтари иқтисодӣ ноил гардад.

Истилоҳи «оқилона» бошад, аз калимаи лотинии «rationalis» гирифта шуда, маънои хирадмандона, оқилона, мақсаднок ва асоснокро дорад[15]. Дар энсиклопедияи иқтисодӣ мафҳуми «иқтисодиёти оқилона» ба таври зерин шарҳ дода шудааст: иқтисодиёти оқилона тавассути якчанд қоидаҳои додашуда муқаррарсозии афзалиятро (бартариятро) қонеъ мегардонад»[16].

Иҷро кардани шартҳои муайян ҳамон вақт оқилона ҳисоб карда мешавад, ки агар вайронкунии онҳо барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ

---

[14] Большой экономический словарь [Текст] / Под ред. И.Н. Азрилияна. - М.: Институт новой экономики, 1999. - 1248 с.
[15] Райзберг, Б.А. Современный экономический словарь, 2-е изд., испр. [Текст] / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. – М.: ИНФРА-М, 1999. - 478 с.
[16] Экономическая энциклопедия [Текст] / Науч. ред. совет изд-ва «Экономист»; Институт экономики РАН; Гл. ред. Л.И. Абалкин. - М.: ОАО «Издательство «Экономика». - 1999. - 1055 с.

таъсири манфӣ расонад. ИОЗ-ро ҳамчун категорияе ҳисоб кардан мумкин аст, ки муносиб будани раванди истифодабарии онҳоро дар доираи талаботи воқеии мавҷудбуда тавсиф мекунад.

Фаъолият ё амал ҳамон вақт оқилона ҳисоб карда мешавад, ки агар корхона бо роҳи истифода бурдани захираҳои миқдорию сифатии муносиб ва асосноккардашуда ба мақсадҳои худ ноил гардад ё ин ки ба он наздик шавад[17].

Мафҳуми истифодаи оқилона ва самараноки захираҳо, ки аз ҷониби олимон тавсиф гардидааст, дар ҷадвали 1.2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.2. - Мафҳуми истифодаи оқилона ва самараноки захираҳо, ки аз ҷониби олимони гуногун тавсиф карда шудааст**

| Муаллифон | Тавсифҳо |
|---|---|
| Абалкин Л. И. | Самаранокии иқтисодӣ робитаи истеҳсолии байни истеҳсолкунандагони шарикӣ вобаста ба афзоиши истеҳсоли молҳои моддӣ ва ҳамзамон, кам кардани арзиши умумии қувваи кории як воҳиди маҳсулотро ифода мекунад[18]. |
| Бурдакова В. А. | Самараноккунонии истифодаи мавод раванди мукаммалгардонии омилҳои истеҳсолӣ ва муомилот мебошад, ки мақсад ва вазифааш аз сарфа кардани захираҳои моддӣ иборат аст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки истифодаи самаранок раванди истеҳсолот буда, сарфаи захираҳои моддӣ ин ё он натиҷаи раванди истифодаи оқилонаи маводро ифода мекунад. |
| Масютин С. А. | Фаҳмиши истифодаи оқилонаи захираҳо, ки дар адабиёти иқтисодӣ оварда шудааст, асоснок аст, аммо ҳамаи маҷмуи проблемаро фаро намегирад, зеро он нафақат сарфаи захираҳо, истифодаи мукаммалтарини онҳо, таҳлили нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии истифодаи захираҳо, ба даст овардани арзишҳои зиёди истифодабарӣ, балки ҷустуҷӯи захираҳо, муайян кардани сохтори муносиби захираҳо, инчунин хусусиятҳои сифатии онҳоро бояд дарбар гирад[19]. |

[17] Махкамова Ч.А. Моҳияти иқтисодии захираҳои истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч. А. Махкамова //Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2021.-№ 2(68).- С.65-69.

[18] Абалкин, Л. И. и др. Проблемы социалистического расширенного производства и совершенствования хозяйственного механизма [Текст] // Л.И. Абалкин и др. – М.: Мысль, 1982. - 237 с.

[19] Масютин, С.А. Корпоративное управление: опыт и проблемы: монография [Текст] / С.А. Масютин. - М.: «Финстатинформ», 2003. - 280 с.

**Идомаи ҷадвали 1.2**

| Муаллифон | Тавсифҳо |
|---|---|
| Дроздовский Э. Е. | Истифодаи оқилонаи захираҳо нафақат дар кам кардани ҳаҷми маводу захираҳо, балки дар ба даст овардани миқдори зиёди арзишҳои истифодабарӣ аз маҳсулоти хоми дар гардиш мавҷудбуда, самараноккунонии сохтори маводҳо ва захираҳои истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсолот, бо назардошти ҳамдигаривазкунии захираҳо ифода меёбад. |
| Фарманов Р. Ф. | Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ чунин ҳамҷоякунӣ ва истифодабарии намудҳои гуногуни захираҳо дар ҷараёни истеҳсолот мебошад, ки ҳангоми ба таври ҳадди аксар истифода бурдани иқтидорҳои иқтисодӣ корхона ба мақсадҳои худ ноил мегардад. Дар ин ҳолат, принсипи истифодабарии нисбатан пурра ва самараноки захираҳо дар ҳолати кам кардани таркиби миқдории онҳо риоя карда мешавад[20]. |
| Балашова Р. И. | Истифодаи оқилона ва самараноки ҳамаи намуди захираҳои корхона аз маҷмуи чорабиниҳо ва параметрҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмӣ, молиявӣ, дигар намуди чорабиниҳо ва параметрҳое иборат мебошад, ки ба ноил гардидан ба рушди корхона дар асоси ҳамҷоякунии функсияҳои иқтисодӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои захиравии худ равона карда шудааст[21]. |
| Низомова Г. Д. | Самаранокии фаъолияти корхона аз бисёр ҷиҳат ба ҳолатҳои зерин вобастагӣ дорад, аз ҷумла, дуруст муқаррар намудани миқдору сифат ва муҳлатҳои истеҳсоли маҳсулот дар робита бо арзаву тақозои бозор; интихоби технология ва ташкили мақбули истеҳсолот; таъминоти саривақтӣ ва оқилонаи захираҳо, бузургии сармояи асосиву гардон, шаклҳо ва усулҳои фурӯши маҳсулот ва ғайра22. |
| Олимов А.Х.,<br>Аминова Г. М. | Маънои иқтисодии самаранокии истеҳсолот дар муайян кардани он ки натиҷа бо кадом арзиш, бо кадом хароҷот ва бо кадом бузургии захираҳо ба даст омадааст, ифода меёбад. Яъне, дар ин ҷо сухан дар бораи самаранокии шакли хароҷот (таносуби натиҷа ба хароҷот) ва шакли захираи истеҳсолӣ (таносуби натиҷа ба захира ва омилҳои истеҳсолот) меравад[23]. |

---

[20] Фарманов, Р.Ф. Формирование системы рационального использования производственных ресурсов на предприятиях АПК (на примере Республики Дагестан) [Текст]: автореферат дисс... канд. экон. наук: 08.00.05 / Фарманов Рустам Фирязович. - Махачкала, 2009. - 24 с.

[21] Балашова, Р. И. Методологические основы эффективного использования ресурсов предприятий / Р. И. Балашова // Научно-исследовательский журнал «Экономические исследования и разработки» [Отрытий электронный ресурс]: http://edrj.ru/article/19-01-16 (дата обращения 23.04.2022).

[22] Низомова, Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ [Матн] / Т.Д. Низомова.-Душанбе.: ҶДММ «Бебок», 2012.-236 с. -С. 115.

[23] Олимов, А.Х. Экономическая сущность и факторы повышения эффективности сельского хозяйства [Текст] / А.Х. Олимов, Г. М. Аминова // Земледелец, ТАУ имени Ш. Шохтемура. - 2019. - № 1(81). - С. 142-145.

**Идомаи ҷадвали 1.2**

| Муаллифон | Тавсифҳо |
|---|---|
| Қудратов Р.Р. | Самаранокии истеҳсолӣ ин раванде мебошад, ки бо хароҷот ва меҳнати камтарини моддӣ барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот миқдори зиёди маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда мешавад[24]. |
| Садридинов С., Пулатов Я. Э. | Яке аз шартҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ прогресси илмӣ-техникӣ, дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадам, инчунин рушди мақсадноки соҳаҳои марбута дар ҳар як ноҳия, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ бо назардошти шароитҳои табиӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, ҷойи муҳимро дар истифодаи оқилонаи захираҳо проблемаи сарфакории иқтидорҳои иқтисодӣ ишғол мекунад[25]. |
| Мирзоев Қ.С. | Самаранокӣ ҳамон вақт бештар ва хубтар ба даст оварда мешавад, ки дар ташкили истифодабарии ҳама гуна захираҳо мутаносибӣ ба назар гирифта шавад[26]. |
| Тағоев Ҷ.Ҳ., Комилов Н.Б. | Яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии интенсификатсияи кишоварзӣ ин ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мебошад, ки ҳамзамон аз истифодаи самараноки захираҳои замин гувоҳӣ медиҳад27. |
| Одинаев Ш.Т., Давлаталии Ш. | Самаранокии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ категорияи иқтисодие мебошад, ки маҷмуи мураккаби муносибатҳои объективии танзимшавандаи байни давлат ва корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), иттиҳодияҳои саҳомӣ, соҳаҳо, зербахшҳои истеҳсолоти кишоварзии деҳотро инъикос мекунад ва дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ оид ба такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо хароҷоти ҳадди ақалли моддӣ - пулӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ татбиқ карда мешавад[28]. |

[24] Кудратов, Р.Р. Экономическая эффективность производства и переработки продукции садоводства [Текст] / Р.Р.Кудратов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2017. - № 3(53). -С.73-76.

[25] Садридинов, С. Развитие сельского хозяйства в годы независимости Республики Таджикистан [Текст] / С. Садридинов, Я. Э. Пулатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016.-№ 2/5(207). - С. 14-18.

[26] Мирзоев, Қ. С. Таҳлили вазъи муосири соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ. С. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 3. - С.119-126.

[27] Тағоев, Ҷ.Ҳ. Вазъи истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он [Матн] / Ҷ.Ҳ Тағоев, Н.Б. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - № 3. - қ.2. - С. 170-179.

[28] Одинаев, Ш.Т. Ҷанбаҳои назариявии муайян кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Т Одинаев, Давлаталии Шариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. - қ.1. - С.88-92.

**Хотимаи ҷадвали 1.2.**

| Муаллифон | Тавсифҳо |
|---|---|
| Абдуллоев А.А., Раҳимов З. А. | Аз оқилона амалӣ намудани чорабиниҳои самарабахши байни ҳам алоқаманд ва ҳамдигаривазкунанда, асосноккунии истифодаи ҳамҷояи иқтидорҳои табиӣ-захиравии хоҷагиҳо бо иқтисодиёти минтақа устувории истеҳсолоти кишоварзӣ, самаранокии он ва дар ин асос ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти озуқавории кишвар бисёр вобаста мебошад[29]. |
| Коллективи кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав | Истифодаи оқилонаи захираҳо - ин истифодаи маҷмуавии захираҳо, яъне истифодаи ҳамаи хусусиятҳо ва сифатҳои захираҳо мебошад. |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Азбаски дар раванди муносибгардонӣ аз варианти самаранокиаш камтар ба варианти самаранокиаш бештар гузашта мешавад, бинобар ин, проблемаи арзёбии самаранокӣ ва муносибгардонӣ байни ҳам алоқаманд мебошанд.

Варианти муносиб нисбатан самаранок мебошад. Аммо дар фаъолияти амалӣ ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки истифодаи самараноки захираҳо маънои муносиб ва баръакс, истифодаи муносиби захираҳо маънои самаранокии онҳоро надорад.

Истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳамчун категорияе ҳисоб кардан мумкин аст, ки муносиб будани раванди истифодаи захираҳоро дар доираи талаботи воқеии онҳо тавсиф менамояд.

Ҳамин тавр, истифодаи захираҳоро ҳамон вақт оқилона ҳисоб кардан мумкин аст, ки агар дар мувофиқа бо сатҳи истифобарии воқеӣ амал кунад.

Проблемаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ бениҳоят васеъ мебошад. Бинобар ин, олимон ҷиҳатҳои алоҳидаи онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Ба андешаи Ашуров И.А. ва Раҳимов З.А. аз андешидани тадбирҳои оқилона доир ба ташкили истифодаи судманди захираҳо ва захираҳои ҳамдигаривазкунанда, асосноккунии илмии

[29] Абдуллоев, А.А. Организация и развитие сельскохозяйственного предпринимательства [Текст] / А.А. Абдуллоев, З.А. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. - № 2/4 (89). - С. 8-12.

истифодаи ҳамҷояи иқтидорҳои табиӣ-захиравии субъектҳои иқтисодӣ устувориву самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин гашта, дар ин асос ба ҳалли муаммоҳои амнияти озуқаворӣи кишвар мусоидат менамояд[30].

Ба ақидаи мо, дарки мафҳуми истифодаи оқилонаи захираҳо, ки қаблан андешаҳои арзишманди олимонро нисбат ба он баррасӣ намуда будем, дар ҳар сурат маҳдуд мебошад. Вай дар худ натанҳо сарфаи захираҳо, истифодаи пурраи онҳо, таҳлили нишондиҳандаҳои миқдориву сифатии истифодаи захираҳо ва бардоштани сатҳи баланди арзиши истеъмолии онҳо, балки дарёфти иқтидори нуҳуфта, муайян намудани сохтори муносиби захираҳо ва тавсифи сифатии онҳоро дарбар мегирад.

Масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳо дар доираи масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар таҳқиқоти олимон Воҳидов В.В., Пиризода Ҷ.С., Қудратов Р.М., Пиракова Р.М., Каримов Н.Я. ва дигарон ба таври муфассал саҳеҳ карда шудаанд. Шукуров Б. У. ва Барфиев К. Х. низ оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фикру ақидаи худро илман асоснок кардаанд[31]. Дар корҳои илмии Авзалов Х.А., Мирҷамолов М.А. ва Нуралиев А.Н. масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд[32]. Шарипова Ф.Д. ва Сироҷова Т.М. бошанд, яке аз тарзҳои рушди устувори

30 Ашуров, И.С. Сарфакории энергия дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / И. С. Ашуров, З. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2016. - № 2/2 (215). - С. 148-153.

31 Шукуров, Б.У. Анализ состояния валового сбора сельскохозяйственных культур дехканских (фермерских) хозяйств Республики Таджикистан, пути обеспечения их конкурентоспособности [Текст] / Б. У. Шукуров, К. Х. Барфиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально - экономических и общественных наук. – 2012. - № 2/2. - С. 14-19.

32 Авзалов, Х.А. Занятость в личном подсобном хозяйстве как способ снижения уровня безработицы в сельской местности Республики Таджикистан [Текст] / Х.А Авзалов, М.А. Мирджамолов, А.Н. Нуралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. - № 2/5 (92). - С. 19-21.

комплекси агросаноатиро дар инфрасохтори истеҳсолӣ асоснок кардаанд[33]. Инчунин Ҳайитбоева Н.А. дараҷаи истифодабарии захираҳои меҳнатиро дар шароити муосир мавриди таҳқиқ карор додааст[34].

Бояд таъкид намуд, ки дар аксари таҳқикоти олимони ватанӣ миёни мафҳумҳои истифодаи «оқилона» ва «самаранок»-и захираҳо фарқгузорӣ нашудааст. Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳамчун раванди дарккардашуда, мутобиқ ба ҳаҷми меҳнати зарурии ҷамъиятӣ (барои ҷамъият зарур), ки ба истифодаи самараноки онҳо мусоидат менамояд, шарҳ додан мумкин аст. Ин раванд зуҳуроти бефосила буда, бо инкишофи ақида ва фаъолияти ақлонии инсон алоқаманд мебошад. Дар натиҷаи дастовардҳои илмӣ он чизе, ки дирӯз оқилона буд, имрӯз метавонад ғайриоқилона гардад. Масалан, метавон самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро дар натиҷаи бефосила истифода бурдани поруҳои минералӣ ва маводи кимиёвӣ зиёд намуд. Лекин ин самаранокии кутоҳмуддат сифати оқилона надорад, зеро минбаъд ба рӯи кор омадани зуҳури қонуни «таназзули манфиати замин»-ро, ки восита ва захираи асосии соҳаи кишоварзӣ мебошад, боис мегардад. Вобаста ба ин, бояд илова намуд, ки дар замони муосир тибқи таълимоти рушди устувор раванди истифодаи захираҳо ҳамон вақт оқилона мегардад, ки агар дар натиҷаи он хоҷагиҳо ба мақсадҳои стратегиву дарозмуҳлати худ наздик шаванд. Бинобар он, нақш ва ҷойгоҳи мафҳуми «оқилона» ва «истифодаи оқилонаи захираҳо» дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодиву экологии соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ меафзояд[35].

---

[33] Шарипова, Ф.Д. Производственная инфраструктура - основа устойчивого развития агропромышленного комплекса [Текст] / Ф. Д. Шарипова, Т.М. Сироджова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016.- № 2/8(215). - С. 99-102.

[34] Хайитбоева, Н.А. Степень использования трудовых ресурсов сельского хозяйства в новых условиях [Текст] / Н. А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. - № 2/5(207). - С.56-59.

[35] Махкамова, Ч. А. Арзёбии ҳолати истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон. [Матн] / А.Б.Мирсаидов, Ч. А. Махкамова. //Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон. Душанбе. - 2022.- № 2 (267). - С. 111-118.

Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимону мутахассисон истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳамчун муносибати ба дониш ва неруи ақлонӣ такядоштаи хоҷагидорон, ки истифодаи ҳамаи хусусияту сифатҳои захираҳо ва ҳамдигаривазкунии онҳоро бо мақсади рушди устувору дарозмуҳлати хоҷагӣ таъмин менамояд, фаҳмидан мумкин аст.

Ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун яке аз маҷмуи вазифаҳои идоракунии захираҳо, дорои хусусияти хоси ташкилӣ буда, қариб, ки ҳамаи шаклҳо ва алоқамандии самтҳои додашуда ва ҳамаи фаъолияти корхонаро ба ҳамдигар вобаста мекунад. Маҳз бо ҳамин хусусият мураккаб ва меҳнатталаб будани таҳлили шаклҳои мавҷуда, синтези шаклҳои ташаккулёфта ва методҳои таҳкими сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ муайян карда мешавад[36].

Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохила бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ алоқамандии зич дошта, аз низоми мураккабе иборат мебошад, ки маҷмуи захираҳо (захираҳои замин, меҳнат, техникӣ ва технологӣ) ва вобастагии байниҳамдигарии онҳоро дарбар мегирад. Истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳо бо интенсификатсияи истеҳсолот зич алоқаманд мебошад. Бинобар ин, муҳимияти масъалаи таҳқиқи проблемаҳои рушди интенсивии иқтисодиёт ва интенсификатсияи истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла, соҳаи кишоварзӣ ба миён меояд[37].

Садридинов С. ва Пулатов Я.Э. дуруст қайд кардаанд, ки вазифаи муҳими соҳаи кишоварзӣ бо хароҷоти ками меҳнат ва восита аз ҳар як гектар замин зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот мебошад. Барои таъмини ҳосили баланд ва устувор, инчунин рушди бомуваффақияти растанипарварӣ ҷойгиркунии илман асосноккардашудаи зироатҳои

[36] Борисов, Е.В. Организация рационального использования производственных ресурсов предприятия [Текст]: дисс... канд. экон. наук: 05.02.22 / Борисов Евгений Викторович. - Воронеж, 2005. -184 с.
[37] Махкамова, Ч. А. Методические подходы к оценкам эффективности использования производственного потенциала сельскохозяйственных предприятий [Текст] / Ч. А. Махкамова //Вестник Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2019. - № 1/4(68). - С. 251-255.

кишоварзӣ аз рӯи минтақаҳои иқтисодӣ-табиӣ, иқлимӣ-агробиологӣ, хоҷагиҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо дар он ҷое амалӣ карда мешавад, ки шароити нисбатан хуб доранд[38].

Дар муайян кардани мафҳумҳои «сарфакорӣ»-и захираҳои моддӣ ва «истифодаи оқилона» баъзе печдарпечиҳо дида мешаванд. Ба таври умумӣ сарфаи захираҳои моддӣ ҳамчун баланд бардоштани сатҳи истифодаи фоиданоки онҳо муайян карда мешавад. Ин тарзи сарфаи захираҳои моддӣ дар паст кардани хароҷоти маводҳо нисбат ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда ҳангоми баланд бардоштан ё нигоҳ доштани сифат ва сатҳи техникии маҳсулот ифода меёбад. Ба ҷузъ ин, истилоҳи «сарфаи захираҳои моддӣ» ба маънои манфиат ва фоида, ки дар натиҷаи истифодаи оқилонаи онҳо ба даст оварда шудааст, фаҳмида мешавад. Номувофиқатии истилоҳӣ асосан натиҷаи ба таври гуногун муносибат намудани муаллифон ба масъалаи муайян кардани мафҳумҳои «сарфа» ва «истифодаи оқилона» мебошад. Бинобар ин, пеш аз ҳама зарур аст, ки фарқи дақиқи байни мафҳумҳои «истифодаи оқилона» ва «сарфа» муайян карда шавад. Аз рӯи муносибаташон бармеояд, ки «истифодаи оқилона» мафҳуми васеътар мебошад. На ҳамаи «сарфакорӣ», масалан, сарфакории маводҳо дар як вақт мавҷуд будани шароитро барои «истифодаи оқилона» талаб мекунад. Ҳамзамон, шарт нест, ки «истифодаи оқилона»-и маводҳо ба сарфакории хароҷоти маводҳо ва меҳнати дастаҷамъона оварда расонад. Маҳдудияти захираҳои истеҳсолӣ ташкили истифодаи оқилонаи онҳоро талаб мекунад.

Пеш аз он ки ташкили истифодаи оқилонаи захираҳоро муайян намоем, мафҳуми «ташкили истеҳсолот»-ро дида мебароем. Ташкили истеҳсолот гуфта, якҷоякунӣ ва пайвасткунии муайяни унсурҳои шахсӣ ва моддии истеҳсолот дар ҳудуд ва вақт, яъне одамон, восита ва предмети меҳнат, натиҷаҳои технологияҳои мавҷуда, меъёрҳои муқарраргардида,

---

[38] Садридинов, С. Развитие сельского хозяйства в годы независимости Республики Таджикистан [Текст] / С. Садридинов, Я. Э. Пулатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016.-№ 2/5(207). - С. 14-18.

ҳаҷм ва номгӯи маҳсулот бо мақсади дар вақт ва муҳлати муайяншуда расидан ба натиҷаҳои бештари истеҳсолӣ фаҳмида мешавад.

Ташкили истеҳсолот бояд зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти зарурии босифатро тавассути мукаммалгардонии шаклҳо, амсилаҳо, намуди маҳсулот, зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат, кам намудани хароҷоти истеҳсолот, беҳтар кардани шароити меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги техникии кормандон таъмин намояд[39].

Ташкили истеҳсолот бо маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва қоидаҳое заминагузорӣ карда мешавад, ки ҳамҷояшавӣ ва баҳамтаъсиррасонии самараноки ҳамаи унсурҳои раванди истеҳсолот ва дар ин асос, ба даст овардани маҳсулоти истеҳсолотро ҳангоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар ҳаҷми муайянгардида ва сифати зарурӣ таъмин менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамҷояшавии муносиби ҷузъу томҳои сохтории корхона, тахассуси муносиб, ҷамъкунӣ, муттаҳидсозӣ, омехтагардонӣ, ташкили ҳудудӣ ва вақтии захираҳои истеҳсолӣ, таъмини мувозинатии (баробартаносубӣ) ҳамаи унсурҳои истеҳсолот, ташкили оқилонаи равандҳои ёрирасон ва хизматрасон, инчунин ба роҳ мондани шароити зарурииро барои фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ талаб мекунад. Таҳти ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ иҷрои муназзами низоми чораҳо фаҳмида мешавад, ки вазифааш аз ҳамҷоякунии муносиби миқдорию сифатии захираҳои истеҳсолии илман асосноккардашуда дар раванди ягонаи истеҳсолӣ бо мақсади таъмин ва амалигардонии ҳадафҳои корхона иборат мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба ақидаи мо, моҳияти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ТИОЗИ) корхона аз фароҳам овардани шароитҳои ташкилӣ оид ба таври ҳадди аксар истифода бурдани имкониятҳои истеҳсолӣ ва расидан ба мақсадҳои корхона бо роҳи

---

[39] Голов, Р.С. Теория организации. Организация производства: Интегрированное: Учебное пособие / Под ред. А.П. Агарков. Монография [Текст] / А.П. Агарков, Р.С. Голов, А.М. Голиков. - М.: Дашков и К., 2013. - 272 с.

муттаҳидсозии муносиби захираҳои моддӣ, технологӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ дар ҳудуд ва вақт, инчунин муайян кардани алоқаи ташкилию иқтисодии байниҳамдигарии онҳо иборат мебошад.

Ҳамин тавр, дар доираи ин параграф аз ҷониби мо мафҳумҳои «истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ва «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» муайян гардида, моҳият ва мазмуни ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маънидод карда шудааст. Масъалаҳои гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ ва омилҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ муҳтавои параграфи навбатӣ мебошад.

## 1.2. Гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ ва омилҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ

Шарти муҳимтарин барои таҳлили муфассали моҳият ва мундариҷаи ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ, инчунин ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи муносиби захираҳои истеҳсолиро тасниф ва ё гурӯҳбандии устувори захираҳои истеҳсолӣ, тақсимбандии онҳо ба синфҳо дар асоси нишонаҳои умумии объектҳо ва қонунияти алоқаҳои байни онҳо ташкил медиҳад.

Тавре дар адабиёти иқтисодӣ қайд карда шудааст, чӣ қадаре ки нишонаҳои гурӯҳбандӣ бештар ҷудо карда шуда бошанд, ҳамон қадар дараҷаи дарки объектҳо баланд мегардад[40]. Гурӯҳбандии захираҳоро ҳамчун яке аз методҳои идоракунӣ ва методи ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо дида баромадан мумкин аст. Гурӯҳбандии нисбатан паҳншудаи захираҳо тақсимоти онҳо мутобиқи намудҳо мебошад, ки то имрӯз тағйир наёфтааст.

---

[40] Селютин, С.В., Герасимов, Б.И., Пархоменко, Л.В., Епифанцева, Е.И. Организационно - экономический механизм управления затратами промышленного предприятия. /Под науч. ред. д-ра эк. наук, проф. Б.И. Герасимова. [Текст] / С.В.Селютин, Б.И Герасимов, Л.В. Пархоменко, Е.И. Епифанцева. – Тамбов: Изд-во Тамб.гос.тех. ун-та, 2003. - 112 с.

Олимони тоҷик захираҳоро бо тарзҳои гуногун гурӯҳбандӣ кардаанд. Масалан, Раҳматзода Х.Б. дар мавриди масъалаҳои таъмини рақобатпазирии соҳаҳои кишоварзӣ захираҳои зеринро ҷудо намудааст: моддӣ-техникӣ (мавод, технология, таҷҳизот); меҳнатӣ; захираҳои гармию энергетикӣ (ЗГЭ); нақлиётӣ (дастрасӣ ба коммуникатсияи нақлиётӣ ва техникаи марбута); молиявӣ ва иттилоотӣ[41].

Олим аз Россия-Райзберг Б. А. захираҳои табиӣ (ашёӣ, геофизикӣ), меҳнатӣ (неруи инсонӣ), воситаҳои муомилот (мавод), захираҳои иттилоотӣ ва молияви (сармояи пулӣ)-ро ҷудо кардааст[42]. Мавриди зикр аст, ки чунин тақсимот хусусияти маҳдудкунӣ дорад. Ба ақидаи мо, гурӯҳбандии нисбатан хуби захираҳо дар диссертатсияи доктории Иванов В.В. пешниҳод карда шудааст[43]. Он намудҳои зерини захираҳоро дарбар мегирад:

1. Маъмурӣ;
2. Иттилоотӣ;
3. Моддӣ;
4. Патентию литсензионӣ;
5. Технологӣ;
6. Меҳнатӣ;
7. Молиявӣ.

Ба назари мо, дар ин гурӯҳбандӣ гурӯҳи захираҳои табиӣ вуҷуд надоранд.

Бояд қайд намуд, ки дар назарияи иқтисодӣ захираи қобилияти соҳибкорӣ (ташаббускорӣ), яъне, қобилияти инсон оид ба истифодаи

---

[41] Рахматзода, Х.Б. Пути повышения конкурентоспособности отрасли сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст] / Х.Б. Рахматзода // Материалы международной научно-теоретической конференции на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, ТАУ им. Ш. Шохтемур. - 2022. - С. 252 - 255.
[42] Райзберг, Б.А., Лобко, А.Г. Программно-целевое планирование и управление [Текст] / Б.А. Райзберг, А.Г. Лобко. - М.: ИНФРА-М, 2002. – 428 с.
[43] Иванов, В.В. Организация диверсификации производства на основе вариантного ресурсного обеспечения [Текст]: дисс… д-ра экон. наук: 08.00.28 / Иванов Валерий Викторович. - М., 1998. - 340 с.

ҳамҷояи захираҳо барои истеҳсоли маҳсулот, қабули қарорҳои пай дар ҳам, ворид намудани навоварӣ ва ба таваккал рафтанро ҷудо мекунанд. Муаллифони алоҳида ин захираҳоро чун захираҳои меҳнатӣ тавсиф кардаанд[44].

Дар гурӯҳбандии иқтисодчиёни Ғарб дар баробари захираҳои анъанавӣ, ба монанди ашёи хом, мавод, технология ва меҳнат, инчунин сармоя, идоракунӣ ва заминро низ ҷудо мекунанд[45]. Лекин ин гуна фарқият фақат дар истилоҳот дида мешавад.

Дар таҷрибаи амалӣ идоракуниро метавон ба захираҳои маъмурӣ, сармояро бошад, ба захираҳои моддӣ, ки ба он натанҳо ашёи хом ва мавод, балки таҷҳизот, бино ва иншоот низ дохил мешаванд, алоқаманд намуд.

Бо сабаби то вақтҳои охир мавҷуд набудани имконияти ҳуқуқи ба даст овардани замин ҳамчун моликияти шахсӣ, дар таҷрибаи мо замин ба ҳайси захира, аз ҷумла, захираи истеҳсолӣ дида баромада намешуд. Дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1996 қабул шудааст, ба шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин дода шудааст[46]. Бинобар ин, аз ҳамон вақт мо чунин меҳисобем, ки замин захираи корхона мебошад. Дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар он замин ҳамчун захира ва воситаи асосии истеҳсолот дониста мешавад, ин захира ниҳоят муҳим аст.

Ҳамин тариқ, захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ захираҳои асосӣ (заминавӣ) буда, захираҳои маъмурӣ, патентию литсензионӣ, технологӣ ва молиявӣ захираҳои аз захираҳои асосӣ ҳосилшаванда мебошанд.

Азбаски дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ захираҳои табиӣ шартҳои истеҳсолотро муайян мекунанд ва ба муомилоти хоҷагӣ ҷалб карда мешаванд, бинобар ин, онҳо ҳамчун захираи истеҳсолии корхона баромад мекунанд.

---

[44] Сербиновский, Б. Ю. Теория и методы диагностики производственных систем [Текст]: дисс… д-ра экон. наук. / Сербиновский Борис Юрьевич. - Новочеркасск, 2001. - 424 с.
[45] Степнов В. И. Материальные ресурсы: рациональное использование и экономия. [Текст] /В. И. Степнов.-М.: Экономика. - 1985. -376 с.
[46] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 декабри соли 1996, № 327). – 44 с.

Захираҳои табиӣ ҳамаи омилҳои моддиро, ки табиат барои одамон дар намуди замини кишт, хок, ҷангал, об, ҳаво, гармӣ ва ғайраҳо пешниҳод менамояд, муттаҳид месозанд.

Қайд кардан зарур аст, ки низоми истеҳсолот манбаи захираҳои моддӣ маҳсуб меёбад. Зери мафҳуми захираҳои моддӣ бояд захираҳое дар назар дошта шаванд, ки инсон дар раванди фаъолияти меҳнатиаш бунёд ва ҷамъ намудааст. Ба онҳо захираҳои табиӣ (захираҳои замин) дохил намешаванд, чунки захираҳои моддӣ танҳо дар зери таъсири меҳнати инсон ба захираҳои истеҳсолии моддӣ табдил меёбанд. Захираҳои истеҳсолии моддӣ фондҳои истеҳсолӣ (биноҳо, иншоот, таҷҳизот, нақлиёт), киштзор, фондҳои муомилотӣ (ашёи хом, мавод, воситаҳо) ва захираҳои энергетикӣ (қувваи барқ, захираҳои нефту газ, энергияи буғӣ)-ро дарбар мегиранд.

Захираҳои моддӣ маҷмуи воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнатӣ буда, дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидор қарор доранд ва дар раванди такрористеҳсолӣ истифода бурда мешаванд. Захираҳои моддӣ ҳамагуна унсурҳои ашёии истеҳсолот, ба монанди захираҳои табиӣ, ашёи хом, воситаҳои меҳнатро фаро мегиранд. Агар соддатар карда гӯем, захираҳои моддӣ-техникӣ ҷараёни моддие мебошанд, ки дар раванди истеҳсолот дигаргун мешаванд[47].

Ба андешаи мо, зери мафҳуми захираҳои технологӣ пайдарҳамии муайяни методҳо, равандҳо, қоидаҳо ва шартҳои дигари ҳамкории мутақобилаи захираҳои моддӣ, ки дар натиҷа маҳсулоти мушаххас истеҳсол карда мешавад, бояд фаҳмида шавад. Истифодаи захираҳои технологӣ ба таъмини сифати зарурии маҳсулоти истеҳсолшаванда равона карда шудааст.

Асоси захираҳои технологиро технологияи истеҳсолие, ки равандҳо, воситаҳо ва предметҳои меҳнат, тарзу усул ва пайдарҳамии тарзҳои

[47] Ҳисайнов, Н.А. Хусусиятҳои ташаккули захираҳои моддӣ- техникии корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Н. А. Ҳисайнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 9. - С. 269-273.

истеҳсоли маҳсулот, инчунин шакли самараноки тақсимоти меҳнатро муайян мекунад, ташкил медиҳад.

Захираҳои иттилоотӣ аз қисмҳои зерин иборат мебошанд: прогресси илмӣ-техникии ғайримоддӣ (донишҳо, арзишҳои таълимӣ, иттилооти илмӣ-техникӣ, патентҳо ва ғайраҳо), шуури ахлоқӣ-сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва иттилоотӣ-эстетикӣ. Қисми таркибии пешбарандаи захираҳои иттилоотиро иттилооти идоракунӣ дарбар мегирад, ки ба захираҳои ҳисоботӣ-оморӣ ва меъёрӣ-нақшавӣ тақсим мешавад.

Захираҳои иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ маҷмуи намудҳои гуногуни иттилоот мебошад, ки барои коркард ва қабули қарори идоракунӣ заруранд. Захираҳои иттилоотӣ аз дигар намуди захираҳо (моддӣ, табиӣ ва ғайра) бо он фарқ мекунанд, ки онҳо бемаҳдуд мебошанд. Яъне, вобаста ба тараққиёти корхона ва рушди талабот ба иттилоот захираҳои он тамом намешаванд, баръакс зиёд мегарданд. Захираҳои иттилоотӣ ба корхона имконият медиҳанд, ки мавқеи рақобатпазирии худро беҳтар намоянд[48].

Барои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон омили иттилоот, хусусан тавассути машварати иттилоотӣ хеле муҳим аст. Истифодабарии чунин майдони иттилоотӣ ба молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки бо механизмҳои дастгирии давлат шинос шуда, онҳоро ба пуррагӣ истифода баранд, мониторингу таҳлили бозори фурӯши маҳсулотро дар дохил ва хориҷи кишвар ба роҳ монанд. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти бузург доранд[49]. Нақши низоми таркибии захираҳои иттилоотӣ то ҳол ба таври кофӣ, ҳатто аз ҷиҳати шарҳдиҳии сифатӣ низ омӯхта нашудааст.

Захираҳои меҳнатӣ категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки дар як вақт ҳамчун ченаки иқтидори меҳнатӣ ва ҳамчун

---

[48] Цвиркун, Е.С. Повышение эффективности функционирования сельскохозяйственных организаций на основе ресурсосберегающих технологий [Текст]: дисс… канд. экон. наук: 08.00.05 / Цвиркун Евгений Сергеевич. - Саранск, 2014. - 148 с.

[49] Акрамова, Б. А. Ҷанбаҳои назариявии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Б. А Акрамова, Ф.Б. Саидаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - № 3. - қ. 1. - С. 40-45.

нишондиҳандаи микдорӣ хизмат мекунанд. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатро нисбат ба аҳолӣ ифода мекунанд. Инчунин онҳо дар асоси шартҳои аз ҷониби давлат муқарраргардидаи барқароркунии қувваи корӣ қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии фаъолияти меҳнатиро доро ҳастанд. Захираҳои мазкур ҳамчун нишондиҳандаи миқдорӣ шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда, инчунин аҳолии қобили меҳнат ва дорои синну соли корӣ, ки дар иқтисодиёт машғул нестанд, инъикос менамоянд. Ин қисми фаъол ва ғайрифаъоли захираҳои меҳнатиро маънидод мекунад. Яке аз хусусиятҳои тағйирнаёбандаи бахши кишоварзиро мувофиқ наомадани давраи корӣ бо вақти истеҳсолот, ки бо хусусиятҳои биологии растаниҳои кишоварзӣ алоқаманданд, ташкил медиҳад[50]. Ин маънои онро дорад, ки талабот ба захирахои меҳнатӣ дар мавсими кишту кор ва ҷамъоварии маҳсулот зиёд шуда, дар ҳолатҳои дигар паст мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар диссертатсия ба ҳайси захираҳои истеҳсолӣ он захираҳои меҳнатие ҷудо карда шудаанд, ки бевосита дар раванди истеҳсолот ва хизматрасониҳои он иштирок мекунанд.

Захираҳои молиявии корхона маҷмуи воситаҳои пулие мебошанд, ки барои ташкил намудани фондҳои мутамарказонидашуда ва ғайримутамарказонидашуда истифода бурда мешаванд. Ба захираҳои молиявӣ муаллиф он фондҳоеро мансуб медонад, ки бо мақсади дастгирии раванди фаъолияти истеҳсолот таъсис дода шудаанд: фонди музди меҳнат ва фонди соҳаи иҷтимоиёти кормандони истеҳсолот, фонди андӯхт ва рушди истеҳсолот ва ғайраҳо.

Маълум аст, ки ҳар як намуди захираҳои номбаршуда аз зернамудҳо иборат мебошанд, ки дар навбати худ онҳоро низ тақсим кардан мумкин аст. Масалан, захираи фондҳои асосиро метавон ба таҷҳизот, нақлиёт, сохтмон ва ғайраҳо ҷудо намуд.

[50] Мадаминов, А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана [Текст] / А.А. Мадаминов. – Душанбе, 2006. -300 с.

Бо сабаби содда будани баҳисобгирӣ ва идоракуниашон, мо захираҳоро дар шакли васеъ дида мебароем. Инчунин қайд менамоем, ки захираҳои корхона бо захираҳои пешниҳоднамудаи мо маҳдуд намешаванд, зеро ҳар як корхона барои худ захираи заруриро мустақилона интихоб мекунад. Бинобар ин, гурӯҳбандии аз тарафи мо пешниҳодшуда танҳо он намудҳои асосии захираҳоро муайян мекунад, ки дар дилхоҳ корхонаи истеҳсолӣ вуҷуд доранд.

Аз нуқтаи назари имконияти таъсиррасонии нақшавӣ дар доираи сикли истеҳсолӣ захираҳои идорашаванда ва идоранашавандаро ҷудо мекунанд. Ҳамон захираҳо идорашаванда ҳисоб карда мешаванд, ки ба онҳо дар давоми сикли истеҳсолӣ бо мақсади зиёд намудани ҳаҷм, беҳтаршавии сифатнокӣ, такмили сохтори захираҳо ва маҷмуи онҳо таъсир расонида мешаванд. Чи қадаре ки давомнокии сикли истеҳсолӣ зиёд гардад, ҳамон қадар миқдори зиёди захираҳо ба захираҳои идорашаванда табдил меёбанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ захираҳо ба захираҳои доимӣ ва тағйирёбанда гурӯҳбандӣ карда шудаанд[51]. Захираҳои доимӣ чунин захираҳое мебошанд, ки миқдори онҳо дар давраи кӯтоҳмуддат бо мақсади баланд бардоштан ё кам кардани ҳаҷми истеҳсолот наметавонанд тағйир ёбанд. Ба он нигоҳ накарда, ки танҳо қисми ками захираҳо, ҳатто дар вақти ниҳоят кӯтоҳ доимӣ боқӣ мемонанд, хароҷот барои тағйир додани захира метавонад баланд ва ғайри қобили қабул бошад. Ҳатто, вақте ки захираҳо тағйир намеёбанд, миқдори онҳо метавонад ба воситаи технологияи истифодашаванда, мавҷуд набудани таъминкунандаҳои иловагӣ ва (ё) омилҳои вақт маҳдуд гардад. Мисолҳои захираҳои доимӣ фондҳои асосӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, «ноу-хау» ва ғайраҳо мебошанд. Захираҳои тағйирёбанда захираҳое мебошанд, ки вобаста аз хоҳиши баланд бардоштан ё паст кардани ҳаҷми истеҳсолот миқдори онҳоро ба осонӣ

[51] Степнов, В.И. Материальные ресурсы: рациональное использование и экономия [Текст] / В.И. Степнов. - М.: Экономика. - 1985. - 376 с.

тағйир додан мумкин аст. Ба захираҳои тағйирёбанда қувваи барқ, ашёи хом, мавод ва захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд.

Бояд захираҳои то оғози раванди истеҳсолот ва захираҳои дар раванди истеҳсолот иштироккунандаро фарқ кард. Маълум аст, ки захираҳои аввалӣ дуюмиро тавлид менамояд. Дар ин ҳолат, гурӯҳбандии гурӯҳҳои якум ва дуюми захираҳоро тартиб додан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум ҳамаи захираҳои дар корхона мавҷуд буда дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, танҳо он захираҳое мансуб мебошанд, ки корхона аз байни захираҳои дар ихтиёраш мавҷуд буда интихоб намудааст ва онҳоро дар раванди истеҳсолот истифода мебарад. Дар ин гурӯҳ захираҳо аз рӯи зернамудҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Масалан, корхона дорои трактор, испор, комбайн, тухмипошак ва ғайраҳо буда, дар айни замон танҳо трактор ва испорро истифода мебарад.

Қайд кардан зарур аст, ки гурӯҳи сеюми захираҳо, яъне маҳсулоти тайёри корхона вуҷуд дорад. Ин гурӯҳи захираҳо захираҳои истеҳсолии ба таври пурра азнавташкилёфтаро дарбар мегирад. Яъне тибқи хусусияти истифодабариашон захираҳои худӣ, қарзӣ, ҷалбшуда ва омехтаро фарқ кардан мумкин аст. Аз рӯйи қобилияти такрористеҳсолкунӣ бошад, захираҳои такрористеҳсол ва ғайритакрористеҳсол вуҷуд доранд.

Инчунин захираҳои дуюмдараҷа захираҳое мебошанд, ки пас аз истифодаи маротибаи якум метавонанд дар истеҳсолот ҳамчун ашёи хоми аввалия ё маҳсулот такроран мавриди истифода қарор гиранд. Онҳо сарчашмаи захираҳои моддӣ-техникии иловагӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ҳайси сарчашмаҳои асосии захираҳои дуюмдараҷа партовҳои истеҳсолот ва истифодабарии маҳсулот хизмат мекунанд. Ҳамзамон, захираҳои ташкилӣ-иқтисодӣ низ ҷудо карда шудаанд. Ин гуна захираҳо муайянии микдорию сифатии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин таносуби байни захираҳои истеҳсолии азназаргузаштаи корхона ва барасмиятдарории ташкилии онҳо буда, истифодаи оптималии якҷояшавии онҳо, ягонагии тамоми равандҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои истеҳсолиро таъмин менамоянд.

Захираҳои инвеститсионӣ ҳамаи захираҳои воситаҳои моддии ҷамъшуда – таҷҳизоти истеҳсолӣ, асбобу анҷом ва воситаҳои технологӣ, ҳаҷми ашёи хом ва маводи дар раванди истеҳсоли маҳсулот истифодашавандаро муайян мекунанд.

Академик Пириев Ҷ. С. қайд мекунад, ки ягон давлати дунё аз тамоми намуди захираҳо ҳамчун захираҳои инвеститсионӣ ба қадри кофӣ таъмин нашудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳудуди як кишвар мумкин аст, ки як намуди захираҳо зиёд, дуввумӣ камёфт ва саввумин маҳдуд бошанд. Бинобар ин, ҳар як давлат кӯшиш мекунад, ки аз захираҳои дар ихтиёр доштааш, махсусан, захираҳои камёфт ва захираҳои маҳдуд самаранок истифода намояд[52].

Қаблан мо бо сабаби ниҳоят тез будани суръати талабот ба захираҳо афзудани сатҳи маҳдудияти захираҳо назар ба сатҳи такрористеҳсолкунии онҳоро (маҳдудиятҳои мутлақ ва нисбии захираҳо) нишон дода будем. Маҳдудияти мутлақ нокифоя будани захираҳои истеҳсолиро барои қонеъ гардонидани ҳамаи талабот мефаҳмонад. Аммо агар доираи истифодабарандагонро танг намоем, он гоҳ маҳдудияти мутлақи истифодабарандагон ба маҳдудияти нисбӣ табдил меёбад, зеро барои доираи маҳдуди истифодабарандагон захираҳо нисбатан беҳудуд мебошанд. Аз гуфтаҳои боло зарурати истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ ба миён меояд. Ин муаммо яке аз проблемаҳои асосии «назарияи иқтисодӣ, ки бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъият роҳҳои беҳтари истифодаи захираҳоро таҳқиқ менамояд», ба ҳисоб меравад[53].

Дар соҳаҳои комплекси агросаноатии мамлакат амалигардонии сармоягузориҳо дар самти таъмини беҳдошти заминҳои кишоварзӣ ва аз

---

[52] Пириев, Ҷ.С. Иқтисоди кишоварзӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ҷ.С. Пириев. - Душанбе: Ирфон, 2005. - 98с.

[53] Свободин, В.А. Системное исследование эффективности сельского хозяйства [Текст] / В.А. Свободин, М.Свободина // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 1997. - № 9. - С.10-14.

худ намудани заминҳои нав сурат гирифта истодааст. «То имрӯз дар самти азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми қариб 2 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст ва ҳоло чунин лоиҳаҳо ба маблағи 665 миллион сомонӣ идома доранд»[54]. Дар натиҷаи ин корҳо дар давраи солҳои 2017-2021 майдони заминҳои кишоварзӣ аз 4139,1 то 4305,1 ҳазор га васеъ шудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо арзишҳои муқоисавии соли 2021) аз 27,4 то 39,7 миллиард сомонӣ афзуда, сатҳи рушди он 144,9%-ро ташкил додааст[55]. Аммо бояд таъкид намуд, ки иқтидори нуҳуфтаи рушди соҳаҳои КАС хеле бузург аст ва истифодаи оқилонаву самараноки онҳо рушди ин соҳаҳоро боз ҳам дучанд хоҳад намуд. Таъмини интенсификатсияи истеҳсолот ҳам аз истифодаи меҳнати нав ва ҳам аз меҳнати кухна, ки дар омилҳои истеҳсолот дарҷ гардидаанд, вобаста мебошад. Бинобар ин, амали омилҳои хеле бисьёри интенсификатсия дар ниҳояти кор ба болоравии ҳосилнокии меҳнат ва умуман самаранокии истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ мусоидат менамояд[56].

Дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар доираи масъалаи мазкур бо мақсади ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зарурати омӯзиши шароит ва омилҳои бо ҳамдигар алоқаманд ва гуногунамалкунанда ба миён меояд. Дар робита ба

---

54 Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-26.12.с.2019. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.president.tj /node/ 13739., кушода. (санаи мурочиат: 01.12.с.2020).

55 Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - 413 с. – С. 287- 289 .

56 Мирсаидов, А.Б. Институциональные подходы к исследованию проблем интенсификации производства [Матн] / А. Б. Мирсаидов, Н. М. Орифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - № 7. - С. 174-180.

ин, таҳлил ва таснифоти омилҳо ва шароит имконият медиҳад, ки ба таври дақиқ принсипҳои мукаммали методологии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо ба роҳ монда шавад.

Гурӯҳбандии омилҳо ва шароити ташкили истеҳсолот дар амалия ба коркарди дақиқтари ин соҳа бо роҳи таҳлил, интихоби омилҳо ва шароите, ки аз ҷониби бахшҳои ташкилии корхонаҳо таъсир расонида мешавад (омилҳо ва шароити идоракунанда), инчунин муайян намудани самтҳои асосии фаъолият ва бо ин мақсад тақсими сарфакоронаи захираи рушди истеҳсолот мусоидат мекунад.

Дар ин замина, пеш аз ҳама зарур аст, ки тафсири мафҳумҳои «омил» ва «шароит»-ро муайян намоем. Дар луғати энсиклиопедияи шӯравӣ тафсири зерин оварда шудааст: омил (аз калимаи лотинии factor амалкунанда, иҷрокунанда) ин сабаб ва ё қувваи ҳаракатдиҳандаи ягон раванд ё зуҳуроте мебошад, ки хусусият ва ё нишонаҳои алоҳидаи онро муайян менамояд[57].

«Омил» одатан муайянкунандаи он қувваи ҳаракаткунандае мебошад, ки ба ташаккулёбии низом таъсир мерасонад ва ё кори низомро дар шароитҳои гуногуни моддӣ-техникӣ, ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ё ҳолатҳои табиӣ муайян месозад. Шароит бошад, амалҳои ин ё он омилҳоеро, ки ташаккулёбии низом ё худи низомро муайян мекунанд, таъмин менамояд. Омилҳо то он даме, ки шароити онҳоро бамиёноварда вуҷуд доранд, амал мекунанд. Шароит ҷузъи ғайрифаъол буда, омил нисбат ба он фаъолтар мебошад. Шароит ва омил алоқамандии муҳими сабабу натиҷаро инъикос мекунанд[58].

Аз рӯйи ақидаи олими рус Степнов В.И. вобаста ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ, зери мафҳуми «омил» ҳама гуна тарзҳо ва қоидаҳое, ки ба воситаи онҳо сарфаи захираҳо ва роҳҳои асосии

[57] Советский энциклопедический словарь / Гл. ред. А.М. Прохоров. - 4-е изд. [Матн] /М.: Сов. Энциклопедия, 1986. - 1600 с.
[58] Горелов, Н. А. Экономика трудовых ресурсов. [Текст] / Н. А. Горелов.- М,: Высшая школа, 1989. - 207 с.

кам кардани хароҷоти ин ё он намуди боигарии моддӣ ба даст меоянд, фаҳмида мешавад[59].

Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зери таъсири як қатор омилҳо ва шароит амалӣ карда мешавад. Таҳлили адабиёт ва дигар сарчашмаҳо нишон дод, ки дар илми иқтисодии муосир низоми муайяни номгӯйи омилҳои барои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо таъсиррасон мавҷуд нест. Оид ба гурӯҳбандии омилҳо якчанд фикру ақидаҳо вуҷуд доранд. Онҳо одатан ба омилҳои техникӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд[60]. Баъзе аз муҳаққиқон омили сохториро ҷудо намуда, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро ба омилҳои ташкилӣ ва табиӣ тақсим мекунанд. Гурӯҳи сеюм миқдори зиёди нишондиҳандаҳоро ҷудо менамоянд (тағйироти сохторӣ дар истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи техникии истеҳсолот, такмил додани идоракунии ташкили истеҳсолот, омилҳои соҳавӣ ва ғ.).

Таҳлили моҳият ва хусусиятҳои пайдоиши омилҳо нисбат ба раванди истеҳсолот имконият медиҳад, ки онҳо ба омилҳои берунӣ (идоранашаванда) ва дохилӣ (идорашаванда) гурӯҳбандӣ карда шаванд. Ин гуна гурӯҳбандӣ дар ҷадвали 1.3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.3. - Омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ки низоми ташкилии корхонаро муайян мекунанд**

| Омилҳо | Тавсиф |
|---|---|
| 1. Беруна | - сатҳи дахлпазирии давлат дар танзими захираҳои истеҳсолӣ;<br>- тағйирёбии нархҳои захираҳо дар бозори дохиливу ҷаҳонӣ;<br>- конъюнктураи бозорҳо, бозори меҳнат;<br>- нархи хизматрасониҳо дар бозори молиявӣ;<br>- тағйироти институтсионалӣ дар соҳа, тағйир ёфтани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғ. |

[59] Степнов, В. И. Материальные ресурсы: рациональное использование и экономия. [Текст] /В. И. Степнов.-М.: Экономика, 1985. -376 с.
[60] Сатановский, Р.Л. Производительность труда: Факторы и резервы роста. [Текст] / Р.Л. Сатановский. - М.: Экономика, 1988. - 89 с.

**Идомаи ҷадвали 1.3.**

| Омилҳо | Тавсиф |
|---|---|
| 2. Дохилӣ | - сатҳи сифативу миқдории заминаи моддиву техникии субъектҳои хоҷагидорӣ;<br>- иқтидори захираҳои сармоявии корхона;<br>- сатҳи мукаммалии механизмҳои дурнамогирӣ ва банақшагирии корхона, сатҳу сифати таҳия ва татбиқи бизнес-план ва лоиҳаҳо;<br>- ташкили меҳнат ва низоми ҳавасмандгардонии кормандон;<br>- коркарди тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолӣ ва ғ. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Аз рӯи ҷадвали мазкур муайян кардан мумкин аст, ки таъсиррасонӣ ба кадом омилҳо метавонад ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро нисбатан беҳтар гардонад.

Қайд кардан зарур аст, ки ба омилҳои берунӣ (идоранашаванда) он омилҳое дохил мешаванд, ки ба онҳо низоми ташкилӣ (хадамоти ташкилии корхона) таъсир расонида наметавонад ва мутаносибан таъсири онҳоро кам ва ё баръакс, зиёд менамояд.

Имкониятҳои таъсиррасонии низоми истеҳсолӣ ба омилҳои берунӣ маҳдуданд, зеро онҳо нисбат ба истеҳсолот ба таври воқеӣ амал мекунанд. Имкониятҳои воқеии батанзимдарории истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона дар муҳити дохилӣ ҷойгир мебошанд. Вале бояд қайд намуд, ки ин омилҳо ба низоми ташкилии истеҳсолот бо шиддатнокии гуногун таъсир мерасонанд. Масалан, тағйирёбии шароити техникиву технологии корхона маблағгузории ҷиддӣ ва муҳлати зиёди баргардонидани онро талаб мекунад. Ба танзим даровардани омили мазкур ба салоҳияти роҳбарияти ташкилот дохил шуда, аз хадамоти ташкилии корхона вобаста нест. Омилҳои дараҷаи мукаммалгардонии низоми ҳавасмандкунӣ ва банақшагирии истеҳсолот омилҳои зудамал буда, ба танзим даровардани онҳо осон мебошад ва маблағгузории зиёдро талаб намекунанд. Дар ин соҳа роҳҳои воқеии беҳтар намудани ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо мавҷуд мебошанд.

Омилҳои дохилӣ, ки ба ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолии корхона таъсир мерасонанд, хусусияти махсус доранд. Чорабиниҳои ба онҳо алоқаманд бояд асосан ба ташкили истифодаи захираҳо равона карда шуда, хусусияти ташкилкунандагӣ дошта бошанд ва барои амалӣ гардонидани онҳо маблағгузории калонро талаб накунанд.

Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ инчунин талаб менамояд, ки гурӯҳбандӣ аз рӯйи муҳимият ва омилҳои дохилӣ гузаронида шавад. Ба ақидаи мо, гурӯҳбандӣ аз рӯйи на камтар аз ду меъёр гузаронида мешавад: натиҷаи бадастомада (таносуби хароҷот ва фоидаи бадастомада) ва вақти барои иҷрои ин амал ҷудошуда. Меъёрҳои мазкур муҳиманд, зеро маҳз дар асоси онҳо миқдори зиёди қарорҳо қабул карда мешаванд.

Дар навбати худ омилҳои дохилиро ба омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ, ки гурӯҳи дуюми омилҳоро ташкил медиҳанд, тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи сеюми омилҳо, омилҳои хусусияти функсионалидошта тааллуқ доранд. Ин гурӯҳи омилҳо аз самтҳои фаъолияти корхона дар соҳаи истифодаи захираҳо, ташкили истифодаи самараноки воситаҳои асосии корхона, ташкили истифодаи сарфакоронаи воситаҳои гардони корхона, захираҳои хадамоти хизматрасон ва ёрирасон, инчунин аз ташкили кори кормандон вобастаанд.

Низоми омилҳои ба ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолии корхона таъсиррасон имконият медиҳад, ки ду гурӯҳҳои гурӯҳбандикардашуда якҷоя карда шаванд: омилҳо аз рӯйи соҳаи таъсиррасонӣ ва омилҳо аз рӯйи хусусияти таъсиррасонӣ. Ба андешаи мо, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳанги корҳои ташкилӣ ва истеҳсолӣ, омилҳои ташкилӣ, шароити меҳнат, банақшагирии истеҳсолот, мукаммалгардонии шакли ташкили идоракунӣ (беҳтар намудани сифати коргузорӣ ҳангоми кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳое, ки дар дохили воҳидҳои истеҳсолкунӣ ва дар маҷмуъ дар дохили корхона амал мекунанд),

тарзи беҳтари дараҷаи мутамарказонии вазифаҳои идоракунӣ (ташкили низоми мутамарказонидашудаи ба меъёр даровардани хароҷоти захираҳои моддӣ) нисбатан муҳим мебошанд.

Муҳимияти ташаккул додани идоракунии хароҷоти захираҳо бо он муайян мегардад, ки бо ин роҳ сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо бо маблағгузории кам ва дар муҳлати кӯтоҳ баланд бардошта мешавад. Ба ғайр аз ин, бе мавҷуд будани дараҷаи баланди идоракунии захираҳои истеҳсолӣ банақшагирии мувофиқи фаъолияти воҳидҳои корхона имконнопазир гашта, арзёбии ҳолати истеҳсолӣ дар вақти мушаххас душвор мегардад.

Гурӯҳи дигари омилҳо омилҳои техникӣ мебошанд. Масалан, бо ҷорӣ намудани таҷҳизот ё технологияи замонавии сарфакунандаи қувваи барқ, такмилдиҳии нақшаи таъминоти фондҳо, таъминоти барқ (бо роҳи ҷорӣ намудани таҷҳизоти муосир) ва баҳисобгирии он дар ҳамаи зинаҳо ва раванди истеҳсолот имконият медиҳад, ки оид ба истифодаи оқилонаи иқтидори корхона қарорҳои зарурӣ ва саривақтӣ қабул карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки низоми идоракунии сифати истеҳсолот дар корхона ба таркиб ва ташкили кор таъсир расонида, беҳтар кардани нишондиҳандаҳои сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, муайян намудани зарурати воридкунии стандартҳои давлатию соҳавӣ ва шартҳои техникӣ, инчунин ташаккул додани низоми ҳавасмандгардониро бо мақсади баланд бардоштани сифат дарбар мегирад. Зарурати идоракунии сифати маҳсулот бо он муайян карда мешавад, ки беҳтар шудани сифат ва эътимоднокӣ маҳсулотро зиёд карда, ба камшавии хароҷоти моддӣ оварда мерасонад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки на ҳамаи омилҳо ба натиҷаи мушаххас таъсири якхела мерасонанд. Мувофиқи қоида, омилҳои муҳимияташон зиёд ва муҳимияташон камтарро ҷудо кардан мумкин аст. Барои интихоб намудани омилҳое, ки ба самаранокии истеҳсолот таъсири муҳим мерасонанд, усули баҳогузории экспертиро истифода бурдан мумкин аст. Ин усул маҷмуи тартиб ва усулҳои мантиқиро дарбар гирифта, ба дастрас

намудани маълумоти зарурӣ аз мутахассисон оид ба омода кардан ва интихоби қарори оқилона равона карда шудааст.

Шароити дар корхона бавуҷудомада ба интихоби шакл, усулҳо, принсипҳои ҳалли масъалаҳо, баланд бардоштани сатҳи чорабиниҳои мушаххас, шаклҳои идоракунӣ, тақсимоти вазифаҳо, ташкили истеҳсолот ва ғайра таъсир мерасонанд. Баҳисобгирии шароит ва арзёбии идорашавандагии онҳо барои истифодаи пурраи омилҳо, ки ба ташкили истеҳсолот таъсир мерасонанд, зарур мебошад. Аз байни онҳо махсусан шароити ташкилиро ҷудо кардан мумкин аст, ки барои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ каммасраф мебошад.

Дар ҷадвали 1.4 шароити ташкилии муҳимияташон зиёд ва соҳаҳои ба онҳо мувофиқи ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таъсиррасон нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1.4. - Шароитҳои ташкилии ба роҳ мондани истеҳсолот**

| Шароитҳои ташкилӣ | Соҳаҳои таъсиррасон |
|---|---|
| Стратегия ва мақсади корхона, низоми истеҳсолӣ | Самтҳои ояндадори фаъолият, методҳо ва шаклҳои ташкили истеҳсолотро муайян мекунад. |
| Ҳолату сатҳи ташкили истеҳсолот | |
| Ҳайати шахсии хадамот ва шуъбаҳои корхона, номгӯйи вазифаҳои аз тарафи онҳо иҷрошаванда | Шакли идоракунии равандҳои зеринро муайян мекунад: идораи мутамарказонӣ ва ғайримутамарказонӣ, интиқоли хизматрасонҳо, равандҳои ёрирасон ва қисми равандҳои асосӣ ба дигар ташкилотҳо (аутсорсинг). Онҳо ба имконияти баланд бардоштани сатҳи ташкилӣ таъсир мерасонанд. |
| Махсусгардонии дохиликорхонавӣ, ҳудудӣ ва соҳавии истеҳсолоти ёридиҳанда ва хизматрасон | |
| Махсусгардонии мақсаднок (предметӣ, алоҳидагӣ) ва минтақаҳои истеҳсолии асосӣ дар алоқамандӣ бо ҷамъкунии ҳудудии истеҳсолоти объектҳои конструктивӣ-технологии якҷинса | |
| Тахассуснокии кормандон | |
| вазифа, ҳуқуқ, уҳдадориҳои хадамоти ташкили истеҳсолот | |
| Мавҷуд будани низоми ба тариб даровардашудаи мубодилоти иттилоот | Имконияти ҷамъ кардани маълумоти нисбатан пурраро оид ба раванди истеҳсолот, инчунин таъсиррасонии таъҷилиро ба раванди истеҳсолот муайян мекунад. |
| Тартиб додани нақшаи корхона, минтақаҳои истеҳсолӣ, нақлиёти дохилихоҷагӣ | |
| Сохтори ташкилии низоми истеҳсолот | |

**Идомаи ҷадвали 1.4.**

| Шароитҳои ташкилӣ | Соҳаҳои таъсиррасон |
|---|---|
| Дараҷаи иҷрои принсипҳои раванди истеҳсолот: давомнокӣ, бефосилагӣ, мутамарказонӣ, ҷамъкунӣ, мувозинатӣ, параллелӣ, ҳаммонандӣ, дақиққунӣ, якхелакунӣ ва ғ. | Ҳаҷми корҳо ва дараҷаи мураккабии онҳоро дар соҳаи ташкили истеҳсолот муайян менамояд. |
| Автоматикунонӣ ва механикунонии равандҳои истеҳсолот | |
| Истифодаи усулҳои пешрафтаи банақшагирии таъҷилии истеҳсолот | |
| Фарҳанги корпоративии корхона | Дараҷаи монеаҳоро ба чорабиниҳое, ки аз тарафи хадамоти ташкилии муассиса тарҳрезӣ шудаанд, муайян менамояд. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф дар асоси автореферати Фарманов, Р.Ф. Формирование системы рационального использования производственных ресурсов на предприятиях АПК (на примере Республики Дагестан) [Текст]: автореферат дисс. .... канд. экон. наук: 08.00.05 / Фарманов Рустам Фирязович. - Махачкала, 2009. - 24 с. - С.11 тартиб дода шудааст.

Шарти муҳимтарини ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо алоқамандии зич ва ҳатмии илми иқтисодӣ бо масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Азбаски ҳама гуна масъалаҳои техникӣ ва иқтисодии дилхоҳ корхона дар сохтори истеҳсолии он аз нав коркард мешаванд ва охирин бошад, дар навбати худ мунтазам тағйир меёбад, бинобар ин, ба вазифаҳои кормандони роҳбарикунанда таъмини ташкили назорати доимии равандҳои истеҳсолӣ дар корхона, иҷрои фондҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва дигар захираҳо дохил мешаванд[61]. Фақат ҳамин гуна назорат барои барқарор кардани ин ё он қонуният ва коркарди саривақтии тавсияҳои зарурӣ оид ба истифодаи максималии самтҳои ояндадори рушди ақидаҳои илмӣ-техникӣ, ё баръакс, оид ба саривақт ва бо хароҷоти камтарин даст кашидан аз тавсияҳои куҳнашуда ва ғайрисамарабахш иқтисодчиёнро бо мавод ва далелҳои раднопазир таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф омилҳо ва шароитҳои нисбатан фоиданок, ки барои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ зарур мебошанд, муайян карда шудаанд. Истифодаи оқилонаи

---

[61] Махкамова Ч.А. Гурӯҳбандии омилҳои ташкили истифодабарии самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч.А. Махкамова //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар, 2020.- № 1/4 (80), қ.2. - С. 180-186.

захираҳои истеҳсолӣ ва сафарбаркунии захираҳо проблемаҳои мураккаби иқтисодӣ мебошанд, ки ба онҳо омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Бинобар ин, таҳқиқоти проблемаи мазкур талаб мекунад, ки усулҳои муносибати низомӣ истифода шаванд. Ин пеш аз ҳама имконият медиҳад, ки нафақат омилҳо, балки дараҷаи таъсиррасонии онҳо низ муайян карда шаванд, инчунин алоқамандии байниҳамдигарӣ ва вобастагии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

Муҳимияти такмилдиҳии идоракунии истифодаи захираҳо бо он муайян карда мешавад, ки бо ин роҳ бо миқдори ками маблағгузорӣ ва дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо баланд бардошта мешавад. Ба ғайр аз ин, бе мавҷуд будани сатҳи баланди зарурӣ, ҳангоми идоракунии захираҳои истеҳсолӣ банақшагирии корҳои оптималии ҷузъу томҳои корхона ғайриимкон гашта, арзёбии вазъияти истеҳсолӣ дар лаҳзаи мушаххаси вақт мураккаб мегардад. Дар чунин шароит масъалаи қабули қарорҳои идоракунӣ аз тарафи роҳбарият ба таъхир меафтад, сифат ва асосноккунии қарорҳои қабулшаванда коҳиш меёбад, сабабҳои тағйирёбии раванди истеҳсолот таҳлил карда намешавад, шаклҳо, намудҳо ва усулҳои гуногуни ташкили истеҳсолот нисбат ба ташкилот муносибатҳои гуногунро талаб мекунад, ки дар натиҷа дараҷаҳои гуногуни мутамарказонии вазифаҳоро ба миён меорад. Агар истеҳсолот аз тарафи гурӯҳи одамон ба роҳ монда шуда бошад, дар низоми ташкилӣ дараҷаи ниҳоят баланди мутамарказонии вазифаҳо, ки дар вақти қабули қарор бо зарурати мавҷуд будани ҳолати мукаммали истеҳсолот вобаста мебошад, мувофиқат мекунад. Ҳангоми аз тарафи корманди алоҳида истеҳсол кардани маҳсулот, ҳалли вазифаҳои асосӣ, аз қабили назорат, мувофиқгардонӣ ва банақшагирӣ ғайриимкон мегарданд.

Дар ҳалли проблемаи хароҷоти оқилона ва мақсадноки захираҳои истеҳсолӣ ҷойи муҳимро бояд таҳқиқоти назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ равон карда шудаанд, ишғол намоянд.

Оид ба ташкил ва банақшагирии таъминоти моддӣ-техникӣ, баҳисобгирии ҳаҷми оптималии захираҳои истеҳсолӣ, муқаррар намудани меъёрҳои пешқадами сарфаи захираҳои моддӣ ва ашёи хом таҳқиқот ва коркарди зиёди назариявию амалӣ гузаронида шудаанд. Натиҷаҳои ба дастомада дар фаъолияти амалӣ ба таври васеъ истифода шуда истодаанд. Онҳо барои бениҳоят баланд бардоштани асоснокӣ ва эътимоднокии қарорҳои идоракунӣ, кам кардани ҳаҷми маводҳои барои маҳсулоти истеҳсолшаванда истифодашаванда, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омодагии технологии истеҳсолот оид ба самт ва номгӯйи корҳои корхона, ки бояд бо мақсади коҳиш додани муҳлату хароҷоти ташкил ва азхудкунии маҳсулоти нав иҷро гарданд, инчунин тақсим кардани вазифаҳо дар байни кормандон ва дигар ҷузъу томҳо, интихоби шакли рушди корхона мусоидат мекунанд.

Роҳи рушди афзалиятноки экстенсивӣ ва афзалиятноки интенсивӣ фарқият дорад. Интихоби роҳи рушд ва ҳамин тавр, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо аз мақсадҳои дар назди корхона гузошташуда ва имкониятҳои истеҳсолот вобаста мебошад. Хусусан, такмилдиҳии таъминоти моддӣ-техникӣ, таъмини саривақтӣ ва маҷмуавии захираҳои моддӣ, мукаммалгардонии идоракунии захираҳо, хоҷагии анбор, равандҳои таъмини захираҳои моддӣ, омодагии баланди истеҳсолӣ ва истифодаи маҷмуавии захираҳои моддӣ нақши муҳим мебозанд. Такмил додани сохтори истифодаи маводҳо омилҳое мебошанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ имконият фароҳам меоваранд. Мукаммалии ташкили низоми бамеъёрдарорӣ номгӯйи корҳоро оид ба ташкили такмилдиҳии методикаи сарфаи меъёрҳои хароҷоти захираҳои моддӣ, беҳтар намудани ташкили раванди бамеъёрдарорӣ, такмилдиҳии технологияи коркарди меъёрҳои хароҷот, инчунин такмили нишондиҳандаҳои арзёбии истифодаи захираҳои моддӣ муайян менамояд.

Сатҳи амалисозии ташкили илмии меҳнат дар ҷойҳои корӣ, ки бояд бефосилагии корҳо, бартараф кардани батаъхиргузориҳо, талафоти вақт

бо сабаби ҳаракатҳо ва рафтуомадҳои зиёдатӣ, саривақт таъмин накардани мавод, таҷҳизот, воситаҳо, дар таъмир будан ва ғайраҳоро таъмин намояд, фаъолияти устувори корхонаро кафолат медиҳад.

Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ муҳимияти махсуси онҳоро дар низоми идоракунии захираҳои истеҳсолӣ нишон медиҳад, аммо арзёбӣ ва баҳисобгирии таъсири омилҳои номбаршуда бо сабаби мукаммал ва амиқ набудани методикаи коркардашуда мушкилоти муайянро ба миён меоранд. Бинобар ин, ба омилҳои ташкилӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Шароити дар корхона баамаломада ба интихоби шаклҳо, усулҳо ва принсипҳои ҳалли вазифаҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд. Баҳисобгирии шароит ва арзёбии идорашавандагии онҳо барои истифодаи пурраи омилҳое, ки ба самаранокии истифодаи захираҳо таъсир мерасонанд, зарур мебошанд. Аз байни онҳо хусусан шароити ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамчун шарти нисбатан камхарҷ ҷудо намудан зарур аст.

Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ бо мукаммалгардонии сохтори ташкилӣ-хоҷагии онҳо алоқаи канданашаванда дорад. Аз он ки чӣ тавр тарзҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ амалисозии мақсадҳоро таъмин менамоянд, бисёр вобаста мебошад. Сохтори мушаххаси ташкилӣ-хоҷагидорӣ ҳамон маҷмуи имконпазири алтернативҳоро муайян мекунад, ки дар онҳо усулҳои беҳтари истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ҷустуҷӯ карда мешаванд. Сохтори ташкилӣ-хоҷагидории захираҳои истеҳсолот истифодаи оқилона ва самараноки ҳамаи низоми захираҳоро ҳавасманд гардонида, барои ба танзим даровардани фаъолияти хоҷагидорӣ шароит фароҳам меоварад. Дар ин ҳолат, корхона вобаста аз талаботи ҷорӣ ба раванди истеҳсолот ва қоидаҳои хоҷагидорӣ, фавран ба ҷустуҷӯйи ҳалли беҳтари масъала кӯшиш мекунад. Дар ояндаи дарозмуҳлат рушд ва такмилдиҳии сохтори ташкилӣ-хоҷагидорӣ маънои тағйирёбии меъёрҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, кӯшиши

ба даст овардани речаи беҳтарини фаъолиятро дар шароити зудтағйирёфта дорад.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ташкил ва тасдиқи методҳои идоракунии захираҳои истеҳсолиро бо тавсеаи ботадриҷи доираи фарогирии онҳо ва гузариш аз таъсиррасонӣ ба намудҳои ҷудогонаи захираҳо, дар маҷмуъ, ба идоракунии захираҳои истеҳсолӣ дар назар дорад. Айни ҳол ба ҳайси чунин идоракунӣ метавонанд барномаҳои маҷмуавии корхона баромад кунанд. Ин имконият медиҳад, ки барномаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ нафақат аз тарафи истифодабарандагони хусусӣ дар захираи мушаххас таҳия гардад, балки нақшаи маҷмуавии истифодабарии онҳо тартиб дода шавад. Дар қатори чунин барномаҳои маҷмуавӣ метавон усули барномаи мақсаднокро номбар кард.

Дар амалигардонии муносибати маҷмуавии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таъмини мувофиқати дақиқ ва таъсиррасонии байниҳамдигарии масъалаҳои стратегии дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва ҷорӣ муҳим мебошанд. Дар ин ҳолат, интихоби стратегияе, ки дар асоси ба ҳисобгирӣ ва таҳлили дурнамои дарозмуҳлати рушди илм ва техника, тағйирёбии сохтори истеҳсолот ва анъанаҳои бозори ҷаҳонӣ ташаккул меёбад, аҳамияти махсусро соҳиб мегардад.

Мо бо ақидаи олими тоҷик А.Рауфӣ розӣ ҳастем, ки дар татбиқи муносибати маҷмуавии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз тарафи соҳибкорон ва таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо муносибати моликиятро нақши гиреҳӣ медонад[62]. Воқеан ҳам, таъсири муносибати моликият ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва категорияи ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Моликият ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин муносибатҳо шаклҳои хоҷагидорӣ, меъёрҳои истифодаи захираҳо ва тақсимоти даромад, дараҷа ва сифати қонеъ гардонидани манфиати иқтисодӣ ва

[62] Рауфи А. Конкурентная экономика [Текст]: монография / А. Рауфи. - Душанбе: Дониш, 2014. – 608 с. ISSN 2075-294х

иҷтимоии корхонаҳоро муайян мекунанд. Ҷанбаҳои ҳуқуқии муносибатҳои моликият дар он ифода меёбад, ки тавассути санадҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд ва муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории захираҳои гуногуни моликият тааллуқдоштаро танзим мекунанд. Тавассути ин меъёрҳои ҳуқуқӣ моликият бар захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ шакли ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

## 1.3. Муносибати методӣ ба арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона

Солҳои охир рушди устувори бахши аграрии иқтисодиёти мамлакат мушоҳида мешавад. Тибқи маълумоти омории расмӣ солҳои охир суръати рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна 7%-ро ташкил додааст. Ҳамзамон, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022) таъкид гардидааст, ки бо вуҷуди ин, имконият дар самти самаранок истифода бурдани обу замин, баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва ҳосилнокии зироат то ҳол пурра истифода нашудаанд ва чунин вазъ аз роҳбарону масъулин андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд»[63].

Баланд бардоштани фарҳанги истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва иқтидори нуҳуфтаи иқтисодии соҳаҳои кишоварзӣ аз ташкили истифодаи оқилонаи маҷмуи захираҳои истеҳсолӣ, ки дар раванди истифодаи воситаи асосии истеҳсолоти аграрӣ – заминҳои кишоварзӣ тамаркуз мешаванд, алоқаманд мебошад. Моҳияти ташкили истифодаи оқилонаи маҷмуи захираҳои истеҳсолӣ (ТИОМЗИ) пеш аз ҳама дар мақсадҳо ва вазифаҳои он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои методиро доир ба арзёбии сатҳи амалигардии он тақозо менамояд. Ҳадафи ташкили истифодаи оқилонаи

[63] Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе-23.12.с.2022. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: //http://www.prezident.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 17.01.с.2023).

захираҳои истеҳсолӣ аз истифодаи оқилонаи онҳо дар мувофиқа бо мақсад ва имконияти корхона иборат мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан гурӯҳбандии мақсадҳо зарур аст. Дар самти истифодаи оқилонаи захираҳо низоми истеҳсолӣ мақсадҳои зеринро амалӣ менамояд: беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истифодаи фондҳои асосӣ ва гардиш, коҳиш додани дарозмуҳлатии фаъолияти сиклҳои истеҳсолӣ ва захираҳои беасоси арзишҳои молию моддӣ, зиёд кардани маҳсулнокӣ ва ғайраҳо.

Ба мақсадҳои тартибашон пасттар инҳо дохил мешаванд: оптимизатсиякунии кори таҷҳизот аз рӯйи бастҳо, низоми мошинҳои кишоварзӣ; истифодаи оқилонаи захираҳои замин; оптимизатсиякунии миқдори ҷойҳои корӣ; муайян намудани усулҳои рушди истеҳсолот (интенсивӣ ё экстенсивӣ); кам кардани ҳаҷми беасоси захираҳои истеҳсолӣ ва истеҳсолоти тамомнашуда; ба меъёр даровардани фаъолияти сикли истеҳсолӣ; кӯтоҳ кардани дарозии роҳҳое, ки ба воситаи онҳо маҳсулот дар раванди истеҳсолот интиқол дода мешавад; ихтисор кардани вақти хизматрасонии ҷойҳои корӣ; беҳтар намудани истифодаи ашёи хом ва мавод аз ҳисоби кам кардани партовҳо; ҷорӣ намудани таҷҳизот ва шаклҳои пешқадами ташкили истеҳсолот.

Ташкили фаъолияти дилхоҳ ба иҷрои вазифаҳои муайян алоқаманд мебошад. Ҷудо намудани се гурӯҳи вазифаҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона мақсаднок мебошад:

- предметӣ: таҳлил, банақшагирӣ, ташкил, назорат, илмӣ - техникӣ;
- тартиботӣ: қарор, коммуникатсия;
- иҷтимоӣ-психологӣ: махсусгардонии фаъолияти меҳнатӣ, мақсад ва сабаб.

Инчунин ҷудо намудани вазифаҳои асосӣ, ёрирасон ва хизматрасонӣ зарур мебошад. Ба вазифаҳои асосӣ ҳамон вазифаҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки бевосита барои ҳалли масъалаҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ равона карда шудаанд: банақшагирии

истифодаи оқилонаи захираҳо; ташкили фаъолияти ҷузъу томҳо; назорат аз болои истифодаи оқилонаи захираҳо.

Вазифаҳои ёрирасон аз ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолият, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, муайян кардани сарчашмаҳои гуногун бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо, таъминоти иттилоотӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

Ба вазифаҳои хизматрасонӣ инҳо дохил мешаванд: мақсади кормандон барои истифодаи оқилонаи захираҳо; таҳияи маданияти муносибати эҳтиёткорона нисбат ба захираҳои корхона, баланд бардоштани тахассуси ҳайати шахсӣ; автоматикунонӣ, механикунонӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати захираҳо.

Маълум аст, ки аксарияти вазифаҳои нишондодашуда мураккаб буда, тақсим кардани амалигардонии онҳо байни ҷузъу томҳои корхона мувофиқи мақсад нест. Ба андешаи мо, дар корхона таъсис додани хадамоти алоҳида, ки вазифааш аз ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ иборат аст, самараноктар мебошад. Ба хадамоти мазкур вогузор намудани вазифаҳои ташкилӣ, банақшагирӣ, назорат, таҳлил ва мақсад зарур дониста мешавад. Ба шуъбаҳои дигар вогузор кардани иҷрои вазифаҳои зерин, ба монанди ҷамъоварии иттилооти зарурӣ, амалисозии чорабиниҳо ва барномаҳои таҳия гардида, инчунин муайян намудани сарчашмаҳои маблағгузории онҳо оқилона мебошад.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона талаб менамояд, ки проблемаҳои доираи муайян ҳал карда шаванд. Ин проблемаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: сохторӣ-функсионалӣ ва методологӣ. Ба гурӯҳи сохторӣ-функсионалӣ гурӯҳҳои истеҳсолӣ-технологӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, кадрӣ ва инноватсионӣ дохил мешаванд.

Проблемаи методологӣ дар коркард ва интихоби маҷмуи нишондиҳандаҳои арзёбии самараноки воситаҳо, усулҳо ва роҳҳое, ки қобилияти дар асоси илмӣ ҳал кардани масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаро доранд, ифода меёбад. Ҳалли методологӣ

имконият медиҳад, ки иҷрои вазифаҳои зерин, ба монанди кам кардани хароҷоти истеҳсолот, баланд бардоштани даромаднокии фаъолияти корхона, сатҳи ташкилӣ-техникии истеҳсолот, дараҷаи истифодаи захираҳои асосии истеҳсолот – фондҳо ва воситаҳои гардон таъмин карда шавад.

Ба ақидаи муаллиф, мазмуни истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар ташаккул ва амалисозии шароити ташкилӣ ва чорабиниҳо ҷиҳати истифодаи оптималии захираҳои истеҳсолии корхона ифода меёбад. Ба сифати шароити ташкилкунӣ метавонанд ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ташаккули моделҳои баланд бардоштани сатҳи истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, таҳияи методикаи ИОЗИ, ташкили ҳавасмандгардонии кормандони ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғулбуда ва ғайраҳо баромад намоянд.

Фароҳам овардани шароити ташкилии ИОЗИ бисёртар дар давраи вақти баррасишаванда муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки роҳ ё стратегияи дарозмуҳлати истифодаи захираҳое, ки ҳамчун дигаргунсозии принсипиалии техникӣ-технологӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбанд, ҷудо карда шаванд. Ин дар навбати аввал муайянсозии хусусиятҳои сифатии ояндабинии захираҳои истеҳсолӣ ва дар асоси он ташкил кардани ҳамҷояшавии оптималии низоми захираҳо мебошад. Дуюм, роҳи тактикӣ, ки такмилдиҳии низоми истеҳсолотро тавассути дигаргунсозиҳои начандон калони техникӣ, технологӣ ва ташкилӣ пешниҳод менамояд. Мисоли хуби ин гуна дигаргунсозиҳо бартараф кардани номутаносибӣ дар истеҳсолот мебошад.

Чорабиниҳои таъминкунӣ оид ба расидан ба сатҳи ба нақшагирифташудаи ИОЗИ аз мутобиқгардонии мақсади корхона бо имкониятҳои низоми истеҳсолот, муайянкунӣ ва истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, амалисозии чорабиниҳо оид ба сарфаи захираҳои истеҳсолӣ, ташаккули сохтори мақсадноки захираҳои истеҳсолӣ ва ғайра иборат аст.

Дар муносибати методӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ зинаи муҳим натанҳо коркарди алоҳидаи нишондиҳандаҳои нав

ё такмилдиҳии нишондиҳандаҳои мавҷуда, балки ташкили низоми нишондиҳандаҳо ва ҷорӣ намудани он ҳамчун воситаи банақшагирӣ ва идоракунии истифодаи захираҳо низ ба ҳисоб меравад. Арзёбии самаранокӣ бояд маҷмуавӣ бошад, яъне натанҳо оқибатҳои иқтисодӣ, балки оқибатҳои иҷтимоӣ ва экологии амалисозии барномаҳои захираистифодабарӣ низ ба назар гирифта шаванд. Дар расми 1.1 мақсад, вазифа ва марҳилаҳои коркарди низоми арзёбии сатҳи муайянкунии заминаи иттилоотӣ барои баҳогузории ташкили ИОЗИ нишон дода шудааст.




**Расми 1.1. - Мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои коркарди низоми арзёбии сатҳи муайянкунии заминаи иттилоотӣ барои баҳогузории ТИОЗИ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Дар ҷадвали 1.5 принсипҳое оварда шудаанд, ки ба ақидаи муаллиф бояд асоси интихобу коркарди қоидаҳои методӣ ва расмӣ, инчунин усулҳои арзёбиро ташкил диҳанд.

**Ҷадвали 1.5. - Принсипҳое, ки асоси интихобу коркарди қоидаҳои методӣ, меъёрӣ ва усулҳои арзёбиро ташкил медиҳанд**

| Номгӯйи принсип | Шарҳи принсип | Мундариҷаи принсип |
|---|---|---|
| **1. Принсипи мутобиқ омадани мақсад** | Мутобиқ омадани шаклҳо, усулҳои арзёбӣ ва таҳлил ба мақсадҳо ва принсипҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ. | Пайравӣ ба принсипи мазкур имконият медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввали коркарди методикаи ченкунӣ ва таҳлил хусусияти объекти таҳқиқшаванда нафақат ҳамчун низоми ҳамин синф, балки ҳамчун хусусиятҳои мушаххаси танҳо ба ҳамин объекти омӯзиш хос ба назар гирифта шаванд.<br>Мақсадҳое, ки дар назди низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ гузошта мешаванд, метавонанд гуногун бошанд ва вобаста аз мақсадҳои низоми истеҳсолӣ, дар маҷмуъ, низоми корхона тағйир ёбанд.<br>Мисол, агар мақсади низоми истеҳсолот кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулот бошад, он гоҳ мақсади низоми ИОЗИ чунин ҳамҷояшавии захираҳо дар раванди истеҳсолот мебошад, ки хароҷоти истеҳсоли маҳсулот то ҳадди ақал кам мегардад. |
| **2.Принсипи мақсаднокӣ** | Талаботро нисбат ба натиҷаҳои арзёбӣ ва таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо муайян мекунад. | Пайравӣ ба принсипи мазкур имконият медиҳад, ки ба камбудии асосии қисми зиёди методикаҳо - ҷудошавӣ ва талабот надоштании натиҷаи таҳлилҳо роҳ дода нашавад.<br>Вобаста аз мақсадҳои низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии онҳо тағйир меёбанд. |
| **3.Принсипи дастрасӣ** | Талаботро нисбат ба низоми ченкунӣ-таҳлилӣ ҳамчун васоити барои истифодабарандагон фаҳмо, оддӣ ва дастрас пешниҳод менамояд. | Низоми ченкунӣ-таҳлилии арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳоро дастрас ва фаҳмо намуда, мо метавонем ба оммафаҳм гардидани барномаҳои баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳо дар байни иҷрокунандагони мушаххас такя кунем. Ҷалб намудани кормандони оддӣ барои иштирок дар раванди идоракунии захираҳо нафақат имконият медиҳад, ки низоми истифодаи захираҳо, дар ҳолати алоҳида, паст кардани сатҳи субъективизм дар раванди баҳогузории экспертии баъзе аз параметрҳои низом ташаккул дода шавад, балки худ аз худ ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба натиҷаҳои худ оварда мерасонад. |

**Идомаи ҷадвали 1.5**

| Номгӯйи принсип | Шарҳи принсип | Мундариҷаи принсип |
|---|---|---|
| **4.Принсипи инъикоси миқдории натиҷаҳо** | Ченкуниҳое, ки ҳангоми арзёбӣ ва таҳлил истифода мешаванд, бояд ба таври миқдорӣ ифода гарданд. Инчунин параметрҳои сифатӣ ба квантификатсиякунӣ ниёз доранд. | Натиҷае, ки ба таври миқдорӣ ифода карда нашудааст, имконият намедиҳад, ки нисбат ба он ҳамчун захираи эҳтимолии истифодаи захираҳо мулоҳизаронӣ карда шавад, инчунин аз болои самаранокии тағйирёбии ташкилӣ ва техникии раванди мукаммалгардонӣ назорат бурда шавад.<br>Мушкилоти асосӣ аз арзёбии миқдории нишондиҳандаҳои сифатӣ иборат мебошад. Барои ҳалли масъалаи мазкур пешниҳод карда мешавад, ки методи баҳодиҳӣ бо роҳи холгузорӣ (масалан, аз 1 то 5) истифода бурда шавад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот на дар сатҳи «хуб» ё «бад», балки дар сатҳи рақамҳои мушаххас тартиб дода шаванд. |
| **5.Принсипи динамикӣ** | Зарурати бақайдгирии динамикаи тағйирёбии мақсадҳо ва вазифаҳоеро, ки ба воситаи низоми истеҳсолот ҳал карда мешаванд, муайян мекунад. | Бо гузашти вақт мақсадҳо ва вазифаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва шароити дохилӣ (тағйирёбии сохтор, сифати захираҳо) иваз мешаванд. Ин ҳолат зарурати тағйирёбии мақсадҳо, вазифаҳои арзёбӣ ва таҳлилро ба миён меорад.<br>Бақайдгирии принсипи мазкур имконият медиҳад, ки методологияи камхарҷи фаъолият нисбат ба тағйирёбии параметрҳои дилхоҳи ба инобатгирифташудаи фаъолияти низом тартиб дода шавад. |
| **6.Принсипи воқеият** | Имконияти истифодаи натиҷаҳои арзёбӣ ва таҳлил бо назардошти хусусиятҳои динамикаи тағйироти берунӣ ва имкониятҳои низоми истеҳсолот | Муҳимияти иттилооти дастрасшаванда оид ба натиҷаҳои истифодаи захираҳо барои низоми истеҳсолот, ки барояшон тағйироти на он қадар зиёд аз параметрҳои меъёрӣ ба тағйироти ҷиддӣ оварда мерасонанд, ниҳоят зарур мебошад. Натиҷаҳои воқеии арзёбӣ ва таҳлил ҳангоми кам шудани фосилаи муваққатии байни оғози ҷамъоварии иттилоот ва пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ баланд мешавад. Фосилаи муваққатиро бо роҳи ҷамъоварии мунтазам ва автоматикунонидашудаи иттилоот кам кардан мумкин аст. |
| **7.Принсипи илмият** | Истифодаи усулҳои муосири таҳлил, арзёбӣ ва пешгӯикуниро пешниҳод менамояд. | Истифодабарии ҳатмии ҳамаи принсипҳои қаблии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро дар назар дорад. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Низоми пешниҳодшудаи принсипҳо имконият медиҳад, ки талаботи шароити муосири бозорӣ, инчунин мақсадҳои арзёбӣ ва таҳлили

истифодаи оқилонаи захираҳо айнан пайгирӣ шуда, шаклҳо, усулҳо, қоидаҳои зарурии арзёбӣ ва таҳлил интихоб гарданд.

Номгӯйи принсипҳоро тасдиқ намуда, зарур аст, ки усулҳо ва муносибатҳое, ки ҳангоми арзёбии сатҳи ИОЗИ истифода мегарданд, муайян карда шаванд. Таҳлили маҷмуавии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро бо чунин роҳҳо гузаронидан мумкин аст:

- бо усулҳои анъанавӣ, яъне бо маълумоти оморӣ, муқоисакунӣ, гурӯҳбандӣ, назорати интихобӣ, назорати лаҳзавӣ, усули графикӣ, қаторҳои динамикӣ, усули шохисӣ, ивазкунӣ ва ғайра;

- бо усулҳои иқтисодӣ-математикӣ, яъне моделҳои трендӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозии низомӣ.

Бо мақсади муайян кардани сатҳи истифодаи захираҳо метавон ду муносибатҳои зеринро истифода кард:

- таъсис додани заминаи илман асосноккардашудаи меъёрҳои истифодаи захираҳо ва муқоиса кардани нишондиҳандаҳои бадастомада бо меъёрҳо. Ҳангоми истифодаи муносибати мазкур заминаи таҳлили захираҳоро нишондиҳандаҳои ба меъёр даровардашуда ва истифодаи онҳо ташкил медиҳанд. Мавҷудияти меъёрҳои илман асосноккардашуда имконият медиҳад, ки хароҷоти воқеии корхона бо хароҷоти нақшавӣ муқоиса гардида, сатҳи истифодаи захираҳо муайян карда шаванд. Ҳар як самти муайяншуда бояд ҳам аз нуқтаи назари техникӣ ва ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ арзёбӣ гардад[64].

- муқоисакунии нишондиҳандаҳои корхона бо корхонаҳои дигари муваффақи тибқи фаъолият бо ҳам монанд.

Муносибати якум барои баланд бардоштани дастовардҳои корхона дар соҳаи истифодаи захираҳо мусоидат менамояд. Муносибати дуюм имконият фароҳам меорад, ки ба рушди корхона дигаргунӣ ворид гардад, яъне дар ҳолати қафомонии корхона аз рақибон аз рӯи сатҳи истифодаи

---

[64] Бисенгазиев М.Б. Оценка эффективности использования ресурсного потенциала. [Текст] / М. Б. Бисенгазиев // Экономика с.-х. и перераб. Предприятий. - 1994. - №10. - С.14-15.

захираҳо, мақсадҳои нисбатан душвортар ё баръакс, мақсадҳои сабуктар ба нақша гирифта мешаванд.

Аз тарафи мо муносибатҳои номбаршуда дигаргун карда шуда, дараҷаи истифодаи оқилонаи захираҳо аз рӯйи сатҳи ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда арзёбӣ гардидаанд. Бартарии ин муносибат чунин ифода меёбад. Корхона барои ҳар як сол мақсадҳои муайянро муқаррар менамояд. Бигузор, дар ҳолати мо, яке аз мақсадҳо ба як фоизи муайян кам кардани хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот дар муқоиса бо давраи гузашта бошад. Ҳамин тавр, дар корхона мақсади минбаъд мунтазам такмил додани фаъолияти худ ба миён меояд. Илова бар ин, тавсия дода мешавад, ки низоми арзёбие ташкил карда шавад, ки мақсади он аз беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ на аз ҳисоби омилҳои интенсивӣ, балки аз ҳисоби омилҳои экстенсивӣ иборат мебошад.

Дар низоми арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ яке аз унсурҳои нисбатан муҳими методологӣ интихоби меъёрҳои мувофиқ мебошад. «Меъёр (аз калимаи юнонии κριτήριον гирифта шуда, маънояш воситаи мулоҳиза ё фикр кардан мебошад) аломате (нишонае) мебошад, ки дар асоси он арзёбӣ, муайянкунӣ ё гурӯҳбандии чизе, яъне меъёри баҳо гузаронида мешавад»[65]. Дар ҳолати мо, ин арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад. Мафҳуми «меъёри оптималӣ»-ро, ки ба ин меъёр хеле наздик аст, дида мебароем. Ин мафҳум андозаи ҳудудии фоидаи иқтисодии (дар ҳолати мо, техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ) қарори қабулшударо оид ба арзёбии муқоисавии алтернативҳои имконпазир ва интихоби беҳтарини онҳоро ҳамчун нишондиҳандаҳои миқдорӣ ё тартибӣ муайян мекунад[66].

---

[65] Экономика труда и социально-трудовые отношения // Под ред. С.Г. Меликьяна, Р.Л., Колосовой. [Текст] / М.: Моск. Ун-т, 1996. - 623 с.
[66] Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. (82 т. и 4 доп.). [Текст] / СПб..-1890-1907.

Ба ин таҳқиқот тасвияи меъёр бояд чунин аломати асосиеро инъикос намояд, ки он ба арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ хос мебошад. Микдори меъёрҳои баҳогузорӣ метавонад ба даҳҳо расанд. Дар ин ҳолат, барои гурӯҳбандии меъёрҳо истифодаи муносибати иерархӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад. Барои маҷмуи меъёрҳо сохтани иерархияи меъёрҳо зарур мебошад. Сатҳи поёнии иерархия аз меъёр ва нишондиҳандаи воҳид иборат буда, бояд қадам ба қадам то сатҳи болоии иерархия зиёд карда шаванд. Марҳилаҳои баҳогузорӣ аз рӯйи низоми бисёрсатҳии меъёрҳо дида баромада мешавад. Сохтори меъёрҳо номгӯйи меъёрҳои воҳид ва маҷмуавӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва алоқаҳои мантиқии байни онҳоро дарбар мегирад.

Барои арзёбии интегралӣ бояд сохтор бо коэффитсиентҳои муҳимияти меъёрҳо ва алоқаҳои функсионалии байни меъёрҳо пурра карда шаванд. Бинобар ин, вазифаи арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз сохтани «дарахти меъёрҳо», гузариш аз воҳидҳои физикиву иқтисодии ченкунии меъёрҳо ба меъёрҳои нисбӣ ва муайян кардани нуфузи меъёрҳо иборат мебошад. Яке аз усулҳои муайян кардани коэффитсиентҳои бонуфуз аз арзёбии бевоситаи меъёрҳо иборат мебошад. Коршинос бояд муҳимияти ҳар як меъёрро аз рӯйи ҷадвали (шкалаи) додашуда, масалан, аз 0 то 100 арзёбӣ намояд. Агар баҳо тавассути α ишора карда шавад, он гоҳ нуфузи меъёрҳо бо формулаи зерин муайян карда мешавад.

$$\alpha_i = \frac{\alpha_i^j}{\sum \alpha_i^j} \qquad (1.1)$$

Методи дигари паҳншудаи муайянкунии нуфуз ва ё бартарии меъёрҳо ин методи муқоисаи ҷуфт-ҷуфт мебошад. Дар ин метод коршинос меъёрҳои $\alpha_i$-ро аз рӯи ҷадвали (шкалаи) додашуда ҷуфт-ҷуфт муқоиса карда, натиҷаҳоро ба матритсаи муқоисаи ҷуфтӣ ворид мекунад.

Пеш аз он ки меъёрҳои воҳид ва маҷмуавиро тартиб диҳем, ба он диққат медиҳем, ки моделҳои тартиб додани меъёрҳо кадоме аз онҳоро ҷудо мекунанд:

- моделҳои дар атрофи мақсадҳо ҷамъшуда, яъне меъёрҳое, ки қобилияти расидан ба мақсадҳои қаблан қайдшударо доранд;

- моделҳои меъёрҳои низомӣ, яъне қобилияти таъмин кардани ягонагии дохилии низомҳо ва додани кафолат барои мавҷуд будан дар муҳити тағйирёбанда;

- моделҳои «меъёрҳои қонеъгардонӣ», яъне меъёрҳои дастрасӣ ба сатҳи ҳадди ақали қонеъгардонии мақсадҳо[67].

Барои арзёбии сатҳи ИОЗИ аз модели якум истифода мебарем. Арзёбии сатҳи ИОЗИ марҳилаҳои зеринро дарбар мегирад:

**Марҳилаи 1. Арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар маҷмуъ аз нуқтаи назари корхона.** Ба ҳайси меъёри воҳиди арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифодаи моделҳои дар атрофи мақсадҳо ҷамъшуда имконпазир мебошад. Тавре ки дар параграфҳои гузашта нишон дода шуд, сатҳи самаранокӣ аз мақсадҳои дар назди корхона ва дар назди истеҳсолот гузошташуда вобаста мебошад. Бинобар ин, вобаста аз онҳо меъёрҳо ва дар якҷоягӣ бо онҳо, маҷмуи нишондиҳандаҳо низ тағйир меёбанд. Дар мавриди интихоби меъёрҳои воҳид, ки сатҳи ноил шудан ба мақсадҳои гузошташударо инъикос мекунанд, ба пешниҳоди муҳаққиқи рус Фарманов Р.М. такя намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар бисёр ҳолатҳо талаб карда мешавад, ки на як мақсади интихобшуда ва ё фавқулодда, балки мақсадҳои бисёрмеъёраи созишкорона (беҳтар намудани якчанд меъёрҳо дар дараҷаҳои гуногун) ноил гарданд. Дар ҷадвали 1.6 меъёрҳои арзёбии сатҳи истифодаи

---

[67] Спицина, И. А. Системный анализ и моделирование информационных систем [Текст] / И.А. Спицина, К.А. Аксенов. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2021. - 118 с. - С. 45.

оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари ноил гардидан ба мақсадҳо нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1.6. - Меъёрҳои арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари ноил гардидан ба мақсадҳо**

| Мақсади корхона | Номгӯйи меъёр | Формулаи меъёри воҳид |
|---|---|---|
| 1. Ноил гардидан ба ҳаҷми муқарраршудаи истеҳсолот | Меъёрҳои ноил гардидан ба ҳаҷми ба нақшагирифташудаи истеҳсолот $K_{хисса}$ | $$K_в^1 = \frac{Q_1}{Q_0} \quad (1.2)$$ дар ин ҷо: $Q_1$ – ҳаҷми воқеии истеҳсолот аз рӯйи ҷамъбасти сол, сомонӣ, $Q_0$ - ҳаҷми банақшагирифташудаи истеҳсолот, сомонӣ |
| 2.Ноил гардидан ба бузургии муайяншуда барои воҳиди маҳсулот | Меъёрҳои ноил гардидан ба бузургии хароҷот ба воҳиди истеҳсолот $K_{хисса}$ | $$K = \frac{C_1}{C_0} \quad (1.3)$$ дар ин ҷо: $C_1$ - бузургии воқеии хароҷот ба воҳиди маҳсулот, сомонӣ, $C_0$ - бузургии банақшагирифташудаи хароҷот ба воҳиди маҳсулот, сомонӣ. |
| 3.Расидан ба сатҳи муайяншудаи истеҳсолот | Меъёрҳои расидан ба сатҳи муайяншудаи истеҳсолот $K_{хисса}$ | $$K = \frac{П_1}{П_0} \quad (1.4)$$ дар ин ҷо: $П_1$ - сатҳи воқеии сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, хол; $П_0$ - сатҳи банақшагирифташудаи сифати маҳсулот, хол |
| 4.Аксуламали босуръати истеҳсолот | Меъёрҳои аксуламали истеҳсолот ба муҳити атроф $K_{хисса}$ | $$K = \frac{A_1}{A_0} \quad (1.5)$$ дар ин ҷо: $A_1$ – миқдори воқеии мавқеъҳои пешниҳодшудаи намудҳои нави маҳсулот дар давраи муайян, тонна, сентнер, воҳид; $A_0$ – миқдори банақшагирифташудаи намудҳои нави маҳсулот дар мувофиқа бо вазифаҳои дастгирии рақобатпазирии корхона дар давоми давраи муайян, тонна, сентнер, воҳид. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф дар асоси автореферати Фарманов, Р.Ф. Формирование системы рационального использования производственных ресурсов на предприятиях АПК (на примере Республики Дагестан) [Текст]: автореферат дисс. .... канд. экон. наук: 08.00.05 / Фарманов Рустам Фирязович. - Махачкала, 2009. - 24 с. - С.11 тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, меъёрҳои маҷмуавӣ, ки сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро дар мувофиқа бо мақсадҳои корхона инъикос мекунанд, аз рӯи формулаи 1.1 ҳамчун ҳосили зарби тағйирёбии меъёрҳои воҳид аз ҳолати идеалӣ муайян карда мешаванд:

$$K^{k}_{\text{ИОЗИ}} = \sum_{i=1}^{n} \alpha_1 \times \Delta K^{i}_{в} \qquad (1.6)$$

дар ин ҷо:

$\alpha_1$- коэффитсиентҳои нуфуз,

$\Delta K^{i}_{в}$ - тағйирёбии меъёрҳои арзёбии сатҳи ИОЗИ дар ҳиссаи идеалии ба воҳид баробар дар мувофиқа бо мақсадҳои корхона

$$\left|\Delta K^{i}_{в}\right| = \left|1 - K^{1}_{в}\right| \qquad (1.7)$$

Қимати $K_{\text{иози}}$ бояд нобаробарии $K_{\text{ИОЗИ}} \le \gamma$-ро қонеъ гардонад. Дар ин ҷо $\gamma$-тағйирёбии ҳудудии меъёри сатҳи ИОЗИ дар мувофиқат бо мақсадҳои корхона мебошад, ки бо усули экспертӣ барои ҳар як корхона муайян мегардад ва бо ҳиссаҳо дар % чен карда мешавад.

Ба методи бисёрмеъёрии қабули қарор такя намуда, чунин ҳисоб карда мешавад, ки беҳтаркунӣ ба даст оварда шудааст, агар беҳтаркунии ақалан яке аз меъёрҳои додашуда бе бадтар кардани меъёрҳои боқимонда ба даст омада бошад. Дар асоси меъёрҳои коркардшуда ба яке аз хулосаҳои муҳим омадан мумкин аст, ки чунин ифода меёбад: сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ натанҳо аз нишондиҳандаҳои бадастомадаи фаъолияти корхона, балки аз мақсадҳои гузошташуда низ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, масъалаи муайянкунии сифатии мақсадҳои корхона ва дар алоҳидагӣ истеҳсолот ба миён меояд: мақсадҳо набояд ҳам пасткардашуда (дар муқоиса бо имкониятҳои корхона ва ҳам баландкардашуда (аз имкониятҳои мавҷудаи корхона хеле зиёдтар) бошанд.

Ба ғайр аз ин, истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамчун яке аз унсурҳои низомҳои идоракунӣ оид ба тағйирёбӣ тасаввур кардан мумкин аст. Идоракунӣ оид ба тағйирот бо худ консепсияи ташкили назорати идоракунии дохилиширкатиеро пешниҳод менамояд: менеҷерҳо танҳо ҳамон вақт ба муайян кардани сабабҳои тағйирёбии натиҷаҳои воқеӣ аз натиҷаҳои нақшавӣ диққат медиҳанд, ки агар ин гуна тағйирёбӣ бисёр зиёд бошад. Ба ибораи дигар, ба таҳлили ҳаматарафаи тағйироти дилхоҳ сарф кардани вақт ғайриоқилона ва беҳуда ба ҳисоб меравад; захираи вақти холӣ барои ҳалли вазифаҳои хусусияти тактикидошта истифода бурда мешавад.

Яке аз қадамҳои арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муайян кардани як қатор нишондиҳандаҳо, меъёрҳои воҳиди муайянкунанда ва таркибӣ мебошад. Азбаски низоми арзёбӣ ва таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар асоси маҷмуи нишондиҳандаҳо сохта мешавад, бинобар ин, бояд гурӯҳи талаботи ба онҳо пешниҳодшаванда муайян карда шаванд. Ин асоснокӣ, дақиқӣ, возеҳӣ ва соддагӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳои банақшагирии дохиликорхонавӣ наметавонанд барои ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ якхела бошанд. Онҳо бо назардошти хусусиятҳои технологии корхонаи алоҳида муайян карда мешаванд. Барои он ки натиҷаҳои корҳои ҷузъу томҳои сохтории корхона ба таври воқеӣ инъикос карда шаванд, миқдори нишондиҳандаҳо низ вобаста аз шароити истеҳсолот метавонанд гуногун бошанд. Ба андешаи мо, коркарди нишондиҳандаҳои истифодаи оқилонаи захираҳо бояд бо назардошти имкониятҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- муқарраркунии илман асосноккардашудаи онҳо дар давраи нақшавӣ;
- тартиби «ҳаматарафа»-и нишондиҳандаҳо аз рӯи сатҳҳои идоракунӣ;
- назорат аз болои иҷрои нишондиҳандаҳо ва чорабиниҳои онҳоро таъминкунанда;

- таҳлили нишондиҳандаҳо дар сатҳи дилхоҳи идоракунӣ, инчунин муайян кардани сабабҳое, ки иҷрои онҳоро бозмедоранд;

- мутобиқати нишондиҳандаи мушаххас ба муҳити амалкунандаи ташаккулёбии он тибқи маҷмуи иттилоотӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳои мавҷудбуда.

Нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳо бояд раванди истеҳсолотро барои расидан ба мақсадҳои додашуда равона созанд.

**Марҳилаи 2. Арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ тибқи имкониятҳои истеҳсолот.** Агар дар марҳилаи якум сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари расидан ба мақсадҳои корхона арзёбӣ шуда бошад, дар ин марҳила истифодаи захираҳо аз нуқтаи назари имкониятҳои истеҳсолот арзёбӣ карда мешаванд (ҷадвали 1.7).

**Ҷадвали 1.7. - Меъёрҳои сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари имкониятҳои истеҳсолот**

| Имкониятҳои истеҳсолот | Номгӯйи меъёр | Формулаи меъёри воҳид |
|---|---|---|
| 1. Аз рӯйи ҳаҷми истеҳсолот | Меъёрҳои истифодаи иқтидори истеҳсолӣ, ҳисса | $$\Phi_0 = \frac{Q_1}{О_ф} \quad (1.8)$$ дар ин ҷо: $Q_1$- ҳаҷми воқеии истеҳсолот аз рӯйи ҷамъбасти сол, ҳазор сомонӣ; $О_ф$ - фондҳои асосии корхона, ҳазор сомонӣ. |
| 2. Аз рӯйи бузургии хароҷоти истеҳсолот ба воҳиди маҳсулот | Меъёрҳои истифодаи имкониятҳои истеҳсолот аз рӯи бузургии хароҷот, ҳисса | $$М = \frac{С_1}{С_0} \quad (1.9)$$ дар ин ҷо $С_1$ - бузургии воқеии хароҷот ба воҳиди маҳсулот, сомонӣ, $С_0$ - бузургии банақшагирифтаи хароҷот ба воҳиди маҳсулот, сомонӣ |
| 3. Аз рӯйи сатҳи сифати маҳсулот | Меъёрҳои сифати маҳсулот $М_{ҳисса}$ | $$М = \frac{П_1}{П_0} \quad (1.10)$$ дар ин ҷо $П_1$- сатҳи воқеии сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, холҳо. $П_0$ – сатҳи сифати банақшагирифтаи маҳсулот, холҳо. |

**Идомаи ҷадвали 1.7**

| Имкониятҳои истеҳсолот | Номгӯйи меъёр | Формулаи меъёри воҳид |
|---|---|---|
| 4. Аз рӯй аксуламали фаврии раванди истеҳсолот ба муҳити атроф | Меъёрҳои аксуламали истеҳсолот ба муҳити атроф, $К_{ҳисса}$ | $M = \frac{A_1}{A_0}$ (1.11)<br>дар ин ҷо:<br>$A_1$ - миқдори воқеии мавқеи пешниҳодшудаи намудҳои нави маҳсулот дар давоми давраи муайян, тонна, сентнер, воҳид;<br>$A_0$ - миқдори банақшагирифтаи намудҳои нави маҳсулот мувофиқи вазифаҳои дастгирии рақобатпазирии корхона дар давоми давраи муайян, тонна, сентнер, воҳид. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф дар асоси автореферати Фарманов, Р.Ф. Формирование системы рационального использования производственных ресурсов на предприятиях АПК (на примере Республики Дагестан) [Текст]: автореферат дисс. .... канд. экон. наук: 08.00.05 / Фарманов Рустам Фирязович. - Махачкала, 2009. - 24 с. - С.11 тартиб дода шудааст.

Меъёрҳои маҷмуавии сатҳи ИОЗИ аз нуқтаи назари истифодаи имкониятҳои истеҳсолот ба таври зерин ифода меёбад:

$$K_{ИОЗИ}^{k} = \sum_{i=1}^{n} \alpha_1 \times \Delta M_{в}^{i} \qquad (1.12)$$

Дар ин ҷо $\Delta M_{в}^{i}$ - тағйироти меъёри баҳогузории сатҳи ИОЗИ мувофиқи имкониятҳои корхона аз меъёрҳои идеалӣ, ба воҳид баробар, ҳисса.

$$\left|\Delta M_{в}^{i}\right| = \left|1 - M_{в}^{1}\right| \qquad (1.13)$$

Қимати $K_{ИОЗИ}$ бояд нобаробарии $K_{ИОЗИ} \leq \delta$-ро қонеъ гардонад.

Дар ин ҷо $\delta$-тағйирёбии ҳудудии меъёри сатҳи ИОЗИ мебошад, ки бо усули экспертӣ барои ҳар як корхона бо ҳисса муайян карда мешавад.

Яке аз бартариҳои низоми коркардшудаи арзёбӣ аз он иборат мебошад, ки маълумоти бо мақсадҳои бақайдгирии дохилӣ ва ҳисоботи берунӣ истифодашаванда барои баҳисобгирии нишондиҳандаҳо ва меъёрҳое, ки сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро баҳогузорӣ мекунанд, кифояанд.

## Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби якум

1. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони гуногун мафҳумҳои «захираҳо», «оқилона», «ташкили истеҳсолот», «истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ва «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ», ки бо низомнокии худ фарқ мекунанд, муайян карда шуданд. Низомнокӣ дар баррасии маҷмуавии самтҳои гуногуни баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ифода меёбад.

2. Номгӯйи омилҳо ва шароитҳои ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таъсиррасон муайян гардиданд, ки онҳо имконият медиҳанд параметрҳои идорашавандаи низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҷудо карда шаванд.

3. Мақсаднокии татбиқи муносибати низомӣ нисбат ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ бо мураккабии проблемаҳо, зарурати баррасии на унсурҳои алоҳидаи низоми истеҳсолот, балки маҷмуи онҳо, бо мақсади арзёбии воқеии сатҳи ИОЗИ, имконияти баҳисобгирии манфиатҳои унсурҳои мухталифи низоми истеҳсолот ва зарурати банақшагирии самтҳои гуногуни фаъолияти низоми истеҳсолот маънидод карда мешавад.

4. Алгоритми баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таҳия карда шуд, ки он аз се марҳилаи асосӣ иборат мебошад: омодагӣ ва банақшагирӣ; худи раванди баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ, нигоҳ доштани сатҳи ИОЗИ ва назорати он. Алгоритми пешниҳодшуда ҷамъоварии иттилооти заруриро оид ба қабули қарор дар соҳаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва арзёбии сатҳи ИОЗИ-ро дарбар гирифта, дар ин асос як қатор омилҳои нисбатан муҳим, ки мувофиқи онҳо номгӯйи чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ таҳия мегарданд, муайян карда шуданд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ

Шароити имрӯзаи фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро метавон бо истифодаи нокифоя ва ғайриоқилонаи захираҳои истеҳсолии моддӣ, молиявӣ, энергетикӣ ва меҳнатӣ тавсиф кард. Бинобар ин, дар СМР-2030 яке аз афзалиятҳо ба тараққиёти воқеии самти иқтисодӣ «баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот, инчунин таҷдид ва барқарорсозии инфрасохтори обёрӣ ва ҷорӣ намудани технологияи обёрии муосири сарфакунандаи неруи барқ» дода шудааст[68].

Барои он ки масъалаи баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ИОЗИ) бо муваффақият ҳал карда шавад, инчунин фишангҳои идоракуние, ки ба истифодаи захираҳо (технологияҳои нав, маводҳои каммасраф, қарорҳои оқилонаи технологӣ, ба меъёрдарорӣ ва маҳдудияти хароҷоти захираҳо, ҳавасмандгардонии моддии кормандон барои сарфа кардани захираҳо, таъсис додани марказҳои масъулиятшиносӣ барои истифодаи захираҳо ва ғайра) таъсир мерасонанд, саривақт ва дуруст истифода бурда шаванд, зарур аст, ки пеш аз ҳама мониторинги низомӣ ва таҳлили раванди истифодаи захираҳо ва самарабахшии онҳо ба роҳ монда шавад.

Пеш аз он ки ба таҳлили ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ гузарем, оид ба рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ҳамчун нишондиҳандаи умедбахши истифодаи захираҳои истеҳсолӣ мухтасар маълумот медиҳем.

---

[68] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Матн]. - Душанбе - 2016. – 99с. – С. 71-72.

Дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 то соли 2021 истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ беш аз 41,8% зиёд гардидааст (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулот | 14148,5 | 15253,5 | 16974,4 | 19502,9 | 20694,5 | 146,3 |
| аз ҷумла | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 10145,3 | 11188,2 | 12305,4 | 14597,9 | 15385,0 | 151,6 |
| бо %, б/ф | 71,7 | 73,3 | 72,5 | 74,8 | 74,3 | 2,6 |
| Чорводорӣ | 4003,3 | 4065,3 | 4669,1 | 4905,0 | 5309,9 | 132,6 |
| бо %, б/ф | 28,3 | 26,7 | 27,5 | 25,2 | 25,7 | - 2,6 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тибқи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021. - С.125-127 ҳисоб карда шудааст.

Чи хеле ки маълумоти ҷадвали 2.1 собит месозад, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ ҳамчун бахши асосии маҷмуи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз 10145,3 то 15385 миллион сомонӣ зиёд шудааст, ки афзоиши он 151,6%-ро ташкил медиҳад. Вазни хоси он низ дар сохтори маҷмуи маҳсулот аз 71,7 то ба 74,3% ё 2,6 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши маҷмуи маҳсулоти чорводорӣ 132,6%-ро ташкил медиҳад. Аммо вазни хоси он 2,6 банди фоиз кам гардидааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки суръати рушди маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби болоравии соҳаи растанипарварӣ ба даст омадааст.

Чуноне ки маълум аст, дар соҳаи кишоварзӣ замин захираи асосии истеҳсолӣ ва воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Замин муҳимтарин қувваи истеҳсолкунанда буда, бе он раванди истеҳсолоти кишоварзӣ барпо намегардад. Истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз ҳолати сифати замин ва назорати истифодаи он вобаста аст[69]. Соҳаи растанипарварӣ бевосита бо шудгори заминҳои кишоварзӣ, чорводорӣ

[69] Шарипова, Ф.Д. Производственная инфраструктура - основа устойчивого развития агропромышленного комплекса [Текст] / Ф.Д. Шарипова, Т.М. Сироджова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016.- № 2/8(215). - С. 99-102.

бошад, бо истеҳсоли хӯроки чорво, ки барои он заминҳои алоҳидаи кишт ҷудо карда шудааст, алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, дар солҳои серҳосилӣ ҳаҷми маҳсулот зиёд шуда, дар солҳои камҳосилӣ бошад, ҳаҷми маҳсулот кам мегардад.

Замин ҳамчун сарчашмаи асосии захираи истеҳсолӣ дорои якчанд хусусиятҳо мебошад. Пеш аз ҳама, замин ҳамчун предмет ва воситаи меҳнат баромад мекунад. Инсон дар зироаткорӣ ба замин таъсир расонида, ба парвариши растанӣ шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон, хосиятҳои заминро истифода бурда, ба инкишофи растанӣ ба самтҳои зарурӣ таъсир мерасонад. Дар ҳолати аввал замин предмети меҳнат ва дар ҳолати дуюм бошад, воситаи меҳнат ҳисобида мешавад[70]. Захираҳои замин ба доираи захираҳои маҳдуд дохил мешавад (маҳдудияти ҳудудии онро дар назар дорем). Масоҳати замин маҳдуд буда, онро ба монанди таҷҳизот, биноҳо, иншоот истеҳсол ва ё зиёд кардан ғайриимкон мебошад. Албатта дар давраҳои муайяни таърихӣ имконияти танҳо аз ҳисоби заминҳои нави корам масоҳати заминҳои кишоварзиро зиёд кардан вуҷуд дорад. Аммо ин ҳудуд дорад, ки аз он берун баромадан мумкин нест[71]. Аз ин рӯ, ҳалли муаммои истифодаи оқилонаи захираҳои замин хеле зарур мебошад. Зери мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои замин» истифодабарии фоиданоки он бо дигар омилҳои табиӣ фаҳмида мешавад, ки ба таъмин шудани талаботи ҷойдоштаи аҳолӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, заминаи ҷойгиркунии минтақавии биноҳо ва коммуникатсия, ҳолати хуби муҳити зист бо хароҷоти ками иқтисодиву зарари экологӣ ба насли оянда имкон медиҳад[72].

---

[70] Мирсаидов А.Б., Неъматов И.У. Государственное регулирование цены продовольственного продукта. [Текст] / А. Б. Мирсаидов, И.У. Неъматов. – Душанбе: «Ирфон». - 2013. - 192с. - С. 73.
[71] Мирсаидов, А.Б. Государственное регулирование цены продовольственного продукта [Текст] / А.Б. Мирсаидов, И.У. Неъматов. - Душанбе.: Изд. «Ирфон», 2013.–192 с - С. 74.
[72] Бубнов, Д. В. Рациональное использование земельных ресурсов как фактор устойчивого развития региона [Текст]: Авторефират дисс… канд. экон. наук: 08.00.05 / Бубнов Дмитрий Викторович. - Волгоград, 2014. - 25 с. - С. 6.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2.2 дида мешавад, соли 2021 дар вилояти Хатлон майдони кишт 430,5 ҳазор гектарро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2017 20,3 ҳазор гектар зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи заминҳои кишт дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 (бо ҳазор/гектар)**

| Парвариш ва намуди истеҳсолот | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирот дар муқоиса бо соли 2017 (-,+) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 413,9 | 403, 3 | 421,8 | 426,3 | 430,5 | 16,6 |
| аз ҷумла | | | | | | |
| Ғалладона | 199,9 | 180,8 | 188,2 | 189,4 | 190,1 | -9,8 |
| Зироатҳои техникӣ | 129,0 | 131,3 | 132,9 | 135,3 | 132,6 | 3,6 |
| Аз ҷумла пахта | 119,5 | 122, 4 | 122,1 | 124,1 | 121,2 | 1,7 |
| Картошка | 9,7 | 12 ,2 | 12,4 | 9,4 | 12,0 | 2,3 |
| Сабзавот | 30,4 | 34,4 | 34,9 | 36,5 | 36,9 | 6,5 |
| Полизӣ | 13,3 | 14,1 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 2,3 |
| Хӯроки чорво | 31,4 | 30,2 | 37,9 | 40,1 | 43,0 | 11,6 |
| Боғҳо | 47,0 | 47,3 | 48,7 | 48,8 | 44,9 | -2,1 |
| Токзор | 13,4 | 13 | 12,7 | 12,9 | 12,3 | -1,1 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021.- С. 128-137 ҳисоб карда шудааст.

Дар давраи таҳлилӣ майдони кишти зироатҳои ғалладона 9,8 ҳазор гектар кам шудааст. Ба тағйирёбии сохтори майдонҳои кишт ва истифодаи оқилонаи онҳо механизмҳои бозаргонӣ таъсир мерасонанд. Истифодаи захираҳои замин нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи талаботи бозор муайян карда мешавад. Бинобар ин, корхонаҳои кишоварзӣ захираҳои заминро барои истеҳсол намудани он намудҳои маҳсулот истифода мебаранд, ки дар бозор талаботи зиёд дошта, ба истеҳсолкунанда фоидаи бисёр меоранд. Дар ҳошияи ин, бояд қайд кард, ки дар вилояти Хатлон васеъ гардонидани заминҳои кишт мушоҳида карда мешавад, ки дар натиҷа истифодаи захираҳои замин барои истеҳсоли сабзавот ба 6,5 ҳазор гектар афзоиш ёфтааст.

Талабот ба маҳсулоти чорводорӣ мунтазам зиёд шуда истодааст ва яке аз намудҳои фаъолияти сердаромади аҳолии деҳот ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, заминҳои кишт барои истеҳсоли хӯроки чорво ба таври

максималӣ – зиёда аз 11,6 ҳазор гектар зиёд шудааст. Ба ғайр аз ин, дар шароити боло рафтани арзиши нуриҳои минералӣ ва воситаҳои беҳтар гардонидани замин, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бештар ба киштгардони замин, ки яке аз усулҳои муҳими барқароркунии ҳосилнокии захираҳои замин ба ҳисоб рафта, дар он истеҳсоли хӯроки чорво нақши пешбаранда дорад, эътибори зиёд дода истодаанд.

Сатҳи истифодаи оқилона ва самарабахши заминҳои киштро ҳамчун захираҳои асосии истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ дар дигаргуниҳои сохтории майдонҳои кишт мушоҳида кардан мумкин аст (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Дигаргуниҳои сохторӣ дар майдонҳои кишти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон (%)**

| Намудҳои маҳсулот | 2017 | 2021 | Микдори дигаргуниҳои сохторӣ, (+, -) | Индекси дигаргуниҳои сохторӣ, бо % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 413,9 | 430,5 | - | - |
| Аз ҷумла | | | | |
| Ғалладона | 48,3 | 44,1 | - 4,2 | - 8,7 |
| Зироатҳои техникӣ | 32,2 | 30,8 | - 1,4 | - 4,3 |
| аз ҷумла, пахта | 28,9 | 28,1 | -0,8 | -2,7 |
| Картошка | 2,3 | 2,8 | 0,5 | 21,7 |
| Сабзавот | 7,3 | 8,6 | 1,3 | 17,8 |
| Полизӣ | 3,2 | 3,6 | 0,4 | 12,5 |
| Хӯроки чорво | 7,6 | 10,0 | 2,4 | 31,6 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тибқи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021. – С.128-137 ҳисоб карда шудааст.

Маълумоти ҷадвали 2.3 аз он шаҳодат медиҳад, ки бузургии тағйироти сохтории майдонҳои ғалладона ба қимати баланди манфӣ (-4,2 банди фоиз) баробар мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар давраи таҳлилӣ таваҷҷуҳ ё ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба васеъ гардонидани майдони кишти ғалладона, дар маҷмуъ истеҳсоли маҳсулоти ғалладона оҳиста-оҳиста паст шудааст. Индекси тағйироти сохтории майдонҳои кишти ғалладона, ки суръати дигаргуниҳоро нишон медиҳад, ба - 8,7% (4,2/48,3х100%) баробар аст. Чунин раванд гарчанде ки кам бошад ҳам, дар кишти зироатҳои техникӣ, аз ҷумла пахта низ мушоҳида мегардад.

Қиматҳои калонтари ҳиссаҳо ва индексҳои тағйироти сохторӣ дар майдонҳои кишти хӯроки чорво ва сабзавот мушоҳида карда мешаванд, ки мутаносибан 2,4 ва 1,3 банди фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бисёртар бо роҳи зиёд кардани истеҳсоли хӯроки чорво ва сабзавот ҳавасманд гардида истодаанд, ки ба он қисми зиёди заминҳои кишт ҷалб карда шудаанд.

Натиҷаи ниҳоии истифодаи оқилонаи захираҳои замин ба нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ таъсир мерасонад.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.4 маълум мешавад, ки нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳои кишоварзии вилояти Хатлон раванди афзоиш доранд. Дар давраи таҳлилӣ ҳосилнокии маҳсулоти ғалладона ба 4,5%, пахта – 2,8%, сабзавот-12,9%, картошка - 7,4%, полизӣ-7,8%, мева-11,8% ва ангур-12,3% афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (с/га)**

| Зироатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 35,8 | 35,1 | 35,9 | 36,6 | 37,4 | 104,5 |
| Пахта | 21,7 | 14,6 | 21,9 | 22,3 | 22,3 | 102,8 |
| Сабзавот | 263,3 | 272,7 | 280,0 | 288,6 | 297,2 | 112,9 |
| Картошка | 163,0 | 173,4 | 174,9 | 172,0 | 175,1 | 107,4 |
| Полизӣ | 283,5 | 283,8 | 284,0 | 289,1 | 305,7 | 107,8 |
| Меваҳо | 70,1 | 71,7 | 74,5 | 74,5 | 78,4 | 111,8 |
| Ангур | 83,8 | 89,9 | 91,7 | 92,5 | 94,1 | 112,3 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021. - С. 146-152 ҳисоб карда шудааст.

Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замин нишондиҳандаҳои истеҳсоли умумии маҳсулот, аз ҷумла, маҳсулоти растанипарварӣ ба як гектар майдони кишт ба шумор меравад.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.5 маълум мегардад, ислеҳсоли маҷмуи маҳсулот аз ҳар як гектар майдони кишти соҳаи кишоварзии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 аз 34,1 то 48,1 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, афзоиш 140,6% -ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз ҳар гектар майдони кишт аз 24,5 то 35,7 ҳазор сомонӣ ва афзоиши он 145,8% боло рафтааст.

**Ҷадвали 2.5. - Динамикаи истеҳсоли маҷмуи маҳсулот барои як гектар замини кишт (сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии маҳсулот | 34182 | 32859,9 | 40239 | 45747,2 | 48069,6 | 140,6 |
| Аз ҷумла | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 24510,6 | 27737,9 | 29170,9 | 34241,7 | 35736,6 | 145,8 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021. - С.124, 222 ҳисоб карда шудааст.

Чи хеле ки дида мешавад, суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулот аз як гектар замини кишт аз суръати афзоиши маҳсулоти растанипарварӣ вобаста мебошад. Зиёда аз 74% маҷмуи маҳсулот барои ҳар як гектар замини кишт ба соҳаи растанипарварӣ рост меояд.

Захираҳои меҳнатии кишоварзӣ сарчашмаи муҳими истеҳсолоти соҳаи аграрӣ мебошад. Меҳнати хоҷагии кишоварзӣ яке аз меҳнатҳои мушкил дар соҳаи иқтисодиёт ба шумор меравад, зеро дар ин ҷо ба раванди истеҳсолот омилҳои табиӣ, иҷтимоӣ, физикӣ, генетикӣ ва биологӣ таъсир мерасонанд. Бинобар ин, талаб карда мешавад, ки дар ин ҷо қувваи кории тахассусгардонидашуда истифода бурда шавад. Дараҷаи тахассусии кормандон ҳамчун сармояи инсонӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошад: сатҳи маълумоти умумӣ, муҳлати омодагии касбӣ, собиқаи умумӣ ва собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос, синну сол ва қобилияти фардии ҳар як шахс. Дар соҳаҳои кишоварзӣ нишондиҳандаҳои умумии интенсификатсияи кадрҳои ихтисосиро сатҳи касбияту кордонии кормандон ташкил медиҳад.

Марҳилаи нави тараққиёти кишвар, гузаштан ба шакли саноатӣ-аграрии иқтисодиёт саноатикунонии меҳнати хоҷагии кишоварзӣ, баланд бардоштани омодагии мутахассисони баландихтисоси ба талаботи инноватсионӣ ҷавобгӯй, фароҳам овардани шароит барои ҳаракати озоди қувваи корӣ дар байни корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатиро талаб мекунад. Маҳз мутахассиси баландихтисос дар соҳаи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ қобилияти таъмин намудани комбинатсияи самараноки захираҳо ва истифодаи оқилонаи онҳоро дорад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар соҳаи иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон шумораи кормандони шуғлдошта афзоиш ёфта истодааст. Дар давраи солҳои 2017-2021 шумораи кормандоне, ки дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзии вилоят фаъолият мекарданд аз 289,5 то 309,7 ҳазор нафар зиёд гардида, афзоиши онҳо 107%-ро ташкил дод. Мутаносибан шумораи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, нисбат ба ҳамаи кормандони дар соҳаҳои дигари иқтисодиёт машғулбуда аз 64,7% то 63,6%, ё ба андозаи беш аз 1 банди фоиз кам гардидааст.

Дар давраи таҳлилӣ музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ аз 369,16 сомонӣ то 537,29 сомонӣ зиёд гардида, афзоиши он ба 145,5% баробар шуд. Соли 2021 музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ 47%-и сатҳи миёнаи музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони ҳамаи иқтисодиёти вилоятро дар бар гирифт. Гарчанде ки ҳиссаи он ба 3,2 банди фоиз зиёд шуда бошад ҳам, лекин чунин сатҳи музди меҳнат наметавонад барои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳавасмандиро ба вуҷуд орад. Баръакс, ин ҳолат ба исрофкорӣ ва дуздии захираҳо бо мақсади истифода бурдани онҳо дар хоҷагиҳои шахсӣ оварда мерасонад (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Динамикаи нишондиҳандаҳои истифодаи қувваи корӣ дар соҳаҳоии кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзии вилоят машғул мебошанд, ҳазор одам | 289,5 | 293,4 | 308,4 | 307,7 | 309,7 | 107 |
| Бо % нисбат ба ҳамаи дар иқтисодиёт машғулбуда | 64,7 | 64,2 | 65,1 | 64,6 | 63,6 | 1,1 б/ф |
| Музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ, сомонӣ | 369,16 | 427,61 | 488,40 | 511,33 | 537,29 | 145,5 |
| Таносуб бо музди меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаи иқтисодиёти вилоят, % | 43,8 | 46,8 | 50 | 48,5 | 47 | 3,2 б/ф |
| Маҳсулнокии меҳнат – истеҳсоли маҷмуи маҳсулот барои як нафар, ҳазор сомонӣ | 48,8 | 51,9 | 55,0 | 63,4 | 66,8 | 136,9 |

**Идомаи ҷадвали 2.6**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи фонди солонаи музди меҳнати як корманд нисбат ба маҳсулоти истеҳсолшуда барои як нафар, % | 9,05 | 9,8 | 10,5 | 9,6 | 9,6 | 0,55 б/ф |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020. - С. 126, 138 ҳисоб карда шудааст.

Оид ба сатҳи пасти истифодаи захираҳои меҳнатӣ дараҷаи пасти афзоиши маҳсулнокии меҳнат шаҳодат медиҳад, ки ҳамагӣ 4,9% зиёд шудааст. Дар маҷмуъ, қонуни афзоиши босуръати ҳосилнокии меҳнат дар муқоиса бо суръати болоравии музди меҳнат ба таври назаррас вайрон мегардад (суръати афзоиши музди меҳнат 145,5%, вале ҳосилнокии меҳнат 136,8%). Ҳиссаи фонди солонаи музди меҳнати як нафар коргар нисбат ба маҳсулоти истеҳсол карда шуда ба як нафар одам аз 9,05 то 9,6% зиёд гардидааст, ки чунин таносуб барои истифодаи оқилона ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳавасмандгардониро ба вуҷуд оварда наметавонад.

Заминаи моддӣ-техникии иқтисодиёти кишоварзӣ ва низоми мошинҳои кишоварзӣ заминаи захираҳои истеҳсолӣ буда, сатҳи инкишофи индустриалии истеҳсолоти кишоварзиро муайян мекунад. Сатҳи индустриалӣ ва таҳкими заминаи моддӣ-техникии соҳаҳои аграрӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бештар аз андоза ва намудҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва самарабахшии фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад. Дар корхонаҳои нисбатан калони кишоварзӣ раванди барқарорсозии васеи фондҳои асосӣ ва низоми мошинҳои истеҳсолоти кишоварзӣ мушоҳида мегардад. Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон раванди зиёдшавии ҳайати саройҳои тракторҳо ва мошинҳои хоҷагии кишоварзӣ дида мешавад. Дар давраи солҳои 2017- 2021 шумораи тракторҳо аз 12144 то 13173 адад зиёд гардидааст, яъне 1029 адад афзоиш ёфтааст. Мувофиқан нишондиҳандаҳои тракторҳо барои 1000 гектар майдони кишт аз 29,3 то 30,6-адад зиёд гардидааст.

Дар давраи таҳлилӣ миқдори комбайнҳои ғалладарав низ 8 адад зиёд гардида, барои 1000 гектар майдон аз 1,09 то 1,1-адад афзоиш ёфтааст. Мошинҳои пахтачинӣ бошад, баъди соли 2017 пайдо гардиданд. Соли 2021 корхонаҳои кишоварзии вилоят дар ихтиёрашон 11-адад чунин мошинҳоро доштанд. Ин рақам соли 2018 10-ададро ташкил медод. Барои 1000 гектар майдони пахтазор айни замон 0,02-адад мошинҳои пахтачин рост меояд. Тағйирёбии миқдори мошинҳои боркаш (145-адад кам) дар натиҷаи раванди ивазкунии саройи мошинҳо ба мошинҳои нави каммасраф ва фоидабахш сурат гирифта истодааст (ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. - Ҳайати саройи мошинҳои корхонаҳои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирот нисбат ба с 2017 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо, адад | 12144 | 12639 | 13155 | 13045 | 13173 | 1029 |
| Ба 1000 гектар майдони кишт рост меояд. | 29,3 | 31,3 | 31,2 | 30,6 | 30,6 | 1,3 |
| Комбайнҳои ғалладарав, адад | 455 | 468 | 486 | 475 | 463 | 8 |
| Ба 1000 гектар майдони кишти ғалладона рост меояд. | 1,09 | 1,2 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 0,01 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | - | 10 | 12 | 12 | 11 | 2 |
| Ба 1000 гектар майдони кишти пахта рост меояд. | - | 0,08 | 0,09 | 0,09 | 0,02 | 0,02 |
| Мошинҳои боркаш | 462 | 803 | 357 | 331 | 317 | -145 |
| Ба 1000 гектар майдони кишт рост меояд, адад | 1,11 | 1,99 | 0,84 | 0,77 | 0,73 | -0,38 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022. - 413 с. – С. 283-284 ҳисоб карда шудааст.

Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти аграрӣ шумораи корхонаҳои миёнаву калон коҳиш ёфт. Дар натиҷа, заминаи моддӣ-техникии хоҷагии кишоварзӣ ва вазъи саройҳои мошину тракторҳо бад гардид.

Бояд қайд кард, ки захираҳои худии хоҷагиҳои хурд барои таъмир ва барқарор кардани мошинҳои фарсудаи кишоварзӣ кам буда, ҷиҳати иваз кардани онҳо ба мошинҳои нав маҳдудиятҳои зиёд мавҷуданд. Вобаста ба ин, ҷустуҷӯи механизмҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии

мавҷуда, яъне ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аҳамияти хеле калон дорад. Бинобар ин, мо сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқ қарор додем.

Арзёбии сатҳи ташкили ИОЗИ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин гузаронида шуд:

- пуррагии вазифаҳо ва корҳои гузаронидашуда дар соҳаи ташкили ИОЗИ;
- ҷой ва ҳамкориҳои якҷояи иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ;
- тавсифи умумии корхонаҳои таҳлилшуда.

Пеш аз он ки таҳлили пуррагии вазифаҳои иҷрошавандаро гузаронем, номгӯи корҳоеро, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ иҷрошуда, бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, муайян кардем:

- ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили иттилоот оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар ин самт ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ кор мекунанд. Аммо методҳои мавҷудаи ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, инчунин сифати он барои иҷрои вазифаҳо ва корҳо оид ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ кифоя нест;

- ташкили омодагӣ ба истеҳсолот. Диққати махсус ба ин фаъолият нафақат барои мураккабии он ва васеъ будани проблемаҳои ҳал карда мешуда, балки бо сабаби таъсиррасонии вай ба стратегия ва қадамҳои ояндаи ИОЗИ низ дода мешавад. Ҳангоми қабули қарор оид ба омодагӣ ба истеҳсоли маҳсулот, қисми зиёди хоҷагиҳо ба масъалаи ба даст овардани натиҷаи бештар аз истифодаи оқилонаи захираҳо аҳамият медиҳанд. Аммо ҳал кардани проблемаҳои зиёди иҷтимоӣ-иктисодӣ, такрористеҳсолкунӣ, истифодаи экологӣ ва устувори заминро фаромӯш мекунанд;

- ташкили кор оид ба беҳтар намудани захираҳои замин, низоми мошинҳои дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурда мешуда, коҳиш додани вақти дар таъмир қарор доштани таҷҳизот, сатҳи такмилдиҳии ташкили хизматрасониҳо оид ба таъмир ва ғ;

- ташкили хизматрасониҳои нақлиётӣ: истифодаи мошинҳои фоидаовар, коҳиш додани вақти дастраскунӣ, масофаи ҳаракати нақлиётҳои дохили истеҳсолот ва муайян кардани ҳаракати он. Моҳияти ин дар мунтазам амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳои ташкилию техникӣ оид ба таъмини хароҷоти вақти кам ва таҷҳизот барои амалиёт, мувофиққунонии пурраи вақти кор оид ба кашонидани таҷҳизоти техникии ба корхона воридшуда ва аз он ҷо баровардашуда, инчунин дастрас кардани маълумоти пурра оид ба ҳолати корҳои боркунию борфарорӣ ифода меёбад;

- қариб ҳамаи хоҷагиҳо ба таҳияи нақшаҳои чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ оид ба сарфа кардани захираҳо машғул мешаванд. Лекин сатҳи чорабиниҳои техникию технологӣ ба қадри кофӣ баланд набуда, сарфаи умумӣ ночиз мебошад ва назорат аз болои иҷроиши чорабиниҳои ташкилию техникӣ ба таври сатҳӣ гузаронида мешавад, инчунин дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда намешаванд;

- муайян ва истифодаи захираҳо, коҳиш додани талафоти вақт, истифодабарии аз ҷиҳати иқтисоди ғайримақсадноки захираҳо ба таври интихобӣ аз рӯи киштҳо ва қитъаҳои алоҳида гузаронида мешавад, ки он ба номутаносибии истеҳсолот оварда мерасонад. Дар самти мазкур нақшаи маҷмуавӣ таҳия карда намешавад;

- банақшагирӣ ва назорати миқдори захираҳои истеҳсолӣ. Самти мазкури кор дар корхонаҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад. Ба ин проблема ҳайати шахсӣ ё шуъбаи банақшагирии молиявӣ-иқтисодӣ ва нархгузорӣ машғул мебошад. Ба вазифаи онҳо муайян кардани талабот ба захираҳо, таҳлили иқтисодии масъалаи мувофиқоии ҳисобкуниҳои нақшавии захираҳои истеҳсолӣ ва истифодабарии воқеӣ, таҳлили захираҳои боқимонда ва захираҳои дигари истеҳсолӣ, инчунин муайян намудани меъёрҳои захираҳо дохил мешавад. Таҳлили сифати бамеъёрдарорӣ нишон дод, ки миқдори захираҳои истеҳсолии дар анбор мавҷудбуда аз

истифодабарии воқеии он зиёд нест. Ин боиси аз кор мондани истеҳсолот бо сабаби норасоии захираҳои моддӣ мегардад;

- назорати истифодаи оқилонаи захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ: дида баромадани ҳолатҳои аз меъёрҳои тасдиқгардида зиёд шудани хароҷот ва маҳдудиятҳои истифодаи захираҳо; муайян кардани чорабиниҳо оид ба бартараф кардани камбудиҳои дар истифодабарии энергия ҷой дошта. Ташкили корҳои мазкур дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд, ки ин боиси хароҷоти зиёди захираҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва истифодаи зиёди онҳо мегардад;

- ташкили бақайдгирии захираҳои истеҳсолӣ қариб, ки дар ҳамаи хоҷагиҳо ба роҳ монда шудааст. Аммо онҳо аз рӯи дараҷаи саҳеҳият ва мазмуни бақайдгирӣ (бақайдгирӣ аз рӯи самтҳои алоҳидаи истеҳсолот, киштзорҳои кишоварзӣ дар қитъаҳои алоҳида, бақайдгирӣ аз рӯи агрегатҳои алоҳида), инчунин сатҳи таҷҳизонидани техникӣ (масалан, мавҷуд будани ҳисобкунакҳои босифати истифодаи энергия, миқдори онҳо дар корхонаҳо) аз ҳамдигар фарқ мекунанд;

- тартиб додани тавозуни сӯзишворӣ-энергетикӣ, ки аз қисмҳои даромад ва хароҷот иборат мебошад. Дар қисми даромад манбаъҳои энергияи воридшаванда, дар қисми хароҷот бошад, истифодабарандагони захираҳо номбар карда мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи корхонаҳои кишоварзии таҳқиқшуда ба тартиб додани тавозун машғуланд. Фарқияти асосӣ аз сифати онҳо (пуррагӣ, пурмазмунӣ, саҳеҳӣ, асосноккунӣ) иборат мебошад;

- ташкил кардани маҷмуи моддии оптималӣ дар истеҳсолот, маҳз коркарди ташкили ҷойивазкунии маводҳо дар низоми истеҳсолӣ, коркарди схемаи ҳаракати маҷмуъҳои иттилоотӣ ва моддӣ, таъмин намудани мувофиқоии байниҳамдигарӣ, оптимизатсиякунии маҷмуъҳои нақлиёт, назорати маҷмуи моддӣ ва интиқоли маълумот нисбат ба он[73].

---

[73] Махкамова, Ч. А. Саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон). [Матн] / Ч. А. Махкамова, Тахминаи Б. //Маводҳои

Лекин чорабиниҳои муҳими зерин умуман ё ин ки ба таври пурра иҷро карда намешаванд: интихоб ва асосноккунии шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои ҳаракати маводҳо; ташаккулдиҳии сохтори ташкилии идоракунии маҷмуи иттилоотӣ ва моддӣ, мукаммалгардонии низомҳои идоракунии маҷмуъҳои моддӣ, чорабинӣ оид ба ташаккули низоми назорат ва идоракунии истифодаи захираҳои энергетикӣ, баланд бардоштани сатҳи ташкили бақайдгирии истифодаи захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ. Масалан, азнавташкилкунии низоми назорати истифодабарии захираҳои энергетикӣ ду марҳиларо дарбар мегирад:

а) ташкили баҳисобгирии қувваи энергия ва барандагони энергия бо истифода аз низоми иттилоотию ченкунӣ.

б) ҷорӣ намудани низоми идоракунии автоматикунонидашудаи хоҷагии энергетикӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ. Бо сабаби мураккаб будани вазъияти иқтисодӣ, корхонаҳои зиёди кишоварзӣ азнавташкилкунии низоми мазкурро амалӣ накардаанд, ки айни замон алакай ба шароити дар корхона бавуҷудомада, инчунин ба самтҳои ҷорӣ намудани равандҳои нави технологии сарфакунандаи захираҳо мувофиқат намекунанд. Бо сабаби ноустувор будани вазъияти молиявии корхонаҳои кишоварзӣ таҷдиди таҷҳизот дар ҳолатҳои истисноӣ гузаронида мешаванд.

Чӣ хеле ки аз номгӯйи корҳои пешниҳодшуда мебинем, проблемаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ раванди мураккаб буда, ба он дар субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт аҳамияти зарурӣ ҷудо карда намешавад. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ методикаҳо ва нишондиҳандаҳои куҳнашударо истифода мебаранд. Аксарияти корхонаҳо нафақат барои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, балки барои сарфаи онҳо низ ҳавасманд намебошанд. Ин пеш аз ҳама, бо сатҳи пасти фоиданокии меҳнати кормандони хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки ба «домҳои

---

конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши идоракунии далатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2022. - 22-23 апрели соли 2022. - С. 322-329.

институтсионалӣ» (фаъолияти ғайриқонунӣ, дуздии захираҳо, сарфаи беҳудаи захираҳои пулӣ, барзиёднависӣ, пинҳон кардани фоида, коррупсия, бартер ва ғ.) оварда мерасонад, алоқаманд мебошад[74].

Дар ҷадвали 2.8 номгӯйи вазифаҳое, ки ба фикри муаллиф бояд бо мақсади баланд бардоштани ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифода бурда шаванд, дарҷ гардидаанд. Ба ғайр аз ин, таъсиси маркази масъулиятшиносӣ, ки бояд барои иҷрои вазифаҳои мушаххас масъул бошанд, пешниҳод карда шудааст. Таҳлили пуррагии вазифаҳои иҷрошаванда бо усули экспертӣ аз рӯи низоми даҳхола гузаронида шуд.

**Ҷадвали 2.8. - Таҳлили пуррагии вазифаҳои дар соҳаи ИОЗИ иҷрошаванда дар хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Хатлони ҶТ (с.2020)**

| Вазифаҳо | Хоҷагиҳои ноҳияҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Кӯшониён | Вахш | Ҷ. Балхӣ |
| **1. Предметӣ** | | | |
| 1.1. Таҳлили истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, холи миёна | 1,8 | 2,16 | 2,3 |
| 1.1.1. Ҷамъоварии маълумот оид ба истифодаи захираҳои моддӣ, технологӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ дар хоҷагиҳо | 4 | 4 | 5 |
| 1.1.2. Таҳлили таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва ватанӣ дар соҳаи ИОЗИ; ташкил кардани захираҳои дохилии иттилоотии ИОЗИ | 2 | 2 | 3 |
| 1.1.3. Коркарди иттилооти воридшуда, ҷудокунӣ ва гурӯҳбандии онҳо | 0 | 1 | 1 |
| 1.1.4. Таъмини оперативии (фаврии) роҳбари хоҷагӣ бо иттилооти таҳлилӣ ва маълумотӣ оид ба ИОЗИ | 3 | 5 | 4 |
| 1.1.5. Коркарди тавсияҳои роҳбари хоҷагӣ оид ба қабули қарорҳои оптималии истеҳсолӣ | 1 | 1 | 0 |
| 1.1.6. Таҳлили нақшаҳои мавҷудбуда оид ба баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ | 1 | 0 | 1 |
| **1.2. Банақшагирии ИОЗИ, холи миёна** | 1,43 | 1,42 | 1,87 |
| 1.2.1. Ислоҳкунӣ ва декомпозитсияи мақсадҳои хоҷагиҳо | 6 | 5 | 5 |
| 1.2.2. Арзёбии мақсадҳо ва вазифаҳои хоҷагиҳо аз нуқтаи назари мувофиққунии иштирокчиён ва аъзоёни хоҷагиҳо | 3 | 3 | 4 |
| 1.2.3. Таҳияи маҷмуи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ | 1 | 0 | 1 |
| 1.2.4. Муайян кардани сохторҳои оптималии миқдорӣ ва сифатии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ | 0 | 1 | 1 |
| **1. Предметӣ** | | | |
| 1.2.5. Муайян кардани хароҷоти молиявӣ барои амалӣ гардонидани чорабиниҳо ва сарчашмаҳои онҳо | 0 | 0 | 0 |

[74] Мирсаидов А.Б. «Институциональные ловушки» развития предпринимательства в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан. [Текст] / А. Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир. – 2017. - № 4. - С.43-52.

**Идомаи ҷадвали 2.8.**

| **Вазифаҳо** | **Хоҷагиҳои ноҳияҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | **Кӯшониён** | **Вахш** | **Ҷ. Балхӣ** |
| 1.2.6. Коркарди барномаҳои мақсадноки ИОЗИ | 0 | 0 | 1 |
| 1.2.7. Коркарди вазифаҳои техникии ИОЗИ | 0 | 1 | 1 |
| **1.3. Ташкили ИОЗИ, холи миёна** | 1,0 | 1,2 | 1,0 |
| 1.3.1. Мутобиқгардонии фаъолияти қитъаҳо ва шуъбаҳо дар соҳаи ИОЗИ | 2 | 2 | 1 |
| 1.3.2. Таъмини ҳамкории иттилоотии байни қитъаҳо ва иштирокчиёни хоҷагиҳо | 3 | 2 | 3 |
| 1.3.3. Ташкили коркарди мустақилона ва вориднамоӣ, инчунин иштирок дар коркард ва ворид намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои ИОЗИ | 0 | 1 | 1 |
| 1.3.4. Коркард ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи ИОЗИ | 0 | 1 | 0 |
| 1.3.5. Таҳияи дастурҳои методӣ оид ба ИОЗИ | 0 | 0 | 0 |
| **1.4. Назорати ИОЗИ, холи миёна** | 1,66 | 1,33 | 1,33 |
| 1.4.1. Назорат ва ба танзим даровардани муҳлати иҷро ва амалӣ намудани чорабиниҳои таҳиягардида | 3 | 3 | 2 |
| 1.4.2. Назорати сатҳи ҷории ИОЗИ, муайян кардани тағйирот | 1 | 0 | 1 |
| 1.4.3. Расонидани ёрии маслиҳатӣ дар соҳаи ИОЗИ | 1 | 1 | 1 |
| **1.5. Илмӣ-техникӣ, холи миёна** | 1,0 | 1,5 | 1,5 |
| 1.5.1. Муайян кардани номгӯйи омилҳо ва шароити ба ИОЗИ таъсиррасон | 2 | 2 | 2 |
| 1.5.2. Фаъолияти инноватсионӣ | 0 | 1 | 1 |
| **2. Тартиботӣ-коргузорӣ (протсессуалӣ), холи миёна** | | | |
| 2.1 Қабули қарорҳо | 1,5 | 1,5 | 2,5 |
| 2.1.1. Арзёбии чорабиниҳои таҳияшудаи ИОЗИ аз нуқтаи назари имкониятҳои истеҳсолӣ, ҳамчунин наздикшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | 2 | 3 | 3 |
| 2.1.2. Интихоби чорабиниҳои мушаххас | 1 | 0 | 2 |
| **2.2.Коммуникатсияҳо, холи миёна** | 5 | 4,5 | 4,5 |
| 2.2.1. Нигоҳ доштани алоқа байни роҳбарият ва масъулини минтақаҳо | 6 | 5 | 4 |
| 2.2.2. Нигоҳ доштани алоқа бо муҳити беруна | 4 | 4 | 5 |
| **3. Иҷтимоӣ, холи миёна** | | | |
| 3.1. Таснифи фаъолият | 2 | 2 | 2 |
| 3.1.1. Тақсимоти кор дар соҳаи ИОЗИ | 1 | 2 | 1 |
| 3.1.2. Таснифи ҳуқуқи истифодабарӣ | 3 | 2 | 3 |
| 3.2. **Ҳавасмандгардонӣ, холи миёна** | 2,0 | 1,25 | 1,0 |
| 3.2.1. Муайян кардани самтҳои рушди истеҳсолот барои ба роҳ мондани фаъолияти мақсадноки инноватсионӣ | 1 | 1 | 2 |
| 3.2.2. Таҳияи низомҳои ҳавасмандкунии ИОЗИ | 3 | 2 | 1 |
| 3.2.3. Ба таваҷҷуҳи кормандони хоҷагиҳо расонидани вазъияти асосӣ, нишондиҳандаҳои арзёбии ИОЗИ, ки аз рӯи он ҳавасмандӣ ба миён меояд. | 0 | 1 | 1 |
| 3.2.4. Муайян кардани самтҳои баланд бардоштани тахассуси кормандон | 4 | 1 | 0 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси пурсиши роҳбарони хоҷагиҳои ноҳияҳои қайдшуда тартиб дода шудааст.

Дар асоси маълумоти пешниҳодгардида ва мувофиқи ҷадвали 2.9 дараҷаи пуррагии вазифаҳои дар соҳаи ИОЗИ иҷрошавандаро арзёбӣ мекунем.

**Ҷадвали 2.9. - Арзёбии дараҷаи пуррагии вазифаҳои дар соҳаи ИОЗИ иҷрошаванда аз ҷониби корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои вилояти Хатлони ҶТ дар % нисбат ба ҳадди аскар (10 хол)**

| Номгӯи вазифаҳо | Хоҷагиҳои ноҳияҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Кӯшониён | Вахш | Ҷ. Балхӣ |
| 1. Таҳлили истифодаи захираҳои истеҳсолӣ | 18,0 | 21,6 | 23,0 |
| 2. Банақшагирии ИОЗИ | 14,3 | 14,2 | 18,7 |
| 3. Ташкили ИОЗИ | 10,0 | 12,0 | 10,0 |
| 4. Назорати ИОЗИ | 16,6 | 13,3 | 13,3 |
| 5. Илмӣ-техникӣ | 10,0 | 15,0 | 15,0 |
| 6. Қабули қарорҳо | 15,0 | 15,0 | 25,0 |
| 7. Коммуникатсияҳо | 50,0 | 45,0 | 45,0 |
| 8. Таснифи фаъолият (делегирование) | 20,0 | 20,0 | 20,0 |
| 9. Ҳавасмандкунӣ | 20,0 | 12,5 | 10,0 |
| **Дараҷаи умумии иҷрои вазифаҳо ба ҳисоби миёна** | **19,4** | **18,7** | **20,0** |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар хоҷагиҳое, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд, аз нуқтаи назари пуррагии вазифаҳои иҷрошаванда ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар сатҳи паст ба роҳ монда шуда, аксарияти вазифаҳо умуман иҷро намешаванд. Ба ғайр аз ин, камбудии асосӣ ин мавҷуд набудани муайянӣ ва аниқӣ дар низомномаҳои ҳайати кормандон ё ҷузъу томҳо ва вазифаҳои аз тарафи онҳо иҷрошаванда мебошад. Дар натиҷа, дар байни коллективҳои хоҷагиҳо мунокишаҳо сар зада, мавҷуд набудани ҳавасмандӣ ва номуайянии мақсадҳо ба ташкили ИОЗИ таъсири манфӣ мерасонад.

Бо сабаби он ки дар хоҷагиҳои таҳлилшуда раванди муназзами ташкили ИОЗИ ё марказҳои мутобиқгардонӣ, ки ба ҳалли чунин проблемаҳо машғул мебошанд, мавҷуд нестанд, арзёбии нақш ва ҳамкории байниҳамдигарии онҳо бо дигар иштироккунандагони раванди истеҳсолот ғайриимкон мебошад. Бинобар он, таъмини хоҷагиҳо бо низомномаҳои методӣ оид ба ташкили ИОЗИ ва самтҳои мушаххаси амалигардонии сиёсати истифодаи оқилонаи захираҳо тақозои замони муосир мебошад.

Дар байни дастурҳои методӣ ҷудо намудани намудҳои зерини ҳуҷҷатҳо зарур мебошад:

1. Низомномаҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки низомномаҳои мазкур якум, танҳо ба сарфаи захираҳо (дар ин ҳолат фақат захираҳои моддию энергетикӣ сарфашуда, захираҳои меҳнатӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ дар як тараф мемонанд), муайян ва амалигардонии манбаъҳо; дуюм, ба муайян кардани чорабиниҳои техникӣ ва манбаъҳои ташкилӣ равона гарданд.

2. Ҳуҷҷатҳои гуногуни нақшавӣ, ки ба азнавтаҷҳизонидани техникӣ, таҷдид, таъмири таҷҳизот ва коҳиш додани вақти азхудкунии маҳсулоти нав равона карда шудаанд. Нақшаҳои мазкур бояд, ки бо нақшаи умумӣ алоқаманд бошанд.

3. Низомномаҳо оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, сарфаи захираҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот. Бояд қайд кард, ки чунин низомҳои ҳавасмандгардонӣ вуҷуд надоранд. Дар натиҷа, дар баъзе ҳолатҳо қувваи кормандон ба амалигардонии чорабиниҳои хусусияти анъанавидошта равона карда мешавад, ки оқибат дар маҷмуъ ба корхонаҳо фоида оварда намешавад.

Дар хоҷагиҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ташкили ИОЗИ, низомномаҳои умумӣ оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ки фаъолияти минтақаҳои истеҳсолотро дар самтҳои гуногун мутобиқ мегардонанд, мавҷуд нестанд.

Таҳлили истифодаи захираҳои истеҳсолӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар хоҷагиҳо таъмини методии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (хусусан моддӣ ва меҳнатӣ) дар сатҳи паст таҳия карда шудаанд. Қисми зиёди таҳлилҳои гузаронида шуда, бо нишондиҳандаҳое, ки дар аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ истифода бурда мешаванд, асоснок карда шудаанд. Лекин ҷиҳати арзёбӣ кардани сатҳи ИОЗИ манфиати ин нишондиҳандаҳо кам мебошад. Масалан, агар нишондиҳандаи хароҷот барои ба маблағи 1 сомонӣ истеҳсол кардани махсулот кам шавад, гарчанд вазъияти умумӣ дар

корхонаҳо бад шуда бошад ҳам, ин аз беҳтар гардидани истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ шаҳодат медиҳад. Аммо аз рӯи ин нишондиҳандаҳо дар бораи тағйир ёфтани сатҳи ИОЗИ сухан рондан мумкин нест. Дар асл кам шудани хароҷот бо сабабҳои зерин алоқаманд аст: иваз намудани захираҳои алоҳида бо намудҳои камарзиши онҳо, технологияи коркарди партовҳои истеҳсолӣ, истифодаи кормандони тахассусашон пасттар, ки боиси коҳиш ёфтани сифати маҳсулот мегардад. Ба ғайр аз ин, оид ба вазъияти вазнини молиявӣ ва муайян кардани манбаъҳо набояд фаромӯш кард. Бинобар ин, барои хулосабарорӣ кардан оид ба сатҳи ИОЗИ ва мақсаднок будани чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳо, зарур аст, ки маҷмуи омилҳои дигар низ таҳлил карда шаванд. Аз ҷумла, омилҳои зерин: имконияти ба фурӯш рафтани маҳсулоти истеҳсолшуда, ба сифати муайян гардида ҷавобгӯй будани он, то чӣ андоза қарорҳои қабулшаванда бо мақсадҳои корхона мувофиқ карда мешаванд ва ғ.

Чӣ тавре ки дар таҳлили нишондиҳандаҳои самарбахшии захираҳо (истеҳсоли маҷмуи маҳсулот аз 1 гектар заминҳои корам ва ғайра) нишон дод, дар хоҷагиҳо раванди беҳтаршавӣ ҷой дорад. Ин масалан, бо суръати нисбатан баланди хароҷоти моддӣ ва арзишҳои аслии истеҳсолӣ алоқаманд мебошад. Корхона хароҷоти худро пӯшонида наметавонад. Бинобар ин, дар асоси ин нишондиҳандаҳо ва бе омӯзиши чуқуртари вазъияти истеҳсолот оид ба беҳтар гардидани сатҳи ИОЗИ сухан рондан душвор мебошад.

Паст гардидани арзиши воситаҳои асосӣ бо сабаби корношоям гаштани онҳо (дар натиҷа бад шудани вазъияти молиявии корхона) сатҳи нишондиҳандаҳои самарабахшии фондҳоро баланд мебардорад. Бинобар ин, дар бораи тағйирёбии сатҳи ИОЗИ хулосабарорӣ кардан мумкин нест. Дар асл, кам шудани воситаҳои асосӣ мумкин бо корношоям гардидани воситаҳои дар корхона истифода бурда намешуда, ки мавҷудияти онҳо барои нигоҳдорӣ маблағи иловагиро талаб мекунад, вобаста бошад.

Шумораи кормандон ба таври назаррас зиёд шуд. Бигзор чунин ҳисоб кунем, ки зиёд шудани шумораи кормандон бо афзоиши ҳаҷми истеҳсолот вобаста буда, он барои рушди корхонаҳои кишоварзӣ раванди мусбат мебошад. Лекин чӣ қадаре ки сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагиҳо тағйир ёфта бошад ҳам, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити паст будани музди меҳнати моҳонаи онҳо дар корхона шуғли самарабахш вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон гузаронидашуда мо ба хулосае омадем, ки роҳбарони онҳо ба проблемаҳои ИОЗИ ба таври кофӣ аҳамият намедиҳанд. Ин ба он оварда расонидааст, ки дар хоҷагиҳо низомномаҳои зарурӣ таҳия карда нашудаанд, низоми арзёбии сатҳи ИОЗИ вуҷуд надорад ва вазифаҳои иҷрокунандагони мушаххас муайян нагардидаанд[75].

## 2.2. Таҳлили ҳолати истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ

Омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ идоракунии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замин ва меҳнат ба шумор меравад. Аммо аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ то ҳол ба таркиби самтҳои асосии фаъолияти худ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамроҳ накардаанд ва бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот омили мазкурро ба таври кофӣ истифода намебаранд.

Сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ аз хусусияти ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ то як андоза бо хусусиятҳои соҳа муайян карда мешавад. Дар соҳаи кишоварзӣ ба сифати воситаҳои махсуси захираҳои истеҳсолӣ организмҳои зинда (растаниҳо ва ҳайвонот) баромад карда, воситаи асосии истеҳсолот замин мебошад.

---

[75] Махкамова Ч.А. Современное состояние рациональное использование производственных ресурсов в сельскохозяйственных предприятиях [Текст] / Ч.А. Махкамова // Земледелец. ТАУ. - Душанбе. - 2021. - №1 (90). - С. 210-215.

Яке аз хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ аз он иборат аст, ки тақсими ҷамъиятии меҳнат нисбат ба соҳаи саноат, ки дар он ҷо дараҷаи махсусгардонии корхонаҳо метавонад нисбатан маҳдуд бошад, дигар хел ба роҳ монда шудааст. Қисми зиёди корхонаҳои кишоварзӣ якчанд намуди маҳсулотро истеҳсол карда, дар як вақт соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводориро низ вусъат медиҳанд. Бинобар ин, хусусиятҳои дар боло номбаршуда ва хусусиятҳои дигари истеҳсолоти кишоварзӣ ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, ки ҳангоми ташкили истеҳсолот ба назар гирифтани онҳо зарур мебошад.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ яке аз маҷмуи вазифаҳои идоракунии захираҳо буда, дорои хусусияти махсуси ташкилӣ мебошад ва аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ фарқ мекунад. Вобаста ба ин, вазъи истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва тақсими заминҳои киштро дар шаклҳои гуногуни хоҷагидории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳлил менамоем.

Чӣ хеле ки маълумоти ҷадвали 2.10 собит месозад, соли 2021 дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон зиёда аз 1032,6 ҳазор тонна маҳсулоти ғалладона истеҳсол карда шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ ва тақсими заминҳои кишт аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон**

| Маҳсулот | Ҳама намудҳои хоҷагиҳо | | Корхонаҳои кишоварзӣ | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 |
| Ғалладона, тонна | 903125 | 1032680 | 64888 | 68086 | 319983 | 390036 | 518274 | 584558 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 7,2 | 6,6 | 35,4 | 37,8 | 57,4 | 56,6 |
| Майдони кишт, гектар | 199886 | 190179 | 18972 | 19424 | 57706 | 50516 | 123208 | 120239 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 9,5 | 10,2 | 28,9 | 26,5 | 61,6 | 63,3 |
| Пахта, тонна | 259277 | 270002 | 34736 | 57931 | - | - | 224541 | 212071 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 13,4 | 21,5 | - | - | 86,6 | 78,5 |
| Майдони кишт, гектар | 119550 | 121236 | 16352 | 23669 | - | - | 103198 | 97567 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 13,7 | 19,5 | - | - | 86,3 | 80,5 |
| Картошка, тонна | 162677 | 213801 | 6232 | 15224 | 91440 | 102883 | 65005 | 95694 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 3,8 | 7,1 | 56,2 | 48,1 | 40 | 44,8 |
| Майдони кишт, гектар | 9693 | 12058 | 365 | 850 | 5323 | 5967 | 4005 | 5241 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 3,8 | 3,4 | 54,9 | 65,4 | 41,3 | 31,1 |

**Идомаи ҷадвали 2.10.**

| Маҳсулот | Ҳама намудҳои хоҷагиҳо | | Корхонаҳои кишоварзӣ | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 |
| Сабзавот, тонна | 1021221 | 1548078 | 36799 | 62121 | 488216 | 688614 | 496205 | 797343 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 3,6 | 4 | 47,8 | 44,5 | 48,6 | 51,5 |
| Майдони кишт, гектар | 30497 | 36899 | 1314 | 1717 | 14102 | 15676 | 15081 | 19506 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 4,3 | 4,6 | 46,2 | 42,5 | 49,5 | 52,9 |
| Полизӣ, тонна | 422937 | 589089 | 16561 | 21478 | 132496 | 133061 | 273880 | 434550 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 3,9 | 3,6 | 31,4 | 22.6 | 64,7 | 73,8 |
| Майдони кишт, гектар | 13381 | 15687 | 648 | 827 | 2892 | 2790 | 9841 | 12070 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 4,8 | 5,3 | 21,6 | 17,8 | 73,5 | 76,9 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф аз рӯйи Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2022.-С.133-145, С. 164-167 ҳисоб карда шудааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017, ки 903,1 ҳазор тоннаро ташкил додааст, 14,3 % зиёдтар мебошад. Аз ҳаҷми умумии дар соли 2021 истеҳсолшудаи маҳсулоти ғалладона 6,6%-и онҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ, 37,8% ба хоҷагиҳои аҳолӣ ва 56,6% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) рост меояд.

Чӣ тавре ки дида мешавад, вазни хоси маҳсулоти ғалладонаи истеҳсолкардаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нисбатан зиёд буда, 56,6%-ро ташкил медиҳад. Соли 2021 ғалладона дар майдони зиёда аз 190,1 ҳазор гектар кишт карда шудааст, ки нисбат ба соли 2017 4,8% камтар мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғалладона аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва баланд бардоштани ҳосилнокии он ба даст омадааст. Соли 2021 дар заминҳои умумии кишт ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ -10,2%, хоҷагиҳои аҳолӣ-26,5% ва хоҷагиҳои деҳқонӣ - 63,3%-ро ташкил додааст. Истеҳсоли маҳсулоти ғалладона нисбат ба соли 2017 дар хоҷагиҳои аҳолӣ 121,9%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-112,8% ва дар корхонаҳои кишоварзӣ бошад, 104,9% афзоиш ёфтааст.

Истеҳсоли пахта, ки дар вилояти Хатлон маҳсулоти стратегӣ ба ҳисоб меравад, дар давраи таҳлилгардида аз 259,2 то 270 ҳазор тонна зиёд шудааст. Дар ҳолати ба 101,4% зиёд шудани масоҳати замини кишти пахта, истеҳсоли он 104,1% афзоиш ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар

вилоят зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли пахта бо роҳи экстенсивӣ, яъне васеъ намудани замини кишт ба даст омадааст[76]. Ин аз истифодаи ғайрисамарабахши захираҳои замин ва диққат надодан ба беҳтар намудани ҳосилнокии он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷа сатҳи пасти ҳосилнокии пахта мушоҳида карда мешавад.

Истеҳсолкунандагони асосии пахта хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба шумор мераванд, ки саҳми умумии онҳо дар истеҳсоли ин намуди маҳсулот дар соли 2021 78,5%-ро ташкил медод ва мутаносибан зиёда аз 80,5%-и заминҳои киштро дарбар мегирифт.

Картошка пас аз ғалладона маҳсулоти дуюми асосӣ ба шумор рафта, дар сабади истеъмолии маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун предмети истеъмолии доимӣ ҷойи махсусро ишғол кардааст. Соли 2021 аз 9,6 ҳазор гектар заминҳои кишти хоҷагиҳои кишоварзии вилоят, яъне аз истифодаи захираҳои замин 213,8 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шудааст. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти картошка ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ 7,1% мебошад. Ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ дар ин самт 48,1%-ро ташкил медиҳад, ки аз як гектар замин 172 сентнер ҳосил ба даст овардаанд. 48,1%-и заминҳои кишти картошка ба хоҷагиҳои аҳолӣ ва 44,8%-и онҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) рост меояд.

Барои хоҷагиҳои вилояти Хатлон истеҳсоли маҳсулоти сабзавот даромаднок ба ҳисоб меравад. Соли 2021 дар вилоят зиёда 1,5 млн. тонна маҳсулоти сабзавот истеҳсол карда шудааст. Ин нишондиҳанда соли 2017 1,02 млн. тоннаро ташкил додааст, яъне соли 2021 нисбат ба соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти сабзавот зиёда аз 51,6% афзудааст. Мутаносибан масоҳати замини кишт ба 6402 ҳазор га ва ё 21% зиёд карда шудааст. Соли 2021 дар истеҳсоли маҳсулоти сабзавот ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 51,5% ва хоҷагиҳои аҳолӣ 44,5%-ро ташкил дода, онҳо мутаносибан 52,9 % ва 42,5%-и заминҳои кишти сабзавотро ишғол

---

[76] Муслихова Т.Т. Такрористеҳсолии васеъ дар хоҷагиҳои қишлоқ: интенсификатсия ва самаронкии он [Матн] / Т.Т. Муслихова // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. - № 3 (23). - С. 63-67.

мекарданд. Суръати афзоиши истеҳсолот аз суръати васеъ намудани заминҳои кишт пеш гузаштааст, ки ин аз истифодаи интенсивӣ ва нисбатан оқилонаи захираҳои замин шаҳодат медиҳад[77].

Маҳсулоти полизӣ низ барои хоҷагиҳои вилоят соҳаи махсусгардонидашуда ва нисбатан даромаднок ба ҳисоб меравад. Соли 2021 барои истеҳсоли 589089 ҳазор тонна маҳсулоти полизӣ 15,6 ҳазор гектар захираҳои замин – майдонҳои кишт истифода бурда шудаанд, ки онҳо нисбат ба соли 2017 мутаносибан 39,3 ва 17,2% зиёд мебошанд. Зиёда аз 73,8% истеҳсоли маҳсулоти полизӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) рост меояд ва онҳо 76,9% заминҳои киштро ишғол карда буданд. Хоҷагиҳои аҳолӣ 17,8% заминҳои киштро ишғол намуда, 22,6% маҳсулоти полизии дар вилояти Хатлон истеҳсолшударо истеҳсол кардаанд.

Таҳлили манфиатҳо, интихоби намудҳои истеҳсолот ва мутаносибан ҷалби захираҳо дар ҷараёни дигаргуниҳои сохторӣ ба таври возеҳ аён мегардад. Азбаски барои аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти ғалладона таърихан фаъолияти анъанавӣ ва муқаддас мебошад, бинобар ин, дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ) ба истеҳсоли маҳсулоти ғалладона бо ҳавасмандии зиёд машғул шуда, онро дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун маҳсулоти асосӣ қабул кардаанд. Бинобар ин, чуноне ки дар ҷадвали 2.11 нишон дода шудааст, истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар хоҷагиҳои аҳолӣ соли 2021 нисбат ба соли 2017 зиёда 70 ҳазор тонна ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошад, зиёда аз 66,2 ҳазор тонна зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.11. - Тағйирёбии сохтории ҳаҷми истеҳсолот ва заминҳои кишт аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2017 (+- )**

| Маҳсулот | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хочагиҳои аҳолӣ | Хочагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) |
|---|---|---|---|
| Ғалладона, тонна | 3198 | 70053 | 66284 |
| Бо %, б/ф | -0,6 | 2,4 | -0,8 |
| Майдони кишт, гектар | 452 | - 7190 | -2969 |
| Бо %, б/ф | 0,7 | -2,4 | 1,7 |

[77] Муслихова Т.Т. Такрористеҳсолии васеъ дар хоҷагиҳои қишлоқ: интенсификатсия ва самаронкии он [Матн] / Т.Т. Муслихова // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. - № 3 (23). - С. 63-67.

**Идомаи ҷадвали 2.11.**

| Маҳсулот | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хочагиҳои аҳолӣ | Хочагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) |
|---|---|---|---|
| Пахта, тонна | 23195 | - | -12470 |
| Бо %, б/ф | 8,1 | - | -8,1 |
| Майдони кишт, гектар | 7317 | - | -5631 |
| Бо %, б/ф | 5,8 | - | -5,8 |
| Картошка, тонна | 8992 | 11443 | 30689 |
| Бо %, б/ф | 3,3 | -8,1 | 4,8 |
| Майдони кишт, гектар | 485 | 644 | 1236 |
| Бо %, б/ф | -0,4 | 10,5 | -10,2 |
| Сабзавот, тонна | 25322 | 200398 | 301138 |
| Бо %, б/ф | 0,4 | -3,3 | 2,9 |
| Майдони кишт, гектар | 403 | 1574 | 4425 |
| Бо %, б/ф | 0,3 | -3,7 | 3,4 |
| Полизӣ, тонна | 4917 | 565 | 160670 |
| Бо %, б/ф | -0,3 | -8,8 | 9,1 |
| Майдони кишт, гектар | 179 | -102 | 2229 |
| бо %, б/ф | 0,5 | -3,8 | 3,4 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.10 ҳисоб карда шудааст.

Ҳиссаи истеҳсолот дар хоҷагиҳои аҳолӣ ба 2,4 банди фоиз афзоиш ёфта, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 0,8 банди фоиз коҳиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар шароити коҳиш ёфтани заминҳои кишт (-7190 гектар) ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғалладона ба 2,4 банди фоиз зиёд гардидааст. Ин аз сатҳи баланди истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замин шаҳодат медиҳад. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) заминҳои кишти ғалладона 66284 гектар (112,8%) зиёд шуда бошад ҳам, аммо истеҳсоли он 1,9% ё 0,8 банди фоиз коҳиш ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолияти худро дар самти истеҳсоли ғалладона самаранок ба роҳ намондаанд.

Соли 2021 масоҳати майдонҳои кишти пахта нисбат ба соли 2017 1686 гектар ва ҳиссаи онҳо барои замини умумии кишти пахта 0,8 банди фоиз кам шудааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ зиёдшавии истеҳсоли пахта дида мешавад. Соли 2021 дар корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсоли пахта нисбат ба соли 2017 23195 тонна ва ҳиссаи онҳо дар замини умумии кишт 8,1 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошад, ҳосили пахта нисбат ба соли 2017 12470 тонна ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсолоти умумии пахта 9,1 банди фоиз кам шудааст. Мувофиқан масоҳати заминҳои кишти пахта низ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 5631 гектар кам

гардидааст, яъне дар ҳолати кам гардидани заминҳои кишт ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти пахта низ коҳиш ёфтааст. Ин аз паст шудани ҳавасмандии онҳо ба парвариши пахта шаҳодат медиҳад. Дар маҷмуъ, дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти пахта истифодаи устувор ва оқилонаи захираҳои замин мушоҳида мегардад. Зеро онҳо барои барқарор ва дастгирӣ кардани соҳаи пахтакорӣ аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ ҳавасманд карда мешаванд.

Барои истеҳсоли картошка ба мисли маҳсулоти ғалладона таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии воқеии иқтисодӣ мавҷуданд. Соли 2021 истеҳсоли картошка дар хоҷагиҳои аҳолӣ 11443 ҳазор тонна ва майдони кишти онҳо 644 гектар зиёд гардидааст. Дар давраи таҳлилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) истеҳсоли картошка 30689 тонна ва ҳиссаи он ба 4,8 банди фоиз зиёд шудааст. Аммо майдони кишти картошка 10,2 банди фоиз коҳиш ёфтааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар истеҳсоли картошка сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои замин дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нисбат ба шаклҳои дигари хоҷагидорӣ баландтар аст.

Дар истеҳсоли сабзавот сатҳи баланди афзоиш дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дида мешавад. Сабзавоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 301,1 ҳазор тонна ва вазни хоси онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли сабзавот дар вилоят ба 2,9 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Мутаносибан масоҳати заминҳои кишти сабзавот 4425 гектар ва ҳиссаи онҳо дар масоҳати умумии заминҳои кишти вилоят 3,4 банди фоиз зиёд гардидаанд. Ҳамин тавр, ҳавасмандӣ ва сатҳи баланди махсусгардонӣ дар истеҳсоли сабзавот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мушоҳида мегардад. Ин аз сатҳи баланди манфиатнокии дигаргуниҳои сохтории гузаронидашуда ба фоидаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шаҳодат медиҳад.

Масоҳати заминҳои кишти сабзавот дар хоҷагиҳои аҳолӣ ба 1574 гектар васеъ карда шудааст. Дар ин хоҷагиҳо афзоиши истеҳсоли сабзавот (200,4 ҳазор тонна) низ дида мешавад. Аммо ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли сабзавот 3,3 банди фоиз ва ҳиссаи заминҳои кишт бошад, ба 3,7 банди фоиз кам гардидааст.

Солҳои охир хоҷагиҳои аҳолӣ захираҳои заминро барои истеҳсоли маҳсулоти фоидабахш-истеҳсоли зироатҳои ғалладона ва хӯроки чорво истифода бурда истодаанд, ки ин барои рушди соҳаи чорводорӣ заминаи муҳим мебошад.

Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли сабзавот дар корхонаҳои кишоварзӣ дида мешавад. Дар ҳолати ба 403 гектар зиёд гардидани масоҳати заминҳои кишти сабзавоти корхонаҳои кишоварзӣ, ҳаҷми истеҳсоли онҳо 25,3 ҳазор тонна афзоиш ёфтааст. Ин раванди мусбат мебошад, зеро тарзи интенсивии истеҳсоли маҳсулоти сабзавот ба роҳ монда шудааст.

Тағйирёбии сохторӣ дар истеҳсоли маҳсулоти полизӣ ба манфиати хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) рафта истодааст. Соли 2021 афзоиши маҳсулоти полизӣ нисбат ба соли 2017 16 ҳазор тоннаро ташкил дод. Албатта, ин зиёдшавӣ аз ҳисоби васеъ намудани заминҳои кишти полизӣ ба 2229 гектар ва зиёд гардидани ҳиссаи онҳо дар масоҳати умумии заминҳои кишти полизӣ дар вилояти Халон ба 3,4 банди фоиз ба даст омадааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ масоҳати заминҳои кишт 179 гектар ва миқдори истеҳсолот низ 4917 тонна зиёд гардидааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти полизӣ 565 тонна зиёд гардида, аммо масоҳати заминҳои кишти он 102 гектар кам шудааст (ҷадвали 2.11).

Акнун сатҳи ИОЗИ-ро барои истеҳсоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ - ғалладона ва картошка дар шаклҳои гуногуни хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон арзёбӣ менамоем. Дар ҷадвалҳои 2.12 ва 2.13 маълумотҳое нишон дода шудааст, ки дар асоси онҳо сатҳи ИОЗИ ҳисоб карда мешаванд. Ҳаҷми маҳсулоти ғалладона ва картошка дар ифодаи пулӣ дар муқоиса бо нархгузории соли 2021 ҳисоб карда шудааст (моҳи декабри соли 2021 дар бозорҳои вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна нархи як килограмм ғалладона 3,95 сомонӣ ва нархи 1 килограмм картошка 3,68 сомониро ташкил медод)[78].

[78] Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ [Матн] // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - № 4. – 146 с. - С. 45.

Чӣ хеле ки аз ҷадвали 2.12 дида мешавад, сатҳи баланди истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 2.12. - Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 | 2017 | 2021 |
| Ғалладона, ҳазор сомонӣ (аз рӯи нархгузории соли 2021) | 256307,6 | 268939,7 | 1263932,8 | 1540642,2 | 2047182,3 | 2309004,1 |
| Хароҷотғунҷоиши 1 сомонӣ маҳсулот | 0,76 | 0,81 | 0,61 | 0,55 | 0,67 | 0,63 |
| Картошка, ҳазор сомонӣ (аз рӯи нархгузории соли 2021) | 22933,7 | 56024,3 | 336499,2 | 378609,4 | 239218,4 | 352153,9 |
| Хароҷотғунҷоиши 1 сомонӣ маҳсулот | 0,83 | 0,78 | 0,51 | 0,45 | 0,66 | 0,61 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯи Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ, 2019.- № 4.- С. 45; Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ, 2021. - № 4. - С. 45 ҳисоб карда шудааст.

Соли 2021 аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба маблағи 2,3 млн. сомонӣ ва соли 2017 бошад, ба маблағи 2,04 млн. сомонӣ маҳсулоти ғалладона истеҳсол карда шудааст, ки афзоиш 112,8%-ро ташкил медиҳад. Дар давраи таҳлилӣ хароҷоти умумӣ барои 1 сомонӣ маҳсулот аз 0,67 то 0,63 сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Аз рӯи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ғалладона ҷойи дуюмро хоҷагиҳои аҳолӣ ишғол мекунанд. Соли 2021 хоҷагиҳои аҳолӣ ба маблағи 1,5 млн. сомонӣ маҳсулоти ғалладона истеҳсол кардаанд, ки дар муқоиса бо соли 2017 121,9% афзоиш ёфтааст. Хароҷоти умумӣ барои 1 сомонӣ маҳсулот аз 0,61 то 0,55 сомонӣ кам шудааст. Яъне, сатҳи ИОЗИ дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар муқоиса бо шаклҳои дигари хоҷагидорӣ хеле баланд аст.

Дар корхонаҳои кишоварзӣ раванди камшавии истеҳсоли маҳсулоти ғалладона мушоҳида карда мешавад. Соли 2021 дар муқоиса бо соли 2017 ба маблағи 12,6 ҳазор сомонӣ камтар маҳсулоти ғалладона истеҳсол карда шудааст. Ин раванди пастшавии истеҳсолот аз болоравии хароҷоти умумӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот, яъне зиёдшавии миқдори хароҷоти ҳудудӣ нисбат ба фоидаи маҳсулоти ҳудудӣ вобаста мебошад.

Истеҳсоли картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагӣ зиёд шудааст. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 144,3%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 47,2% ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ 12,5% афзоиш ёфтааст. Аммо хароҷоти умумӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот низ (мутаносибан аз 0,83 то 0,78 сомонӣ, аз 0,51 то 0,45 сомонӣ ва аз 0,66 то 0,61 сомонӣ) паст шудааст.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки картошкапарварӣ яке аз намудҳои фаъолияти заҳматталаб ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, шароити боду ҳавои аксарияти ноҳияҳои вилояти Хатлон барои кишти ин намуди маҳсулот номусоид аст. Инчунин заминаи моддӣ-техникии соҳаи мазкур нисбат ба хоҷагиҳои ноҳияи Лахш, ки дар он ҷо истеҳсоли картошка шуғли махсусгардонидашуда ба ҳисоб меравад, паст мебошад. Бинобар ин, сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи картошка дар бозори дохилӣ, хоҷагиҳои деҳқони (фермери)-и вилояти Хатлонро маҷбур кард, ки азнавтақсимкунии захираҳоро барои истеҳсоли маҳсулоти ғалладона ва сабзавот гузаронанд. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар истеҳсоли картошка он хоҷагиҳо пешсаф мебошанд, ки дар он ҷо новобаста аз камшавии ҳаҷми истеҳсолот, хароҷоти умумӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот тамоюли камшавиро дорад.

Барои арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мо корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқони (феремери)-и вилояти Хатлонро интихоб кардем. Зеро онҳо қисми зиёди захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳои кишоварзиро доро ҳастанд. Азбаски дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои хоҷагидорӣ сатҳи баланди истифодаи самарабахш ва оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мушоҳида карда мешавад, бинобар ин, нишондиҳандаҳои онҳо ба сифати варианти имконпазири истеҳсоли маҳсулот ҳангоми мавҷуд будани захираҳо қабул карда шудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз рӯи истеҳсоли маҳсулот аз як гектар замин ҳисоб карда шудаанд. Қиматҳои нишондиҳандаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар соли 2020 дар хоҷагиҳои интихобгардида аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.13 ҳисоб карда шуда, дар ҷадвали 2.14 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2.13. - Нишондиҳандаҳои муқоисавии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар соли 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воқеӣ (с. 2020) | Тибқи нақша | Имкон-пазир | Воқеӣ (с. 2020) | Тибқи нақша | Имкон-пазир |
| Ғалладона, ҳазор сомонӣ (бо нархгузории соли 2020) | 134151,1 | 135140,1 | 867182,8 | 1331406,5 | 1151211,2 | 1972952,8 |
| Хароҷотғунҷоиши 1 сомонӣ маҳсулот | 0,81 | 0,71 | 0,55 | 0,67 | 0,64 | 0,55 |
| Картошка, ҳазор сомонӣ (бо нархгузории соли 2020) | 28086,3 | 28900,0 | 31231,7 | 33246,0 | 34132,1 | 38789,2 |
| Хароҷотғунҷоиши 1 сомонӣ маҳсулот | 0,79 | 0,75 | 0,45 | 0,61 | 0,60 | 0,45 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯи Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. - С.133-178 ва ҳисоботи Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст.

Чӣ хеле ки аз маълумоти ҷадвали 2.14 дида мешавад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ сатҳи воқеии истеҳсоли ғалладона ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ қариб наздик шудааст, яъне нишондиҳандаҳои нақшавӣ мутаносибан 99% ва 98% иҷро гардидаанд.

**Ҷадвали 2.14. - Қиматҳои нишондиҳандаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар соли 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | |
|---|---|---|---|---|
| | Нишондиҳандаи воқеӣ тибқи нақша, $К_н$ | Нишондиҳандаи воқеӣ тибқи имконпазирӣ, $К_и$ | Нишондиҳандаи воқеӣ тибқи нақша, $К_н$ | Нишондиҳандаи воқеӣ тибқи имконпазирӣ, $К_и$ |
| Ғалладона | 0,99 | 0,154 | 0,98 | 0,573 |
| Хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот | 1,07 | 1,38 | 1,04 | 1,21 |
| Картошка | 0,97 | 0,89 | 0,97 | 0,85 |
| Хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот | 1,05 | 1,75 | 1,01 | 1,35 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.13 ҳисоб карда шудааast.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 57,3%-и варианти имконпазири истеҳсоли ғалладона ва корхонаҳои кишоварзӣ бошад, ҳамагӣ 15,4%-и онро ба даст овардаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда нашудааст. Мувофиқан коэффитсиентҳои нишондиҳандаҳои воқеӣ нисбат

ба нақшавӣ ва варианти имконпазир аз воҳид боло мебошад. Ин коэффитсиент барои корхонаҳои кишоварзӣ мутаносибан 1,07 ва 1,38, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошад, мутаносибан 1,04 ва 1,21-ро ташкил додаанд. Дар ин самт, нисбатан раванди мусбат дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дида мешавад.

Нисбат ба маҳсулоти картошка бояд қайд кард, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ 97% истеҳсоли нақшавӣ ва 89% варианти имконпазир, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошад, 97% истеҳсоли нақшавӣ ва 85% варианти имконпазир ба даст оварда шудааст. Коэффитсиенти хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ 1,05, варианти имконпазир бошад, 1,75-ро ташкил медиҳад. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 1,01 ва 1,35 баробар шудааст.

Акнун тағйирёбии меъёрҳои арзёбии сатҳи ИОЗИ-ро аз варианти имконпазир, ки дар ҷадвали 2.15 нишон дода шудааст, ҳисоб мекунем.

**Ҷадвали 2.15. - Сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳо аз сатҳи имконпазир**

| Нишондиҳандаҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) |
|---|---|---|
| Ғалладона | 0,846 | 0,427 |
| Хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот | 0,38 | 0,21 |
| Картошка | 0,11 | 0,15 |
| Хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот | 0,75 | 0,35 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.14 ҳисоб карда шудааст.

Субъектҳои хоҷагидорӣ захираҳои истеҳсолии худро ҳамон вақт оқилона истифода мебаранд, ки агар нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои К ба воҳид баробар бошанд. Аммо, дар шароитҳои воқеӣ эҳтимолияти ба даст овардани ҳолати имконпазири меъёрҳо кам мебошад. Лекин онҳо бояд асоси таҳияи мақсадҳои стратегӣ ва дар маҷмуъ, коркарди стратегияи рушди субъектҳои хоҷагидориро ташкил диҳанд.

Қиматҳои меъёрҳои ҷадвали 2.15 сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳоро аз сатҳи имконпазирӣ (1, 0), ки дар ҳамаи хоҷагиҳо ҷой доранд, таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар хоҷагиҳои таҳлилшуда

захираҳои истеҳсолӣ бесамар истифода бурда мешаванд. Дар ин ҳолат пастшавии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ хусусан дар корхонаҳои кишоварзӣ мушоҳида карда мешавад, яъне тағйирёбӣ аз сатҳи имконпазир қимати ҳадди аксарро гирифта, барои истеҳсоли маҳсулоти ғалладона ба 0,846 ва хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот ба 0,38 баробар мешавад. Барои истеҳсоли картошка бошад, қимати тағйирёбӣ аз сатҳи имконпазир 0,11 ва хароҷоти истеҳсолӣ ба 1 сомонӣ маҳсулот 0,75-ро қабул мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки истифодаи захираҳои истеҳсолӣ пеш аз ҳама маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба беҳдошти заминҳои корам равона карда шудааст. Ҳосилнокии замин нишондиҳандаи муҳим буда, сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳоро бахсус дар соҳаи растанипарварӣ инъикос менамояд. Зеро хароҷоти барои шудгор, коркарди замин бо поруҳои минераливу органикӣ, обёрӣ ва ғайраҳо вобаста буда дар ниҳояти кор ҳосилнокии заминро баланд намуда, миқдори хароҷотро дар воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда паст менамояд. Бинобар ин, бо истифода аз методи масофа сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳоро дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор додем (ҷадвали 2.16).

**Ҷадвали 2.16. - Сатҳи рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон (с. 2020)**

| Ноҳияҳо | Фарқияти ҳосилнокии зироат аз сатҳи ҳадди аксар | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ғалладона | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полизӣ |
| ш. Бохтар | 0,81 | 0,97 | 0,96 | 0,87 | - |
| н. Кӯшониён | 0,96 | 0,93 | 1,00 | 0,89 | 0,93 |
| н. Вахш | 0,82 | 0,68 | 0,95 | 0,80 | 0,93 |
| н. Хуросон | 0,84 | 0,95 | 0,86 | 0,89 | 0,86 |
| н. Дӯстӣ | 0,92 | 1,00 | 0,87 | 0,92 | 1,00 |
| н. Қубодиён | 1,00 | 0,97 | 0,87 | 1,00 | 0,99 |
| н. Ҷ. Балхӣ | 0,87 | 0,89 | 1,02 | 0,86 | 0,78 |
| н. А. Ҷомӣ | 0,87 | 0,95 | 1,04 | 0,87 | 0,90 |
| н. Ҷайҳун | 0,82 | 0,95 | 0,92 | 1,05 | 0,76 |
| н. Панҷ | 0,80 | 0,95 | 0,99 | 0,88 | 0,88 |
| н. Шаҳритуз | 1,02 | 0,97 | 0,93 | 0,94 | 1,04 |
| н. Ёвон | 0,68 | 0,96 | 0,94 | 0,75 | 0,72 |
| н. Н. Хусрав | 0,93 | 0,96 | 0,99 | 0,85 | 0,87 |

**Идомаи ҷадвали 2.16.**

| Ноҳияҳо | Фарқияти ҳосилнокии зироат аз сатҳи ҳадди аксар | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ғалладона | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полизӣ |
| ш. Левакант | 0,87 | 0,97 | 0,96 | 0,85 | 0,93 |
| Бузургии ҳадди аксар, с/га | 50,7 | 23,8 | 185,8 | 314,8 | 336,2 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 ҳисоб карда шудааст.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.16 маълум мешавад, ки дар масъалаи сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳангоми парвариши маҳсулоти ғалладона ноҳияи Шаҳритуз ҷойи аввал, ноҳияи Қубодиён ҷойи дуюм ва ноҳияи Кӯшониён ҷойи сеюм, дар истеҳсоли пахта ноҳияи Дӯстӣ ҷойи аввал, шаҳрҳои Бохтару Левакант ва ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритуз ҷойи дуюм, ноҳияҳои Ёвон ва Н. Хусрав ҷойи сеюмро ишғол кардаанд. Дар истеҳсоли картошка ноҳияи А. Ҷомӣ дар ҷойи аввал, ноҳияи Ҷ.Балхӣ дар ҷойи дуюм ва ноҳияи Кӯшониён дар ҷойи сеюм қарор доранд. Дар истеҳсоли сабзавот ноҳияи Ҷайҳун ҷойи аввал, ноҳияи Қубодиён ҷойи дуюм ва ноҳияи Шаҳритуз ҷойи сеюмро ишғол кардаанд. Дар самти истеҳсол намудани маҳсулоти полизӣ ноҳияи Шаҳритуз дар ҷойи аввал, ноҳияи Дӯстӣ дар ҷойи дуюм ва ноҳияи Қубодиён дар ҷойи сеюм қарор доранд.

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ истифодаи захираҳои энергетикӣ низ тамоюли болоравӣ дорад. Бинобар он, ҳиссаи захираҳои мазкур дар сохтори хароҷоти истеҳсолӣ афзуда истодааст. Дар ҷадвали 2.17 дар бораи сатҳи болоравии хароҷоти захираҳои энергетикӣ ба як гектар заминҳои корам маълумот дода шудааст.

Чӣ хеле ки дида мешавад, дар давраи солҳои 2017-2021 хароҷоти сӯзишвории дизелӣ ба 1 га заминҳои кишт дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон аз 420,4 то 513,3 сомонӣ, яъне беш аз 1,2 маротиба афзудааст. Хароҷоти бензин ва неруи барқ бошад, ба ҳар як гектар заминҳои кишт беш аз 1,6 маротиба боло рафтааст. Масалан, соли 2021 ба ҳар як гектар замини кишт ба маблағи 513,3 сомонӣ сӯзишвории дизелӣ

сарф карда шудааст, ки он қариб ба 19 сентнер ғалладона баробар мебошад. Ин нишондиҳандаи хеле баланд ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.17. - Истифодаи захираҳои энергия ба 1 га заминҳои корам дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 (сомонӣ)**

| Номгӯи маҳсулот | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сӯзишвории дизелӣ | 420,4 | 496,9 | 494,8 | 489,5 | 513,3 | 122,1 |
| Бензин | 193,9 | 210,4 | 245,2 | 260,6 | 310,4 | 160,1 |
| Неруи барқ | 285,6 | 312,4 | 390,4 | 413,90 | 497, 4 | 174,1 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи ҳисоботи Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст.

Хароҷоти захираҳои маҳсулоти нафтӣ низ вобаста аз намудҳояшон тамоюли болоравӣ доранд. Аз ин лиҳоз, хоҷагиҳоро зарур аст, ки барои коркарди заминҳои кишт бештар техникаҳои кишоварзии сарфакунандаи маводҳои сӯзишвориро истифода баранд. Пешниҳод менамоем, ки барои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ меъёрҳои самарабахши хароҷоти он ба ҳар як гектар замини корам ва воҳиди истеҳсоли маҳсулот таҳия гардад. Меъёри мазкур ҳамчун нишондиҳанда дар раванди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин тавр, дар асоси низоми коркардшудаи арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, тағйироти дар сатҳи ИОЗИ шуда гузаштаро муайян кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат як қатор бартариҳои низоми арзёбӣ маълум мегарданд, аз ҷумла, имконияти бо саҳеҳии баланд муайян кардани он ки аз ҳисоби кадом омил сатҳи ИОЗИ тағйир меёбад (аз ҳисоби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти муайян, ё тағйирёбии намуди муайяни хароҷот барои намуди мушаххаси маҳсулот, ё тағйирёбии сифати намуди мушаххаси маҳсулот ва ғайра).

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки дар вилояти Хатлон зиёда аз 44% майдони киштро ғалладонагиҳо ишғол мекунанд. Тибқи муносибати таҳлилии ABC, унсуре, ки зиёда аз 20%-и низомро ишғол менамояд, дар маҷмуъ ҳолати система ва 80%-и натиҷаи онро муайян мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дараҷаи истифодаи

оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзиро асосан самаранокии истифодаи захираҳо дар ғаллакорӣ муайян менамояд. Барои идора кардани хароҷоти захираҳо ва ташкили истифодаи оқилонаи онҳо дар мисоли хоҷагиҳои ғаллакории ноҳияи Вахш, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии вобастагии ташаккули арзиши 1 сентнер ғалла ба унсурҳои харочот гузаронида шуд. (ҷадвалҳои 2.18 ва 2.19)

**Ҷадвали 2.18. - Алоқамандии коррелятсионии арзиши аслии 1 сентнер ғалладона аз унсурҳои хароҷот**

| Ноҳияҳо | Арзиши аслии 1 сентнер ғалладонаҳо, сомонӣ | Музди меҳнат | Тухмӣ | Поруҳо | Нигоҳ доштани фондҳои асосӣ ва хароҷоти сӯзишворӣ | Дигар хароҷот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Y | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 |
| н.Кӯшониён | 159,1 | 16,1 | 25,4 | 29,6 | 76,3 | 11,7 |
| н.Вахш | 152,3 | 16,7 | 24,7 | 28,3 | 69,4 | 13,2 |
| н.Хуросон | 154,2 | 17,1 | 26,6 | 30,1 | 65,7 | 14,7 |
| н.Дӯстӣ | 151,3 | 14,3 | 29,2 | 26,3 | 68,4 | 13,1 |
| н.Қубодиён | 158,4 | 17,3 | 31,9 | 29,9 | 64,3 | 15,0 |
| н.Ҷ.Балхӣ | 150,5 | 14,7 | 32,3 | 33,1 | 66,3 | 4,1 |
| н.А.Ҷомӣ | 159,3 | 15,9 | 30,7 | 32,9 | 68,4 | 11,4 |
| н.Ҷайҳун | 149,3 | 14,5 | 29,4 | 30,6 | 64,3 | 10,5 |
| н.Панҷ | 150,6 | 15,4 | 28,3 | 31,2 | 61,4 | 14,3 |
| н.Шаҳритус | 155,3 | 16,2 | 31,7 | 33,4 | 63,1 | 10,9 |
| н.Ёвон | 153,8 | 15,3 | 32,5 | 34,1 | 64,7 | 7,2 |
| н.Н.Хусрав | 161,5 | 16,7 | 31,9 | 33,6 | 67,3 | 12,0 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

**Ҷадвали 2.19. Натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ**

| | Y | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Y | 1 | | | | | |
| **X1** | **0,6532** | 1 | | | | |
| X2 | 0,1532 | -0,197 | 1 | | | |
| X3 | 0,2814 | 0,052 | 0,666 | 1 | | |
| **X4** | **0,5021** | 0,089 | -0,516 | -0,354 | 1 | |
| X5 | 0,2402 | 0,544 | -0,491 | -0,565 | -0,007 | 1 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф ҳисоб карда шудааст.

Аз натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ маълум мегардад, ки байни омилҳои таъсиррасони x1 ва x4 бо аломати натиҷавӣ Y вобастагии назаррас вуҷуд дорад. Бинобар ин, омилҳои x1 ва x4 -ро дар модели регрессионии таҳияшаванда ворид менамоем. Дар рафти таҳқиқот модели регрессионии баҳодиҳии арзиши аслии ғалладона дар асоси маълумоти Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон таҳия карда шуд:

$$Y_{x1,x2} = 5{,}06154 \cdot x_1 + 1{,}11456 \cdot x_2 \qquad (2.1)$$

$$R^2 = 0{,}999$$

Аз натиҷаи қимати коэффитсиенти детерминатсия ($R^2 = 0{,}999$) маълум мегардад, ки модели регрессионии таҳиягардида эътимоднок мебошад.

Хулосаи модели (2.1) чунин мебошад: ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани хароҷоти x1 дар ҳолати бетағйир мондани омили x2, арзиши ғалладона ба 5,06154 воҳид зиёд мегардад. Агар хароҷоти x2 ба як воҳид афзоиш ёбад (ҳангоми бетағйир мондани омили x1), он гоҳ арзиши ғалладона ба андозаи 1,11456 воҳид меафзояд.

Инчунин дар асоси коэффитсиентҳои модели регрессионии (2.1) барои муайян кардани вобастагии фоизии арзиши ғалладона аз омилҳои x1 ва x4, коэффитсиентҳои миёнаи чандирӣ ҳисоб карда шуд:

$$\bar{Э}_{x1,y} = 34{,}57; \; \bar{Э}_{x2,y} = 7{,}61$$

Хамин тавр, дар сурати 1% зиёд гардидани вазни қиёсии x1, арзиши аслии ғалладона 34,57% зиёд мешавад. Ҳангоми ба 1% зиёд гардидани омили x2, арзиши ғалладона ба ҳисоби миёна ба 7,61% меафзояд.

Ба ғайр аз ин, таҳлил метавонад дар асоси омилҳои зерин гузаронида шавад:

-омилҳои хусусияти ташкилидошта;

-омилҳои хусусияти техникӣ-технологидошта;

-омилҳои хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодидошта.

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои чорабиниҳои истифодаи оқилонаи захираҳо, бо мақсади такроран ҳисоб накардани тағйирот, ба ҳамон омиле муроҷиат кардан зарур аст, ки таъсиррасониашон бештар аст (омилҳо байни ҳам алоқаи печдарпеч дошта, ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд). Номгӯйи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои дар боло овардашуда, ки ҳангоми арзёбии сатҳи ИОЗИ истифода бурда мешаванд, ба охир

намерасанд. Дар корхонаҳои мушаххас ҳама вақт имконияти пурра кардани маҷмуи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳое, ки сатҳи ИОЗИ-ро нисбатан саҳеҳтар арзёбӣ мекунанд, мавҷуд мебошад.

## 2.3. Коркарди қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои захираҳои истеҳсолӣ

Ташкил кардани сохтори оптималӣ, муваққатӣ ва ҳудудии захираҳои истеҳсолӣ, инчунин тағйир додани таркиби сифатӣ ва миқдории онҳо маблағгузории зиёди молиявиро талаб мекунад. Мақсади аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ гирифтани фоидаи ҳадди аксар мебошад, ки он бо роҳи паст кардани хароҷоти маҳсулот ба даст оварда мешавад. Бинобар ин, даромаднокӣ ва фоиданокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳое баромад мекунанд, ки сатҳи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолиро тавсиф медиҳанд. Аммо дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 миқдори корхонаҳои кишоварзии зараровар аз 119 то 448 адад, яъне, 329 воҳид зиёд шудааст. Гарчанде ки ҳаҷми зарари онҳо дар давраи мазкур аз 10,1 то 2,6 млн. сомонӣ паст шуда бошад ҳам, аммо аксари онҳо аз ҳолати фаъолияти зараровар набаромадаанд. Дар баробари ин, корхонаҳоеро мушоҳида кардан мумкин, ки бо муваффақият ва фоидаовар мебошанд. Дар давраи зикргардида шумораи чунин корхонаҳо аз 37 то 388  воҳид, яъне 331 адад зиёд шуда, ҳаҷми даромади онҳо аз 0,43 то 24,7 млн. сомонӣ зиёд шудааст (ҷадвали 2.20).

**Ҷадвали 2.20. - Гурӯҳбандии корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи натиҷаҳои молиявӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тағйирот дар муқоиса бо соли 2017 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Шумораи корхонаҳои зараровар | 119 | 121 | 166 | 159 | 448 | 329 |
| Маблағи зарар, млн. сомонӣ | -10, 1 | - 38,9 | - 16,5 | - 17,6 | - 2,6 | - 7,5 |
| Шумораи корхонаҳое, ки фоида ба даст овардаанд. | 37 | 63 | 76 | 81 | 368 | 331 |
| Маблағи фоида, млн. сомонӣ | 4,3 | 4,6 | 8,1 | 24,7 | 24,4 | 20,1 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021. – С. 395-399 ҳисоб карда шудааст.

Яъне, суръати зиёдшавии миқдори корхонаҳои зараровар бо суръати зиёдшавии корхонаҳои фоидаовар қариб, ки баробар мебошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар фаъолияти иқтисодии худ истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ба роҳ мондаанд. Дар умум, метавон гуфт, ки дар давраи солҳои 2017-2021 миқдори зарари бадастовардаи онҳо коҳиш ва ҳаҷми даромадашон афзоиш ёфтааст. Вале дар раванди истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот ҳоло ҳам сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳо паст мебошад. Азбаски заминҳои кишти картошка 28%-и ҳамаи заминҳои кишти вилоятро ташкил медиҳанд, бо мақсади арзёбии ҳолати истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ динамикаи омилҳои ташаккули арзиши картошкаро, ки сатҳи самаранокии истеҳсоли маҳсулоти картошкаро муайян мекунанд, таҳлил менамоем. Чӣ хеле ки аз маълумоти ҷадвали 2.21 маълум мешавад, дар давраи солҳои 2016-2021 хароҷот барои 1 га замини кишти картошка аз 19195,8 то 34757, 3 сомонӣ ё 81,6% афзудааст.

**Ҷадвали 2.21. - Ҷадвали омилҳои ташаккули арзиши картошка дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2021**

| Нишондиҳандаҳои | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Хароҷот ба 1 га, сомонӣ | 19195,8 | 18272,3 | 21050,7 | 23926,3 | 28827,2 | 34757,3 |
| Ҳосилнокӣ, сентнер аз 1 га | 214.0 | 163,0 | 173,4 | 174,9 | 172,0 | 175,1 |
| Арзиши 1 сентнер, сомонӣ | 89,7 | 112,1 | 121,4 | 136,8 | 167,6 | 198,5 |
| Арзиши шартии 1 сентнер (хароҷоти муқоисавӣ, ҳасилнокии солҳои заминавӣ), сомонӣ | - | 85,3 | 129,1 | 137,9 | 164,8 | 202,0 |
| Тағйирёбии арзиш, сомонӣ | - | 22,4 | 9,3 | 15,4 | 30,8 | 30,9 |
| Аз ҷумла, | | | | | | |
| аз ҳисоби хароҷот | | - 4,4 | 17,0 | 16,5 | 28,0 | 34,4 |
| аз ҳисоби ҳосилнокӣ | | 26,8 | -7,7 | -1,1 | 2,8 | -3,5 |

**Эзоҳ:**

1. Сатри 5 - арзиши шартии 1 сентнер (хароҷоти муқоисавӣ, ҳосилнокии солҳои заминавӣ), сомонӣ ба таври зерин муайян карда шудааст: 163,0/214.0 x112,1=85,3.
2. Сатри 6 ҳамчун фарқи 112,1 - 89,7 = 22,4 муайян карда шудааст.
3. Сатри 8 – ҳамчун 112,1-85,3 = 26,8 муайян карда шудааст.
4. Сатри 7 ҳамчун фарқи 26,8-22,4 = 4,4 муайян гардидааст.
5. Ҳамин тавр 26,8+ (- 4,4) = 22,4.

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.

Аммо ҳосилнокии картошка бошад, аз 214,0 то 175,1 с/га ё ин ки 18,2% коҳиш ёфтааст. Арзиши як сентнер картошка дар давраи солҳои 2016-2021

аз 89,7 то 198,5 сомонӣ ё 2,2 маротиба зиёд шудааст. Методи гузориши занҷираро истифода бурда таъсири сатҳи хароҷотро ба тағйирёбии қимати арзиши истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар солҳои таҳлилӣ муайян мекунем. Қимати мазкур дар асоси аз арзиши шартии соли заминавӣ тарҳ кардан муайян карда шудааст (хароҷоти муқоисашаванда, ҳосилнокии солҳои заминавӣ). Сатҳи таъсири ҳосилнокӣ ба тағйироти арзишӣ бо роҳи аз арзиши солҳои муқоисашаванда тарҳ кардани арзиши шартӣ муайян карда шудааст. Масалан, дар соли 2021 арзиши истеҳсоли картошка дар муқоиса ба соли 2020 30,9 сомонӣ ё ин ки 18,4% афзоиш ёфтааст. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки дар соли 2021 арзиши истеҳсолот аз ҳисоби ба 34,4 сомонӣ зиёд шудани хароҷот афзоиш ёфтааст. Хароҷот аз ҳисоби баланд шудани ҳосилнокӣ ба 3,5 сомонӣ паст шудааст, ки ҳамагӣ 10%-и баландшавии хароҷотро рӯйпӯш кардааст.

Дар соли 2017 арзиши истеҳсоли картошка дар муқоиса бо соли 2016 дар натиҷаи якбора ба 23,8 сомонӣ паст шудани ҳосилнокӣ ба 25,8 сомонӣ зиёд шудааст. Ҳамин тавр, самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ пеш аз ҳама, аз истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошад, ки дар арзиши 1 сентнер маҳсулоти сатҳи ҳосилнокии маҳсулоти киштшаванда ифода меёбад.

Дар ин ҳолат зарур аст, ки нақши муҳими истифодаи захираҳои истеҳсолии мавҷудбуда ҳамчун яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ ҷудо карда шавад. Ин аз кӯшиши расидан ба сарчашмаҳои каммасрафи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад.

Вазъияти вазнини иқтисодӣ ба аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ имконият намедиҳад, ки бо мақсади мутобиққунонии оптималии захираҳои корхонаҳо азнавтаҷҳизонии техникиро амалӣ намуда, ташкили муваққатӣ ва ҳудудии равандҳои истеҳсолиро иваз кунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои корхонаҳо сарчашмаи ягонаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муайян кардан ва истифодаи манбаъҳои онҳо мебошад. Ҳамин тавр, воситаи муҳими истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муайян кардан ва истифодаи манбаъҳои онҳо ба ҳисоб меравад.

Айни замон ду мафҳуми манбаъҳо ба миён омадаанд:

- манбаъҳои нақшавӣ (манбаъҳои суғуртавӣ ва бевосита манбаъҳое, ки барои таъмини бефосилагии равандҳои такрористеҳсоли васеъкардашуда зарур мебошанд);

- манбаъҳои то ҳол истифоданашуда: имкониятҳои ниҳонии рушди истеҳсолот, беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои сифатии он ки муайянкуниашон барои баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолот зарур мебошад. Бисёр вақт онҳо ба зарар баробар мешаванд. Бинобар ин, моҳияти проблемаҳои сафарбарии манбаъҳои истеҳсолӣ танҳо қисман ба бартараф кардани зарар оварда мерасонад. Вале агар манбаъҳо ва зарарро ба таври пурра айният диҳем, маълум мешавад, ки чӣ қадаре зарар зиёд шавад, ҳамон қадар манбаъҳо низ зиёд мешаванд. Ба ин розӣ нашудан мумкин нест. Аз байн бурдани зарар яке аз унсурҳои ниҳоят муҳими манбаъҳои истеҳсолӣ мебошад, аммо унсури асосӣ ба ҳисоб намервад, инчунин манбаъҳои сатҳӣ мебошад. Мавҷудияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар банақшагирӣ, ташкил ва идоракунии истеҳсолот камбудиҳо вуҷуд доранд.

Тибқи ақидаи олими рус Зюзин В. М. зарарро аз мафҳуми «манбаъҳо» хориҷ кардан мумкин нест. Зеро онҳо низ иқтидорҳои истифоданабурдашуда буда, аз байн бурданашон на ҳама вақт (ҳангоми сатҳи рушди корхона) мумкин аст. Ба мисли оне мебошад, ки зарарро бо манбаъҳо айният медиҳанд, нодуруст аст[79]. Пас, бо Балаганская А. Г. низ, ки зарарро ҳамчун иқтидорҳои истифодабурданашудаи сарфаи захираҳо дар давраи гузашта ва иқтидорҳои имконпазири рушди истеҳсолот, яъне бо табиати духелаи онҳо муайян мекунад, розӣ шудан зарур аст[80].

Дар ҳақиқат, манбаъҳо ҳамавақт вуҷуд доранд. Аммо муайян намудан, нишон додан ва арзёбӣ кардани онҳо зарур мебошад. Танҳо ҳангоми

---

[79] Зюзин, В.М. Организационные резервы роста производительности предприятия [Текст]: дисс... канд. экон. наук: 08.00.05 / Зюзин Вячеслав Михайлович. - Воронеж, 2002. - 195 с.

[80] Балаганская, А.Г. Формирование и использование организационных резервов повышения эффективности производства [Текст]: дисс… канд. экон. наук: 08.00.28 / Балаганская Алла Георгиевна. – Воронеж, 1992.- 242 с.

нишон додан ва амалӣ кардан моҳияти иқтисодии манбаъҳо ҳамчун иқтидорҳои воқеии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ошкор мегардад.

Манбаъҳо ба таври воқеӣ, новобаста аз он ки онҳо муайян карда шудаанд ё не, вуҷуд доранд. Ба ғайр аз ин, истифодаи манбаъҳои муайянкардашуда ба рушди заминаи истеҳсолот ва гузариш ба сатҳи нави сифаташ баландтар оварда мерасонад. Ин бо маҳсулнокии баланди меҳнат тавсиф карда шуда, ҳамзамон, омилҳои афзоиши ояндаи онро шартгузорӣ мекунад.

Мафҳумҳои манбаъ ва иқтидори захиравӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Иқтидори захиравӣ  ҳаҷми захираҳое мебошад, ки дар муқоиса бо талаботи истеҳсолот ва бо назардошти имкониятҳои васеъкунӣ ва пурракунии ин гуна захираҳо дар ояндаи дарозмуҳлат гирифта шудааст. Ба сифати иқтидори захиравӣ манбаъҳои табиӣ, моддӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ, инчунин аҳолӣ дониста мешавад. Азбаски меъёрҳои иқтидори захиравӣ самтҳои васеъкунӣ, пурракунӣ ва азнавистеҳсолкунии манбаъҳои захираҳоро ба қайд мегиранд, бинобар ин, онҳо барои арзёбии иқтидорҳои рушди оянда зарур мебошанд.

Бо мақсади ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ бояд ки муайянкунӣ ва истифодаи манбаъҳо ба иҷрои чорабиниҳои зерини самаранокиашон зиёдтар равон карда шаванд:

1). Муайян намудани хароҷоти асосӣ, ки қисми муҳими арзиши аслиро ташкил дода, ба тавсеаи сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳо оварда мерасонад.

2). Муайян кардани ҷойҳои маҳдуди истеҳсолот, ки сатҳи истифодаи захираҳоро маҳдуд менамоянд.

Дар байни манбаъҳои истифодаи захираҳо диққати махсус ба манбаъҳои ташкилӣ, ки маблағи камтарро талаб мекунанд, дода мешавад. Мафҳуми «манбаъҳои ташкилӣ» ба ҳамаи унсурҳои низомҳои идоракунӣ тааллуқ дорад. Унсурҳои низомҳои идоракунӣ нафақат ҷиҳатҳои сохторӣ

ва омории муносибатҳои идоракунӣ, балки ҷиҳатҳои динамикии онҳоро низ дарбар мегиранд. Равандҳои идоракунӣ аз қувваҳои асосии ҳаракаткунандаи механизми идоракунӣ, яъне, кадрҳо, низоми усулҳо, қоидаҳои таъсиррасонии идорашаванда, низоми воситаҳои меҳнатӣ дар соҳаи идоракунӣ ва истеҳсолот иборат мебошад.

Мафҳуми манбаъҳои ташкилӣ ҳамчун иқтидорҳои воқеии истифоданашавандаи сарфаи захираҳо, бо таъсири омилҳои ташкилӣ алоқаманд буда, дар шароити гуногуни тағйирнаёбанда миқдори онҳоро муайян мекунанд. Ҳамзамон имконият медиҳанд, ки бо роҳи муқоисакунии сатҳи истифодаи захираҳо бо қиматҳои меъёрӣ (тавсияшаванда) ва воқеии омилҳо арзёбии миқдорӣ гузаронида шавад. Масалан, дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2017-2021 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ аз 16,2 то 161,1 ҳазор гектар ё 759 гектар кам шудааст. Ин зарар дар вақтҳои зарурӣ барои барқарор кардани сатҳи пештара ҳамчун манбаъ истифода бурда мешавад. Соли 2021 дар вилояти Хатлон зиёда аз 22,2 ҳазор гектар заминҳои бекорхобида (партов) мавҷуд буданд, ки 20,4 ҳазор гектарашро заминҳои корам ташкил медоданд. Ин барои тавсеаи заминҳои кишоварзӣ манбаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, алафзор (8446 гектар) ва чарогоҳ (1222782 гектар) низ барои зиёд намудани масоҳати заминҳои кишоварзии вилоят манбаъҳоро ташкил медиҳанд. Солҳои охир баъзе категорияҳои замин, аз ҷумла, чарогоҳ 786 гектар кам шудааст (ҷадвали 2.22).

**Ҷадвали 2.22. - Манбаъҳои захираҳои замин дар вилояти Хатлон (га)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2021 | Тағйирот дар муқоиса бо соли 2017 (+, -) |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ | 1619066 | 1618307 | -759 |
| аз он ҷумла | | | |
| Замини корам – ҳамагӣ | 321189 | 321254 | 65 |
| аз ҷумла, обӣ | 226658 | 226978 | 320 |
| Партов – ҳамагӣ | 23061 | 22255 | -806 |
| аз ҷумла, обӣ | 21258 | 20452 | -806 |
| Алафзор | 8446 | 8446 | - |
| Чарогоҳ | 1223568 | 1222782 | - 786 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 42802 | 43570 | 768 |

**Сарчашма:** Аз рӯйи маълумоти ҳисоботии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Точикистон дар соли 2021. - С. 26 ҳисоб карда шудааст.

Дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон айни замон 308,4 ҳазор нафар машғули кор мебошанд. Музди миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар соли 2019 488,40 сомониро ташкил медод, ки ба 48%-и музди меҳнати миёнаи кормандони иқтисодиёти вилоят баробар мебошад. Азбаски дар соҳаи кишоварзӣ шуғли пурмаҳсул мавҷуд нест, бинобар ин, қариб ҳамаи кормандони хоҷагиҳои кишоварзӣ бо мақсади ба даст овардани даромади иловагӣ дар як вақт дар дигар соҳаҳо ё ки ғайрирасмӣ (дар сохтмон, хизматрасонӣ, хоҷагии хонагӣ ва ғ.) фаъолият мекунанд.

Шуғли пурмаҳсул чунин шуғле мебошад, ки даромади меҳнатӣ меорад. Даромади меҳнатӣ на фақат азнавистеҳсолкунии оддии қувваи корӣ, балки инкишофи шахсиятро таъмин менамояд. Ба андешаи мо, айни замон дар шароити ҷумҳурӣ шуғлро ҳамон вақт пурмаҳсул ҳисобидан мумкин аст, ки агар музди миёнаи меҳнати номиналии моҳонаи кормандони соҳаҳои кишоварзӣ 2000 сомониро ташкил диҳад. Аз ин ҷо тасаввур кардан мумкин аст, ки ба ҷойи 3,5 одам 1 одами доимии самарабахш фаъолият менамояд (2000/537,29), ки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ кор намекунад ва ҳамин тавр, манбаъҳои захираҳои меҳнатӣ 232,2 ҳазор одамро (0,75х309,7) ташкил медиҳад (ҷадвали 2.23).

**Ҷадвали 2.23. - Ҳисобкунии манбаъҳои захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Воқеӣ (с. 2021) | Манбаъ-ҳо |
|---|---|---|
| Шумораи кормандони дар соҳаи кишоварзӣ машғулбуда, ҳазор/нафар | 309,7 | 231,3 |
| Музди миёнаи номиналии моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ | 537,29 | 1800,0 |
| Дар таносуб бо музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи дигари иқтисодиёти вилоят | 0,47 | - |
| Музди миёнаи номиналии моҳона дар шароити шуғли пурмаҳсул | 2000,0 | 2000,0 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи омори вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. - С. 50-52 ҳисоб карда шудааст.

Бо мақсади муайян кардани манбаъҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо, ки барои баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолот зарур мебошанд, ташкил карда шавад. Вазифаҳои низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо аз инҳо иборат мебошад:

- муайян кардани соҳаҳои асосии ҷалбкунии захираҳо дар қитъаҳо ва намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ; муайян кардани объектҳои мушаххас, ки манбаъҳои нисбатан зиёдтари захираҳоро доранд;

- муайян кардани миқдори манбаъҳо;

- оптимизатсияи таносуби байни ҳаҷми манбаъҳо ва вақти барои ҷустуҷӯй ва сафарбаркунии онҳо сарфшуда.

Барои ташкил кардани ҷустуҷӯйи манбаъҳо ҷудо кардани як қатор унсурҳо ё қисмҳои асосии методикаи ҷустуҷӯйи манбаъҳо зарур мебошад, ки дар расми 2.1 нишон дода шудаанд.




**Расми 2.1. - Унсурҳои асосии методикаи ҷустуҷӯйи манбаъҳо-захираҳои истеҳсолӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Унсури нисбатан фаъоли низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо омили инсонӣ мебошад. Таҳлилгарони объектҳои хоҷагидорӣ дар якҷоягӣ бо мутахассисони беруна низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳоро таъсис медиҳанд, лоиҳаи методика ва раванди онро омода намуда, низомро ба амал медароранд. Дар ҷамъбасткунии натиҷаҳои ҳисобкуниҳои таҳлилӣ низ нақши ҳалкунанда бар зиммаи таҳлилгарон вогузор карда шудааст. Сифати раванди ҷустуҷӯйи манбаъҳо бисёртар бо истифодаи пайдарпай ва эъҷодии принсипҳо ва усулҳои таҳлил, ки дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадамро инъикос мекунанд, муайян карда мешавад. Дар принсипҳои таҳлил якум, муносибати низомӣ нисбат ба омӯзиши объекти идоракунӣ, дуюм, хусусиятҳои усул ва раванди таҳлил амалӣ карда мешавад.

Назария ва амалияи таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ як қатор принсипҳоро кор карда баромадааст, ки имконияти самаранок намудани

ҷустуҷӯйи манбаъҳои баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолотро фароҳам меоранд. Муҳимтарини онҳо дар ҷадвали 2.24 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2.24. - Принсипҳои ҷустуҷӯйи манбаъҳо**

| Принсипҳо | Мундариҷа |
|---|---|
| 1. Мутобиқшавӣ, яъне мутобиқоии таҳлил ба хусусият, ҳолат ва равандҳои рушди объекти идоракунӣ | Ҳангоми интихоби самти ҷустуҷуйи манбаъҳо зоҳир мегарданд. Объектҳои мушаххаси ҷустуҷӯйи манбаъҳо ва дараҷаи оптималии муфассал кардани онҳо муайян карда мешаванд. Меъёрҳои асосии интихоб шакли истеҳсолот мебошад. Зуҳуроти дигари принсипи мутобиқшавӣ ин талаб намудани ҳисобкунӣ (ба қайдгирӣ) ҳангоми ҷустуҷӯйи манбаъҳои тобеъшавандагии сатҳи техникӣ – иқтисодии истеҳсолот, маҳз технология-техника-ташкили меҳнат дар ҷойи кор мебошад. |
| 2. Принсипи ташхиси ибтидоӣ (пешакӣ) | Мумкин аст, ки миқдори камтари манбаъҳо дар марҳилаи таҳқиқот ва банақшагирии истеҳсолот, вақте ки хароҷот на он қадар зиёд буда, имконияти ворид намудани тағйирот ба техника ва технологияи истеҳсолот нисбатан воқеӣ мебошад, муайян карда шавад. Зеро дар марҳилаи истеҳсолкунӣ миқдори манбаъҳои муайянкардашуда, иқтидорҳо ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок будани сафарбаркунии онҳо паст мешавад. |
| 3. Принсипи инъикоси пешгузаранда | Талаб мекунад, ки омӯзиши таҳлилӣ ба дурнамои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати рушди объект равон карда шавад. |
| 4. Ба роҳ мондани нигоҳдории мувозинатӣ ва мутаносибии ҳолат ва рушди объект | Мутаносибии истифодаи захираҳо ба манфиати рушди бефосилаи натиҷаҳои истеҳсолот мебошад. Ҷустуҷӯйи манбаъҳоро ба чораҳои муайяни риоя кардани таносубҳои додашудаи афзоиши хароҷоти захираҳо ва натиҷаҳои истеҳсолот, инчунин ба муқарраркунии дараҷаи наздикшавии таносуби воқеӣ нисбат ба прогрессивӣ равона мекунад. |
| 5. Принсипи афзалият | Афзалият (бартарият) бояд ба объектҳое дода шавад, ки дар ҳаҷми истеҳсолот бартарии хоси нисбатан зиёдтарро доранд. Таҳлил барои муайян кардан ва омӯзиши ҷузъҳои пешбарандаи фаъолияти хоҷагидорӣ равон карда шавад. |

**Идомаи ҷадвали 2.24**

| Принсипҳо | Мундариҷа |
|---|---|
| 6. Интихоби мақсаднок ва тозакунии иттилоот | Тозакунии иттилооти дар таҳлил истифодашаванда бо мақсади муайян кардани соҳаҳо ва қитъаҳои муҳими фаъолият. Аз мавқеи тезонидани ҷустуҷӯйи манбаъҳо, имкониятҳои таҳлил аз рӯи миқдори ками объектҳои хос муҳим мебошад (масалан, ба самти махсусгардонидашудаи истеҳсолот). |
| 7. Принсипи муқоисакунӣ | Усули умумии (универсиалии) муайян кардани миқдори мушаххаси манбаъҳо муқоисакунӣ мебошад. Ба сифати манбаъҳои муқоиса нишондиҳандаҳои нақшавӣ, нишондиҳандаҳои давраҳои гузашта, натиҷаҳои миёнаи соҳавӣ, натиҷаҳои ноилгардидаи хоҷагиҳои пешқадам ва модели оптималии истеҳсолот баромад карданашон мумкин аст. |
| 8. Принсипи бефосилаи таҳлил | Ҷорӣ намудани принсипи мазкур ба талаботи муосире, ки барои банақшагирӣ пешниҳод карда мешаванд, ҷавобгӯй буда, ҳамҷояшавии ҳалли проблемаҳои ҷорӣ ва дар оянда пайдошавандаро таъмин менамояд. |
| 9. Принсипи ҳавасманд-гардонии ҷустуҷӯйи эъҷодӣ | Дар рафти таҳлил истифода бурдани методҳои психологӣ. Ташкили муҳитеро, ки ба фикрҳои ногаҳонӣ, ғояҳо ва пешниҳодҳои ғайристандартӣ оварда мерасонад, таъмин менамояд. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Принсипҳои номбаршуда барои ҳамаи намудҳои таҳлил хосанд. Ба ин ҷо ҳамроҳ намудани таҳлили марҳилабамарҳилаи раванд, омӯзиши маҷмуавии омилҳои истеҳсолот, алоқа ва муносибатҳои онҳо, инчунин истифодабарии низоми нишондиҳандаҳо, ки ҳолати бадастомадаи объект ва объектҳои барои муқоиса истифодашавандаро тавсиф менамояд, зарур мебошад. Лекин баъзеи онҳо метавонанд фақат ҳангоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо истифода шуда, истифодабарии онҳо дар намуди додашудаи таҳлил хусусиятҳои муайян доранд. Ба чунин принсипҳо то як андоза принсипи ташхиси пешакӣ тааллуқ дорад. Ин принсип ҳангоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо яке аз принсипҳои пешбаранда ба ҳисоб меравад.

Принсипҳо дар низоми ҷустуҷӯйи захираҳо вазифаҳои самаранок намудани ҷустуҷӯйи захираҳо ва баланд бардоштани самарабахшии истеҳсолотро иҷро намуда, дар ҳамаи марҳилаҳои ҷустуҷӯй ҳамчун

таҳқиқоти ибтидоии равонкунанда баромад мекунанд. Барои муайян кардани микдори мушаххаси манбаъҳо ва аҳамиятнокии онҳо истифодаи методҳо ва қоидаҳои таҳлили иқтисодӣ ҳамчун воситаҳои мушаххаси ҷустуҷӯ зарур мебошад.

Илова бар ин, методикаи дар раванди ҷустуҷӯйи манбаъҳо истифодашаванда нисбат ба дигар намудҳои таҳлил васеътар мебошад. Ин бо гуногуншаклии зиёди амалиёт ва методҳои дар раванди ҷустуҷӯй истифодашавада, бисёрвариантии хулосаҳои қабул кардашаванда ва хусусияти эъҷодии раванд маънидод карда мешавад. Усулҳои нисбатан паҳнгардида ин усулҳои муқоисакунӣ, ҷудокунӣ, барномаи мақсаднок, таҳлили маводҳои оморӣ ва усули ҳисобкунӣ мебошанд.

Фаъолияти мақсадноки унсурҳои алоҳидаи низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо ва дар маҷмуъ, низом дар самти ба даст овардани мақсадҳои асосӣ танҳо бо роҳи ташкили оқилонаи ҷустуҷӯ таъмин карда мешавад. Ташкил ҳамчун унсури низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо нисбат ба методика нақши вобаста буданро иҷро мекунад ва методҳои таҳлилро, ки маҷмуи принсипҳо ва усулҳо пешниҳод кардаанд, таъмин менамояд. Вай воситаи ташкил кардан ва интиқоли иттилоот буда, ҳамроҳшавии пайдарпайи самараноки инсон, воситаҳои ташкилӣ ва техникаҳои ҳисоббарорро ба раванд муқаррар мекунад, тарзҳои мутобиқгардонии меҳнати иҷрокунандагонро муайян менамояд. Мувофиқи вазифаҳои иҷрошаванда ва нақши онҳо дар низоми ҷустуҷӯйи манбаъҳо, корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти талаботи методика сохта шуда, қобилияти онҳоро пурра инъикос мекунанд. Бинобар ин, барои ҷустуҷӯйи манбаъҳо, мураккабии муносибати методӣ, печдарпечии зиёди ташкилӣ, қобилияти бо тезӣ мутобиқ шудан ба тағйироти пешакӣ баназаргирифтанашуда хос мебошанд.

Дар расми 2.2 марҳилаҳои асосии ҷустуҷӯи манбаъҳо нишон дода шудааст.




**Расми 2.2. - Алгоритми ташкили ҷустуҷӯйи захираҳои истеҳсолӣ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ташкили ҷустуҷӯйи манбаъҳо аз ҷунин марҳилаҳои асосӣ иборат мебошад:

Марҳилаи якумро омода кардани иттилоот, таҳлил ва коркарди тавсияномаҳо дарбар мегиранд.

Марҳилаи дуюм раванди нисбатан меҳнатталаб мебошад. Дар ин ҷо нафақат оид ба низоми истеҳсолот маълумот ҷамъ карда мешавад, балки бо мақсади ҷустуҷӯйи манбаъҳо номгӯйи вазифаҳо тартиб дода мешаванд.

Барои ташкили гурӯҳбандии вазифаҳои таҳлили иқтисодӣ оид ба муайян крадани манбаъҳо нишонаҳои (аломатҳои) зеринро истифода бурдан мумкин аст:

- намуди захираи истеҳсолии таҳлилшаванда;
- методи қабулшаванда барои муайян кардани истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ;
- намуди таҳлили иқтисодӣ: пешакӣ, фаврӣ, ояндабинӣ ва ғайра.

Марҳилаи таҳлил корҳои зеринро дарбар мегирад:

- ҷудокунии маълумоти ҷамъбастӣ ва миёнаи кори корхонаи кишоварзӣ ба нишондиҳандаҳои ҷузъии корҳои қитъаҳои истеҳсолот;
- муқоисакунии маълумот дар бораи иҷрои нақша бо зиёдшавии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ;
- муқоисакунии нишондиҳандаи миёнаи корҳои корхона, таносуби хароҷоти намудҳои гуногуни захираҳо ба воҳиди маҳсулот;
- муқоисаи нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии як қатор корхона;
- муайян кардани зарари захираҳои истеҳсолӣ.

Қисми муҳими таҳлил ин таҳлили пешакӣ мебошад. Вазифаи таҳлили пешакӣ аз муайянкунии самтҳои асосӣ оид ба ошкор намудани манбаъҳо ва муайянкунии захираҳои истеҳсолӣ, ки ба сатҳи истифодаи оқилонаи онҳо таъсири зиёд мерасонад, иборат аст.

Дар асоси таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ вазифаҳое, ки иҷрои онҳо барои расидан ба мақсадҳо оид ба ҷустуҷӯй ва муайян кардани манбаъҳо зарур мебошанд, муайян карда мешаванд:

- самтҳои чорабиниҳо муайян мегарданд;

- оид ба истифодаи манбаъҳои дохилӣ пешниҳодҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд;

- таҳлили мақсаднокии ҷорӣ намудани пешниҳодҳо гузаронида мешаванд.

Тибқи нақшаи баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, бо манбаъҳои мавҷуда ва пешниҳодҳои аз ҷониби кормандон тавсия гардида, роҳбарияти корхона нақшаи чорабиниҳои ташкилӣ-техникиро тартиб медиҳад. Ба ин нақша чорабиниҳо оид ба муайян кардани гурӯҳи омилҳо, ки барои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳалкунанда ва муайянкунанда ба ҳисоб мераванд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Муайянкунии манбаъҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар як вақт бо таҳлили натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳо ба роҳ монда мешавад.

Шароити муҳими ин гуна таҳлил – таҳлили маҷмуавии вай мебошад, ки инҳоро талаб мекунад:

- омӯзиши ҳамаи маҷмуи имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ;

- омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи ҳамаи намудҳои хароҷоти истеҳсолӣ дар доираи воҳиди муайян ва намуди фаъолияти истеҳсолӣ;

- барпо кардани алоқаи бузургии манбаъҳо бо рушди банақшагирифтаи сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ;

- ҷалбкунии васеи коллективи корхона ба омӯзиши манбаъҳо ва сафарбаркунии ташаббусҳои эъҷодии вай.

Ин бо роҳи иҷро намудани як қатор вазифаҳои зерин ба даст меояд:

- ташкил кардани низоми ягонаи корҳои таҳлилӣ;

- дақиқ, васеъ ва фавран будани таҳлил;

- мукаммалгардонии усулҳои таҳлили иқтисодӣ;

- табдил додани нишондиҳандаҳо ба низомҳои байни ҳам алоқаманд.

Марҳилаи сеюм, ки марҳилаи хотимавӣ мебошад, омода намудани тавсияномаҳо ва банақшагирии лоиҳаҳоро дарбар мегирад. Дар ин

марҳила номгӯйи чорабиниҳои ибтидоӣ ба вазифаҳои мушаххас гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Ба сифати ҳуҷҷатҳо бо мақсади банақшагирӣ ва омодагӣ ба амалигардонии манбаъҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ нақшаҳои чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ оид ба амалӣ намудани онҳо, хароҷоти банақшагирифташуда, муҳлати анҷом додани корҳо ва иҷрокунандагони масъул таҳия мегарданд.

Унсури муҳими дигари методи муайянкунии манбаъҳои истифодаи захираҳо арзёбии сатҳи муайянкунии онҳо ба ҳисоб меравад. Чи хеле ки дар боло қайд кардем, арзёбии манбаъҳо қисми таркибии баҳогузории сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад.

Ба фикри мо, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо, ки хароҷот, истифодабарӣ ва сарфаи захираҳои истеҳсолиро тавсиф мекунад, зарур мебошад. Ин имконият медиҳад, ки онҳо (гурӯҳбандии сохташуда) барои арзёбии ҳамаи намудҳои равандҳои истеҳсолот, ки захираҳо иштирок мекунанд, самарабахш истифода бурда шаванд. Ҳамзамон иҷозат медиҳанд:

-якум, ба таври пурра ва бо саҳеҳии зиёд истифодаи захираҳо ва бузургии ҳаҷми онҳо арзёбӣ гарданд, инчунин ба таври маҷмуавӣ ҳолати истифодабарӣ асосан дар истеҳсолоти баохирнарасида тавсиф дода шавад;

-дуюм, дурустии миқдори хароҷот ва ҳаҷми захираҳо, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои алоҳида, бо ёрии нишондиҳандаҳои иловагӣ, нисбӣ ё ғайримустақим ҳисоб карда шудаанд, назорат карда шавад;

-сеюм, бо роҳи муқоисакунии нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ манбаъҳои сарфакории ниҳонӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо муайян карда шаванд;

-чорум, дар асоси арзёбии объективию ҳаматарафа хароҷоти захираҳо ҳам барои банақшагирии ҷорӣ ва ҳам банақшагирии минбаъдаи истеҳсолот пешгӯӣ карда шаванд;

-панҷум, иҷозат медиҳад, ки манбаъҳо миқдоран ва сифатан тавсиф гардида, ҳолати онҳо таҳлил карда шаванд.

Барои арзёбии манбаъҳои истифодабурданашудаи захираҳои истеҳсолӣ истифодабарии ҳисобкуниҳои зерин мумкин мебошад:

1). Коҳиш додани зарари зироатҳои кишоварзӣ, сарфакорӣ аз ҳисоби кам кардани зарари зироатҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (масалан, пахта ё зироатҳои полизӣ) бо сабабҳои агротехнологӣ аз рӯи маҳсулоти мушаххас:

$$Э_в = В_т х П х Р$$

дар ин ҷо:

$В_т$ - манбаи солонаи коҳишёбии зарари зироатҳои кишоварзӣ, дона ё воҳид,

П – истеҳсоли маҳсулот аз як зироат, грамм, кг., сомонӣ,

Р – сатҳи даромаднокии маҳсулот, ҳиссаҳо.

2). Риоя кардани принсипҳои ташкили истеҳсолот – баланд бардоштани мунтазамӣ, мутаносибӣ ва муттаҳидсозии истеҳсолот ва ғ., ки имконият медиҳанд дарознокии сикли истеҳсолот аз рӯӣ маҳсулоти мушаххаси А коҳиш дода шавад:

$$Э_{оп} = \Delta Т х С х К_з х О$$

дар ин ҷо:

$\Delta Т$ - манбаи коҳиш додани дарознокии сикли истеҳсоли маҳсулот аз ҳисоби ҷорӣ намудани навъи босифати растанӣ, рӯз;

С – арзиши аслии маҳсулоти мушаххас, сомонӣ;

$К_з$ - коэффитсиенти афзоиши хароҷот;

О - ҳаҷми солонаи истеҳсоли маҳсулот, тонна, сентнер.

3). Такмилдиҳии таъминоти моддӣ-техникӣ-сарфаи манбаъҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби коҳиш додани номуназзамӣ дар таъминоти моддӣ-техникӣ:

$$Э_{мтс} = (S_1 - S_0) х Q$$

дар ин ҷо:

$S_1$, $S_0$ - арзише, ки мутаносибан манбаъҳоро иваз мекунад, сомонӣ,

$Q$ - ҳаҷми миёнаи солонаи истеҳсолот бо истифодаи манбаъҳои ивазкунанда, тонна, сентнер ва ғ.

4). Дараҷаи амалигардонии ташкили илмии меҳнат дар ҷойҳои кор-ин сарфаи манбаъҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби зиёдгардонии маҳсулнокии меҳнат мебошад:

$$Э_{тим} = \sum t_{ч.к.} * C_т * Q$$

дар ин ҷо:

$t_{ч.к.}$ - сарфаи вақти корҳои иҷро карда мешуда ба воҳиди маҳсулот аз ҳисоби амалигардонии илмии меҳнат;

$C_т$ - миқдори пардохти меҳнати соатбайъ ё рӯзонаи корманд, сомонӣ;

$Q$ - ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар ифодаи аслӣ ва пулӣ.

5). Шакл ва методҳои ҳавасмангардонии кормандон – сарфакорӣ аз ҳисоби зиёд кардани маҳсулнокии меҳнат ҳангоми ворид намудани низоми нави пардохти меҳнат:

$$Э_с = В_1 - В_0$$

дар ин ҷо:

$В_1$, $В_0$ - миқдори маҳсулоти миёнаи солонаи истеҳсолкардаи кормандон то ва баъди ворид намудани низоми нави пардохти меҳнат, сомонӣ.

6). Баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда - манбаъҳои дар натиҷаи коҳиш додани ҳаҷми нуқсонҳо, яъне сатҳи пасти маҳсулот бадастомада:

$$Э_к = (П_0 - П_1)хС$$

дар ин ҷо:

$П_0$ ва $П_1$ - миқдори маҳсулоти нуқсондор дар давраи заминавӣ ва ҳисобкунӣ дар ифодаи аслӣ;

С – арзиши аслии маҳсулоти нуқсондоршуда.

7). Баланд бардоштани сатҳи механикунонӣ ва автоматикунонӣ:

$$Э_а = \sum t_n х Д$$

дар ин ҷо:

$t_n$ - коҳиш додани вақти амалиёти технологӣ аз ҳисоби баланд бардоштани механикунонӣ ва автоматикунонӣ;

Д – ифодаи пулии сарфаи вақти амалиёти технологӣ, сомонӣ.

Ба ақидаи мо, ба сифати нишонаи (аломати) гурӯҳбандии манбаъҳои онҳо, истифодаи омилҳои муайян кардани манбаъҳо аз рӯи хусусиятҳои таъсиррасониашон мақсаднок мебошад. Ин варианти ягонаи имконпазир набуда, намудҳои алоҳидаи манбаъҳо метавонанд гурӯҳбандӣ ё дифференсиронида шаванд. Онро бояд ба ҳисоб гирифт, ки ҳамаи манбаъҳо байни ҳам алоқамандии зич дошта, ҳамзамон, хусусияти фарқунандаи худро доранд, ки баҳисобгирии онҳо зарур мебошад.

Корҳо оид ба муайян кардани манбаъҳо бояд мунтазам дар давоми сол ба роҳ монда шаванд. Истифодабарии максималии манбаъҳо-чорабинии якдафъаина нестанд. Низомҳо, усулҳои хоҷагидорӣ, таҳлил ва арзёбӣ бошанд, бояд аз рӯи ҳамаи омилҳои ташкилӣ, дар ҳамаи маҷмуи манбаъҳо, дар ҳамаи самтҳои ташкилӣ бо назардошти ҳамаи намудҳои хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ истифода бурда шаванд.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби дуюм**

Дар натиҷаи таҳлиле, ки дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон гузаронида шуд, чунин хулоса кардан мумкин аст. Феълан, дар хоҷагиҳо ба проблемаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ диққати зарурӣ дода намешавад. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асосан ба масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи онҳо ё каммасрафии захираҳо оварда мерасонанд.

Методҳои мавҷудбудаи арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ талаботи воқеӣ ва низомӣ буданро таъмин карда наметавонанд.

Низоми таҳия гардидаи арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки то кадом андоза оқилона истифода бурда шудани захираҳои истеҳсолӣ ҳам аз нуқтаи назари ба даст овардани мақсадҳои дар назди корхона гузошташуда ва ҳам дар асоси арзёбии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ муайян карда шавад.

Яке аз усулҳои таъсирбахш ва нисбатан каммасрафи баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифодаи манбаъҳои истеҳсолӣ мебошад. Аз тарафи муаллиф тартиби ҷустуҷӯи манбаъҳои истеҳсолӣ пешниҳод гардида, марҳилаҳои асосии онҳо баррасӣ карда шудаанд.

# БОБИ 3. РОҲҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДҲОИ ТАШКИЛИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

## 3.1. Асоснок намудани заминаҳои консептуалии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ яке аз кишварҳои камзамин ба ҳисоб меравад. Замине, ки ба парвариши зироатҳои кишоварзӣ мувофиқат мекунад, ҳамагӣ 8%-и ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Илова бар ин, самаранокии пасти табиии замин барои корҳои агротехникӣ ва мелиоративӣ хароҷоти зиёдро талаб менамояд[81].

Дар ҷумҳурӣ бо назардошти шароити табиӣ-географии он истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ИОЗИ), интенсификатсияи бахши кишоварзӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагиҳои кишоварзӣ масъалаи муҳим мебошад. Вобаста ба ин, сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо, оқилона ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ, беҳтар кардани таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва бо ашёи хом таъмин намудани саноати коркарди маҳсулоти соҳа, фароҳам гардонидани бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимоя намудани молистеҳсолкунандагони комплекси агросаноатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро дар назар дорад[82].

Барои гузаронидани таҳқиқоти воқеии истифодаи оқилонаи захираҳо нисбат ба арзёбӣ ва таҳлили истифодаи он чунин муносибати методие зарур мебошад, ки имконияти ба таври дақиқ инъикос кардани параметрҳои асосии истифодаи оқилонаи захираҳоро дар шароити рақобати шадид фароҳам оварад.

---

[81] Джоналоев, М.С. Земля-главное средство производства в сельском хозяйстве [Текст] / М.С. Джоналиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. - № 7. - С.45-50.
[82] Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. //Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 658.

Бояд қайд намуд, ки айни замон ягон меъёри қабулшудаи истифодаи оқилонаи захираҳо талаботи муосирро қонеъ намегардонад. Проблема дар арзёбии яктарафаи ИОЗИ, хусусан дар арзёбии истифодаи сарфакоронаи захираҳои истеҳсолӣ ё захирасарфакунӣ ифода меёбад. Дар ин ҳолат, бисёр вақт на ҳама намудҳои захираҳо ва барои корхона на он қадар муҳим арзёбӣ карда мешавад. Нисбат ба сатҳи истифодаи оқилонаи як-ду захираҳои истеҳсолӣ маълумот дошта, муайян кардани сатҳи умумии самаранокӣ душвор мебошад. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар истифодаи захираҳо тағйирёбии начандон зиёд метавонад мақсади корхонаро оид ба расидан ба сатҳи банақшагирифташудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва дар натиҷа, рақобатпазирии онро аз байн барад.

Ҳамин тавр, ҳангоми назорати маҷмуи зиёди маълумоти техникӣ-иқтисодӣ бе омӯзиши бодиққат оид ба самарабахшии ҳар як самти истифодаи оқилонаи захираҳои корхона мулоҳизаронӣ кардан душвор аст. Илова бар ин, дар шароите, ки дар корхона манфиатҳои самтҳои гуногуни сарфакории захираҳои истеҳсолӣ бармехӯранд, дар такмилдиҳии техника, технология ва ташкили истеҳсолот рақобати байни онҳо ба миён меояд. Ҳолатҳое мешаванд, ки тадбирҳои муҳими ояндадор ва гӯё дар мадди аввал аз ҷиҳати ташкилӣ ё техникӣ муфид, дар лаҳзаи муайян на барои он ки онҳо номукаммаланд, балки барои он ки дар ҳамон вақт маҷмуи дигари масъалаҳои техникӣ ва ташкилӣ ба таври мувозӣ амалӣ мегарданд, ба санҷиш тоб намеоваранд. Дар натиҷа, мақсаднокии иқтисодии як чорабинӣ тадбирҳои дигар ва ё чорабиниҳоро истисно мекунад. Ин бо сабаби дар корхона мавҷуд набудани тавсияҳо ва иттилооти аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшуда оид ба истифодаи оқилонаи захираҳо ба амал меояд. Ҳангоме ки дар як вақт вазифаҳои ҳамдигар бо истисно ҳал карда мешаванд, масъалаҳои дигари нисбатан ояндадор дар як тараф аз мадди назар дур мемонанд.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаҳои алоқаҳои мутақобила ва омезиши мукаммали намудҳои гуногуни фаъолият оид ба ташкили

истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд. Диққати асосӣ ба қисмҳои алоҳида равона карда шудааст, ки он натиҷаи мавҷуд набудани нақшаи маҷмуавии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона мебошад.

Таҳқиқи раванди истеҳсолот дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт ва КАС нишон дод, ки айни замон дар корхонаҳо низоми ягонаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ вуҷуд надоранд. Чун қоида қисми зиёди иштирокчиён захираҳои истеҳсолиро аз намудҳои дигари он ҷудо намуда, бе мувофиқа бо ширкаткунандагони боқимондаи раванди истеҳсолот истифода мебаранд, ки дар натиҷа самаранокии умумии чунин чорабиниҳо баланд намегардад.

Мисоли дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои КАС бениҳоят зиёд дидашаванда ин дар қисмҳои алоҳидаи истеҳсолот гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ-техникии истифодаи манбаъҳо мебошад, ки имкон медиҳанд истеҳсоли маҳсулот дар тамоми КАС не, балки танҳо дар қисмҳои он зиёд гашта, оқибат боиси пайдоиши номутаносибӣ дар истеҳсолот бошад.

Хусусияти низомии масъалаи баррасишаванда, қабл аз ҳама, гузаштан аз таҳлили ташкили унсурҳои алоҳидаи истифодаи оқилонаи захираҳо ба омӯзиши алоқаҳо, муносибатҳои ин унсурҳо ва инъикоси онҳоро бо ёрии низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо дарбар мегирад. Дар доираи проблемаи мазкур, мо зарур шуморидем, ки мафҳуми муносибати низомӣ ва низомҳоро, ки барои ташаккул додани моҳият ва мундариҷаи онҳо нисбат ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ёрӣ мерасонанд, дида бароем. Таҳқиқоти низомӣ бо худ маҷмуи назарияҳои илмӣ ва техникӣ, консепсияҳо ва методҳоеро таҷассум менамояд, ки дар онҳо объекти таҳқиқ ё моделсозӣ ҳамчун низом дида баромада мешавад. Аз он ки мо зери мафҳуми низом чиро мефаҳмем, то як дараҷаи муайян ҳалли масъала оид ба нишонаҳои махсуси муносибати низомӣ ва таҳлили низомӣ, дар маҷмуъ, таҳқиқоти низомӣ вобастагии калон дорад.

Яке аз поягузорони назарияи умумии низом Л. Берталанфи (L.Bertalanfy) низомро ҳамчун маҷмуи унсурҳои байни ҳам таъсиррасон муайян кардааст: «Ҳамаи қисмҳои дар алоқамандӣ бо ҳамдигар иборатбударо низом меноманд»[83]. Дар адабиёти ватанӣ низ доир ба муносибатҳои низомӣ таҳқиқот мавҷуд аст. Масалан, тибқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Мирсаидов А.Б. ва Шомадова Н.С. муносибати низомӣ аслан аз моҳияти низоми иқтисодиву иҷтимоӣ бармеояд. Низоми иқтисодӣ ва ё иҷтимоӣ «дар худ якҷояшавии ҷузъҳои ба ҳам алоқамандро инъикос менамояд, ки барои ноил гаштан ба мақсадҳои муайян нигаронида шудаанд ва доимо дар алоқа бо муҳити беруна қарор доранд»[84]. Низом натанҳо ҷамъи оддии ҷузъҳои ҳамкорикунанда мебошад. Дар низом тамоми ҷузъ ва ё қисматҳо ҳамчун воҳиди ягона вуҷуд дошта, сифатҳои вижагӣ доранд ва чунин сифатҳо дорои қобилияти бартараф намудани таъсири муҳити беруна мебошанд. Барои мисол модели низомеро меорем, ки панҷгонаро ташкил медиҳад[85]:

$$\mathbf{C = C\ (I,\ R,\ A(S),\ A(RS),\ A(SR)),}$$

дар ин ҷо:

I = {Si,..., Sp} – ҷамъи ҷузъҳои дохилии низом (C);

R = {Ri,..., Rq} – ҷамъи ҷузъҳои берунаи низом (C);

A(S) - алоқаи муносиб ба ҷузъҳои низом (сохтори дохилии низом (C);

A(RS), A(SR) ва A(SR) – алоқаи муносиб, ки дар маҷмуи ҷузъҳои I ва R вуҷуд дошта, барои устувор мондан дар бозорҳои дохилию беруна рақобатпазир мебошанд ва ё қобилият доранд.

Ҳамин тариқ, самаранокии амалкарди низоми иқтисодӣ натиҷаи истифодаи хусусиятҳои вижагии тамоми ҷузъҳои таркибии низоми

[83] L. von Bertalanffy, General System Theory - A Critical Review, «General Systems», vol. VII, 1962, p. 1-20. [Текст] / Перевод Н. С. Юлиной.

[84] Мирсаидов, А.Б. Рушди инноватсионии системаи саноати шаҳри Душанбе [Матн] / А.Б. Мирсаидов, Н.С. Шомадов. – Душанбе: Ирфон, 2018. - 175 с. – С. 38.

[85] Санжина, О.П. Формирование инвестиционной политики в сфере промышленного развития региона. Научное издание. [Текст] / О.П. Санжина, Р.В. Бадараева. - Улан-Удэ: Изд-во ВСГТУ, 2006. – 204 с.

иқтисодии мамлакат мебошад. Ин муайянкунӣ барои он аз ҳама васеъ ва аз ҳама оддӣ мебошад, ки дар ҳаёт ҳама чизҳо бо ягон тарз бо ҳам алоқаманданд ва метавонанд низом номида шаванд.

Назарияи низомҳои кушодаи корхонаи бахши аграрии иқтисодиёт ба сифати низоми маҷмуавии аз қисмҳо таркибёфта, ки омӯхтанашон ҳамчун умумияти ягона зарур мебошад, дида баромада мешавад. Он аз муҳити беруна ҷудо карда нашудааст. Вазифаи асосии низом аз таъмини пойдор мондан аз ҳисоби тағйирёбии таъсирҳои беруна ва мутобиқшавӣ ба тағйироти баамаломада иборат аст. Унсурҳои алоҳидаи низом, ки зернизом номида мешаванд, эҳтиёҷоти худро доранд, ки онҳо низ қонеъгардониро талаб мекунанд. Қисмҳои низом байни худ метавонанд ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути қисмҳои дигар алоқаманд бошанд. Алоқаҳо метавонанд инчунин бевосита ва баръакс бошанд. Алоқаҳои баръакс низоми мураккаби вобастагии сабабӣ буда, дар он ифода меёбанд, ки натиҷаи амали қаблӣ ба муносибати равандҳои минбаъда таъсир мерасонад ва сабаб дар худ таъсири баръакси натиҷаро эҳсос менамояд. Сохтори низомро метавон ҳамчун маҷмуи қисмҳо ва алоқаҳои дохилии низом муайян кард. Баъзан вақт онро ҳамчун маҷмуи унсурҳо ва алоқаҳо ё муносибатҳо муайян мекунанд[86]. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар идоракунӣ зери мафҳуми муносибати низомӣ бояд тарзи низомикардашудаи фикрронӣ фаҳмида шавад, ки тибқи он раванди асосноккунии қарор дар муайянсозии мақсадҳои умумии низом ва тобеияти пайдарҳамии расидан ба ин мақсадҳои умумии маҷмуи зернизомҳо, нақшаҳои рушди онҳо, инчунин нишондиҳандаҳо ва стандартҳои корҳо заминагузорӣ мешавад.

Муносибати низомӣ  самти методологии дарки илмӣ мебошад, ки асоси онро баррасии объектҳо ҳамчун низом ташкил дода, имконият медиҳанд, ки хосият ва муносибатҳои мушкилназоратшаванда дар

[86] Анализ концепций общей теории систем. //Научная электронная библиотека. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: /http://www.monographies.ru/16-410., открытый. (дата обращения 08.12.2021).

объектҳо таҳқиқ карда шаванд. Муносибати низомӣ дар умум усули ташаккули низомро барои ҳалли проблемаҳои пайдошаванда ифода мекунад[87]. Амалигардонии муносибати низомӣ нисбат ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зарур ва дар як вақт раванди ниҳоят мураккаб мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазифаи асосии муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз рӯйи имконият бақайдгирии миқдори зиёди омилҳо, шароит ва унсурҳои низомҳои истеҳсолот мебошад, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда ва имкониятҳои максималии истеҳсолот ташкили манбаъро иҷозат медиҳад.

Муносибати низомӣ ҳамчун воситаи омӯзиши проблемаҳои ташкили истеҳсолот ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ки зернизоми истеҳсолот мебошад, пешниҳод менамояд, ки ҳар як проблема ҳамчун умумияти ягона бо назардошти ҳамаи алоқамандиҳои байниҳамдигарии онҳо, ташаккули возеҳи мақсадҳо ва вазифаҳои низомҳо, тобеияти вазифаҳои маҳдуди зернизомҳои алоҳида ба мақсадҳои ягонаи низомҳо, баҳисобгирии ҳаматарафаи воситаҳои бо ҳалли ин масъала алоқаманд таҳқиқ карда шаванд[88]. Вобаста ба ин, муаллиф чунин ҳисоб мекунад, ки равшанӣ андохтан ба тафсири моҳият ва муҳтавои муносибати низомӣ нисбат ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Моҳияти муносибати низомӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона дар таҳқиқи маҷмуавӣ, таҳлили ташкили истифодаи захираҳои истеҳсолии зернизомҳои гуногуни корхона (функсионалӣ ва таъминкунанда) ва арзёбии чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани истифодаи оқилонаи захираҳо аз нуқтаҳои назари гуногун ифода меёбад.

---

[87] Бакунец, О. Н. Управление стратегией распределения ресурсов на основе многокритериальных динамических моделей [Текст]: дисс… канд. экон. наук: 08.00.05 / Бакунец Оксана Николаевна.-Воронеж, 2003.-162 с.

[88] Туровец, О.Г. Теория организации. [Текст] / О.Г. Туровец, В.П. Родионова. - Воронеж: ВГТУ, 1998. - 106 с.

Муайян кардани он ки барои корхона чӣ самарабахш ва чӣ ғайрисамарабахш мебошад, аз мақсадҳои ҳам дар назди корхона, ҳам дар назди истеҳсолот гузошташуда вобаста мебошад. Мундариҷаи муносибати низомӣ пешниҳоди низомии раванди истеҳсолот, муайянсозӣ, умумигардонӣ ва ҷудокунии мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои низоми истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, таҳияи методикаи ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ва амалӣ намудани онро бо истифодаи усулҳои гуногун дарбар мегирад.

Дар асоси мафҳуми «низомҳо» ва «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» таърифи «низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ»-ро медиҳем: низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона гуфта, маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолиро, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, меноманд. НТИОЗИ дорои хосиятҳои хосе мебошад, ки аз рӯи онҳо фаъолияташон бо роҳи истифодаи оқилонаи ва оптималии захираҳои истеҳсолӣ таъмин карда мешаванд[89].

Низоми ТИОЗИ-ро аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Айни ҳол ба вижагӣ мураккабӣ ва дараҷаи номуайянӣ дар ҳамкориҳои байниҳамдигарии унсурҳои низом ба ҳисоб мераванд. Аз рӯйи дараҷаи мураккабӣ низоми ТИОЗИ-ро метавон ба се синф тақсим кард:

- оддии динамикӣ (ба хоҷагиҳои хурди истеҳсолкунандаи номгӯйи ночизи маҳсулот хос мебошад);

- мураккаби динамикӣ, ки бо сохтори густурда ва алоқаҳои зиёди дохилии гуногуншакл фарқ карда, аммо тасвиршаванда мебошанд (чунин низомҳо ба корхонаҳои калони дорои миқдори зиёди истеҳсолот ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти як ё ду самт хос мебошанд);

- бисёрмураккаби тасвирнашаванда (ба корпоратсияҳои ба истеҳсоли маҳсулоти махсусгардонидашудаи доираашон васеъ машғулбуда ва ғайра хос мебошад).

---

[89] Махкамова Ч.А. Муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Ч.А. Махкамова // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - №3 (27). - С. 130-139.

Аз рӯйи дараҷаи номуайянӣ дар амали байни ҳам алоқаманди унсурҳо, онҳоро метавон ба ду синф ҷудо намуд:

- муайяншуда, ки дар он ҳамаи унсурҳо байни ҳам дар шакли муайян ва тасвиршавандаи аниқ ҳамкорӣ мекунанд;

- эҳтимолӣ, ки дар он хусусияти аксуламали унсурҳоро дар вазъияти ба амаломада метавон танҳо бо ин ё он дараҷаи эътимоднокӣ тасвир кард.

Ҳамҷоякунии ду меъёри дар боло номбаршуда ба он оварда мерасонад, ки ТИОЗИ аз рӯи шаш категория гурӯҳбандӣ карда шаванд: оддии динамикии тавсифшуда, оддии динамикии имконпазир (эҳтимолӣ), мураккаби динамикии тавсифшуда, мураккаби динамикии имконпазир (эҳтимолӣ), бисёр мураккаби тавсифшуда ва бисёр мураккаби имконпазир (эҳтимолӣ).

Ҳолатҳои гуногуни муносибати низомиро ба асос гирифта, истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳамчун маҷмуи корҳои ба чунин тарзи ҳамҷоякунии захираҳои гуногуни истеҳсолӣ равона карда, дида баромадан мумкин аст, ки истифодаи оптималӣ ва мақсадноки онҳо ба даст меояд. Ба яке аз шаклҳои мушаххаси истифодаи муносибати низомӣ нисбат ба проблемаҳои ҳамҷоякунии захираҳои истеҳсолӣ метавон баррасии истифодаи маҷмуавии захираҳоро мансуб донист. Истифодаи маҷмуавии захираҳо чунин низоми ташкили корро оид ба истифодаи оқилонаи захираҳо пешниҳод менамояд, ки ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолӣ, ҳама намуди захираҳо ва истеҳсолотро дар алоқа, вобастагӣ ва пайдарҳамии байниҳамдигарӣ дарбар мегирад. Дар асоси муносибати низомӣ метавон аз мавқеи методологии ягона модели баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаро таҳия намуд. Алгоритми раванди баланд бардоштани ИОЗИ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1. Воридшавӣ: омодагӣ ва банақшагирӣ.

2. Равандӣ: баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ.

3. Баромад: арзёбии сатҳи ИОЗИ, дастгирии сатҳи ИОЗИ, назорат.

Ҳар як марҳиларо муфассалтар баррасӣ менамоем. Марҳилаи якум дар омодагӣ ба тағйирёбии пешбинишаванда дар низоми ИОЗИ ифода ёфта, инҳоро дарбар мегирад:

- таҳлили низоми истеҳсолӣ: ҷамъоварии иттилоот, интихоби он, аз нав коркард шудан, гурӯҳбандӣ, арзёбии мукаммалӣ ва дурустии он. Дурустӣ ва мукаммалӣ барои қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ дар соҳаи ИОЗИ замина мегузорад;

- тартиб додани мақсадҳои низоми ИОЗИ, ки дар асоси ҳадафҳои корхона ва дар маҷмуъ низоми истеҳсолот муайян карда мешавад;

- банақшагирии таҳкими сатҳи ИОЗИ. Муқаррарсозии муҳлатҳои расидан ба сатҳи муайяни ИОЗИ-ро пешбинӣ мекунад, сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа ва рӯйхати иҷрокунандагони эҳтимолӣ пешакӣ тартиб дода мешаванд; низомнома оид ба ҳавасмандгардонии моддии иштирокчиёни раванди баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ таҳия мегардад; амалишавии нақша арзёбӣ карда мешавад;

- интихоби мутахассисҳо ва роҳбарон вобаста бо мақсадҳо, вазифаҳо ва самтҳои мушаххаси ИОЗИ. Хадамот дар ҳайати зерин таъсис дода мешавад: роҳбари раванди баландбардории сатҳи ИОЗИ, ки ба рафти корҳо, натиҷа ва мутобиқгардонии корҳо (саривақтӣ, тартиб, алоқаи байниҳамдигарӣ, муҳлат) масъул мебошад, танзимгарони раванд, ки алоқаро байни корҳои гуногун бо роҳи ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти дастрасгардида таъмин менамоянд, иштирокчиёни раванд аз ҷузъу томҳо (воҳидҳо) ва сатҳҳои гуногуни иерархӣ, мушовир, ки муносибати умумиро ба роҳу усулҳо ва кор бо таъминоти барномавӣ меомӯзонад, лаҳзаҳои баҳсиро шарҳ медиҳад;

- тақсимоти корҳо дар байни иҷрокунандагони мушаххас. Механизми мутобиққунонии корҳо муайян карда мешавад;

- тартиб додани нақшаю графикҳои тақвимӣ ва фаврӣ, расонидани онҳо ба иҷрокунандагон;

- коркарди консепсияи ташкили корҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ. Ҳангоми зарурат барои ҳисобгирии иттилооти воқеӣ лоиҳаи таъминоти барномавӣ таҳия ва коркард мешавад.

Раванди баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ қадамҳои зеринро дарбар мегирад:

- таҳияи барномаи баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ;

- муайян кардани принсипҳо, усулҳо, қоидаҳои асосии тағйирёбӣ ва таҳлили ИОЗИ;

- тибқи принсипҳо ва усулҳои муқарраршуда меъёрҳои сифатӣ ва миқдории арзёбии сатҳи ИОЗИ муайян карда мешаванд;

- ба арзёбии сатҳи ноилгардидаи ИОЗИ диққати махсус додан зарур аст.

Раванди мазкур аз қадамҳои зерин иборат мебошад:

- муайян кардани таъсири захираҳои дар корхона мавҷудбуда ба нишондиҳандаҳои истеҳсолот. Моҳиятан ин таҳлили омилӣ дар асоси номгӯйи омилҳо гузаронда шуда, аз муайянсозии аҳамиятнокии захираҳо барои корхона иборат мебошад.

- дар асоси таҳлили омилӣ ва аҳамиятнокии захираҳо номгӯйи чорабиниҳои мушаххас оид ба таҳкими сатҳи ИОЗИ тартиб дода мешавад;

- таҳлили чорабиниҳо аз рӯйи ду меъёр гузаронида мешавад: аз рӯйи мураккабии амалигардонии чорабиниҳо, инчунин аз рӯйи хосияти онҳо, ки сатҳи иқтисодӣ, техникӣ ва функсионалии чорабиниҳоро дарбар мегирад;

- дар асоси қадами қаблӣ чорабиниҳои нисбатан мақсаднок ва афзалиятнок интихоб карда мешаванд;

- асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ ва арзёбии пешакии самаранокии чорабиниҳо гузаронида мешавад.

Марҳилаи хотимавӣ – арзёбии сатҳи ИОЗИ, нигоҳдорӣ ва назорати сатҳи ИОЗИ мебошад:

- тасдиқи фармон оид ба иҷрои чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ, иҷрои корҳо;

- бо мақсади назорат, дастгирӣ ва арзёбии сатҳи ИОЗИ ба таври доимӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот оид ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ амалӣ мегардад;

- тартиб додани дурнамои самтҳои минбаъдаи баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ (расми 3.1).




**Расми 3.1. - Арзёбии сатҳи ноилгардидаи ИОЗИ**
**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф мураттаб гаштааст.

Муносибати низомӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ талаб мекунад, ки хосиятҳои ҳамдигаривазкунӣ ва ҳамдигарпуркунии захираҳои истеҳсолӣ ба назар гирифта шаванд.

Ҳамдигаривазкунии захираҳои истеҳсолӣ бо нимфунксионалии онҳо алоқаманд буда, маънои онро дорад, ки дар раванди мушаххаси технологӣ

метавонад ба ҷойи як захираи истеҳсолӣ дигар захираи истеҳсолӣ истифода бурда шуда, дар ин ҳолат бояд сифат, ҳаҷм ва таркиби маҳсулоти охирин бад нагарданд. Як захираро барои қонеъ гардонидани талаботи гуногуни функсионалӣ истифода кардан мумкин аст ва ҳар як талабот метавонад бо маҷмуи гуногуни захираҳо таъмин карда шавад.

Ҳамдигарпуркунии захираҳои истеҳсолӣ дар риояи таносуби муайяни ҳаҷмии намудҳои мушаххаси захираҳо ҳангоми технологияи додашудаи истеҳсолот ва навъи ба амаломадаи талабот (эҳтиёҷот) ифода меёбад. Ҳамдигарпуркунӣ бисёртар барои захираҳои моддии истеҳсолӣ хос мебошад, аммо вай метавонад дар сохтори қувваи корӣ низ, ки ба он норасоии кормандони гуногунихтисос таъсир расонад, зоҳир гардад.

Дар байни ҳамдигаривазкунӣ ва ҳамдигарпуркунӣ алоқаи муайяне вуҷуд дорад:

- чӣ қадаре ки давраи банақшагирӣ давомнок бошад, ҳамон қадар имконияти тағйирот дар технология бисёр аст, чӣ қадаре ки маҳдудияти захираҳо бо дараҷаи кам таъсир расонанд, ҳамон қадар имкониятҳои воқеии ҳамдигаривазкунӣ васеъ мебошанд;

- чӣ қадаре ки давраи банақшагирӣ кӯтоҳ бошад, ҳамон қадар принсипи ҳамдигарпуркунӣ пурзӯртар амал мекунад;

- афзоиши тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ҳамдигаривазкуниро мушкил гардонида, натиҷаи ҳамдигарпуркуниро тақвият мебахшад;

- маҳдудияти нисбӣ ё барзиёдии захираҳои алоҳидаи истеҳсолӣ ба самти пешравии техникӣ таъсир расонида, натиҷаи ҳамдигарпуркуниро пурзӯр мегардонад;

- мавҷуд будани маҳдудияти маҷмуавии захираҳо ҳамдигаривазкуниро суст мегардонад ва баръакс, мавҷудияти барзиёдии маҷмуавии захираҳо ба ҳамдигарпуркунӣ мусоидат мекунад.

Барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ мавҷудияти маҷмуи муайяни захираҳои истеҳсолӣ муҳим мебошад, зеро вуҷуд надоштан ё камбудии яке

аз онҳо ба вайроншавии раванди истеҳсолот оварда мерасонад. Ташкили раванди истеҳсолот натанҳо мавҷуд будани захираҳои зарурӣ, балки пеш аз ҳама, таъмини тағйирпазир ва самарабахши пайвастшавии байни ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот, ки тақсимоти оптималии захираҳоро байни давраҳои пайдарҳамии он ва ташкил кардани манфиатнокиро барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ мефаҳмонад, дарбар мегирад.

Ҳамин тавр, яке аз масъалаҳои асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мутобиқаткунонии талаботи ҳамаи унсурҳои раванди истеҳсолот дар вақт ва ҳудуд мебошад, ки имкон медиҳад ҳангоми тайёр кардани маҳсулот баробарвазнӣ ва баробармувозинатии истеҳсолот ба даст оварда шавад.

Захираҳои истеҳсолии корхона дар маҷмуъ низоми муайян ё маҷмуи зернизомро ташкил медиҳад. Ҳар як зернизом хусусияти худро дорад ва дар раванди истеҳсолот вазифаҳои аниқи ба ӯ ҷудокардашударо иҷро мекунад. Бинобар ин, дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ аз мукаммалии сохторҳои низоми захираҳои сохташуда ва устувории алоқаҳои байни зернизомҳо вобаста мебошад. Чӣ қадаре ки ин алоқаҳо қавитар бошанд, ҳамон қадар сохтори захираҳо самарабахш мегарданд, алалхусус онҳо оқилона истифода бурда мешаванд.

Раванди истеҳсолот дар як давраи муайян дар ҳолати устувор қарор дошта, зернизомҳои захираҳо дар мувофиқат бо ҳамдигар фаъолият мекунанд. Аммо чӣ қадаре ки низом ба таври идеалӣ сохта шуда бошад ҳам, баъди якчанд муддати вақт дар устувории вай дигаргунӣ ва тағйирёбӣ дида мешавад, ки аз тағйироти захираҳои истеҳсолӣ вобаста аст (динамикаи захираҳои меҳнатӣ, ворид намудани навоварӣ ба зернизоми захираҳои моддӣ, иваз кардани як захираҳои истеҳсолӣ ба захираҳои дигари истеҳсолии нисбатан муосир, прогресси илмӣ-техникӣ ва ғ). Дар ниҳояти кор ин метавонад ба истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ таъсири мусбат расонад, аммо оид ба истифодаи оқилонаи онҳо сухан рондан мумкин нест.

Қаблан дар идоракунӣ ва истифодаи захираҳо озодӣ маҳдуд буд. Корхонаҳо дар чаҳорчӯбаи устувори молиявӣ қарор доштанд ва наметавонистанд сохтори нисбатан оқилонаи истифодаи захираҳоро интихоб намоянд. Дар иқтисоди бозаргонӣ бошад, дар ҳолати бештар ин маҳдудиятҳо бардошта шуда, идоракунии самаранок оптимизатсиякунонии сохтори захираҳоро пешбинӣ менамояд.

Мафҳуми сохтор категорияи асосии сифат мебошад. Муайянкунии қонуниятҳои динамикаи сохтори мураккаби захираҳои истеҳсолӣ ба таъсиррасонии мақсаднок ба рушди ҳам сарчашмаҳои захираҳо ва ҳам ҳамаи низоми захираҳо дар самти ба таври максималӣ амалигардонии мақсадҳои стратегии инкишофи иҷтимоию иқтисодии корхона роҳ мекушояд.

Барои ҳалли бомуваффақияти истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар асоси муносибати низомӣ, баррасии сохторҳои сифатӣ, муваққатӣ, ҳудудӣ ва ташкилӣ-хоҷагидории захираҳои истеҳсолӣ, ки як қатор хусусиятҳои раванди истеҳсолотро муайян мекунанд, аҳамияти махсус доранд.

Баҳои умумии сифати захираҳои таркибӣ сохтори сифатии низоми захираҳоро тавсиф медиҳад. Вай бо хосиятҳои зерин, чун истифодаи маҷмуавӣ, ҳамдигаривазкунӣ ва ҳамдигарпуркунӣ муайян карда мешавад.

Бо сабаби маҳдуд будани захираҳои истеҳсолӣ таъмин намудани амалисозии ҳамаи мақсадҳои корхона дар як вақт дар ҳаҷми дилхоҳ ғайриимкон мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҷойгиркунии пасиҳамдигарии талабот ба захираҳо аз рӯи вақт, яъне муайянкунии пайдарҳамии қонеъгардонии онҳо бо захираҳои мавҷуда ва интизорбуда зарур мебошад. Дар ин ҳолат, бояд ба назар гирифт, ки дар даст доштани миқдори баробари як намуди захираҳо дар лаҳзаҳои гуногуни вақт, аз нуқтаи назари ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳ (талаб кардашуда) аз ҷиҳати иқтисодӣ нобаробарарзиш мебошад. Ин онро мефаҳмонад, ки интихоби чунин сохтори муваққатии захираҳои истеҳсолӣ зарур мебошад,

ки ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда ва фоидаи ҳадди аксари максималии иқтисодиро таъмин намояд.

Таҳлили сохтори мувaққатии захираҳои истеҳсолӣ аз объекти мураккаб иборат мебошад, ки барои ҳалли маҷмуи масъалаҳои гуногуни функсионалӣ дар низоми истеҳсолот таъин карда шуда, бо ҷудокунии як қатор ҷанбаҳои баррасишавандаи он алоқаманд аст. Давомнокии вақти истеҳсолот ба маҳсулнокии меҳнат, фондбаргардонӣ ва нишондиҳандаҳои дигари самаранокии истифодаи захираҳо таъсири ҳалкунанда мерасонад. Коҳиш додани давраи истеҳсолот маънои имконияти нисбатан зудтар ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ ва тезонидани суръати рушди иқтисодии корхонаро дорад. Бузургии оптималии захираҳои истеҳсолӣ аз хусусияти банақшагирии чорабиниҳо, давомнокии давраи банақшагирӣ ва муҳимияти мақсадҳои амалишаванда вобаста аст.

То ҳол дар байни олимон-иқтисодчиён дар хусуси чӣ гуна дар шакли ҷамъбастшуда ба нақша гирифтан ва арзёбӣ намудани истифодаи захираҳо бо назардошти омили вақт муайянии пурра вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар таҷрибаи хоҷагидорӣ низ ба ҷойи шаклҳои ҷамъбастшуда нишондиҳандаҳои зерини истифодаи захираҳои алоҳида истифода бурда мешаванд: меҳнатталабӣ, фондталабӣ, арзиши аслӣ, таносуби сармояталабӣ ва ғайраҳо. Тарзи якҷоякунии нишондиҳандаҳои додашуда ба низоми ягона то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Сохтори ҳудудии захираҳои истеҳсолӣ аз рӯйи ҷойгиркунии таҷҳизот дар ҳудуди хоҷагиҳо бо назардошти хусусият ва имкониятҳои мавҷудаи онҳо муайян карда мешавад. Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҷойгиркунии мувозинатии захираҳо, рушди истеҳсолоти алоҳида ва такмилдиҳии шаклҳои ҳудудии ташкили истеҳсолотро пешниҳод менамояд.

Муносибати низомӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар навбати аввал ҳалли масъалаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- афзалиятнокии рушди захираҳо дар вақт ва ҳудуди корхона;

- миқёси ташкили захираҳо;

- таносуби самтҳои дохилӣ ва берунии иқтисодии истифодабарӣ ва сарчашмаҳои воридшавии захираҳо;

- таносуби марказонидан ва ғайримарказонидан, фишангҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳо;

- таносуби омилҳои экстенсивӣ ва интенсивии истифодаи захираҳо (дараҷа ва комплектнокии истифодабарӣ, амиқии аз нав коркардабарорӣ, сатҳи фондбаргардонӣ, инкишофи ҳосилнокии меҳнат, зиёдгардонии ҳиссаи саҳм дар афзоиши фоида).

## 3.2. Мукаммалгардонии механизми ташкилии идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо

Рушди самарабахш ва устувори корхонаҳои кишоварзӣ бисёртар аз рӯи қобилияти мутобиқат карда тавонистани онҳо ба шароити воқеии тағйирёбандаи муҳити фаъолият муайян карда мешавад. Низомҳои истеҳсолии корхонаҳо, ки имконияти табдил додани захираҳои ибтидоиро ба натиҷаҳои ниҳоӣ доранд, бо дараҷаи ташкили самарабахши идоракунии захираҳо (ташаккулдиҳӣ, тақсим ва истифода) вобастагии зич дошта, талаб мекунанд, ки ин алоқамандӣ ба таври доимӣ мавриди омӯзиш қарор гирад.

Тафриқаи корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар солҳои ислоҳоти иқтисодӣ таҳким ёфтааст, ба идоракунии захираҳои субъектҳои хоҷагидории дараҷаи иқтидори захиравиашон гуногун муносибатҳои хосро асоснок кард.

Дар таҷриба идоракунии захираҳо ба воситаи ташкил ва тақсим намудани онҳо, ки метавонанд ҳам дар намуди асл ва ҳам дар шакли пулӣ ифода ёфта бошанд, ба роҳ монда мешавад. Вобаста ба ин, масъалаи оптимизатсияи ҷараёнҳои моддию пулӣ, ки ҳалли онҳо барои ба сатҳи сифатан нави фаъолият баромадани корхонаҳои кишоварзӣ асоси воқеиро ба миён меорад, аҳамияти калон дорад.

Якҷояшавӣ ё вобасташавии захираҳои истеҳсолӣ, тағйирёбии мунтазам дар таркиби сифатӣ ва миқдории онҳо барои ҳар як корхонаҳои

кишоварзӣ зарурати ҷустуҷӯйи бефосилаи муносибатҳои навро дар идоракунии захираҳои истеҳсолии корхона ва дар ҳолатҳои ҷузъӣ, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ба миён меорад. Бинобар ин, барои амалӣ намудани вазифаи идоракунии захираҳо зарур аст, ки низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НММТИОЗИ), ки як қисми низоми идоракунии захираҳо мебошад, сохта шавад.

Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон миқдори зиёди хоҷагиҳои хурд фаъолият мекунанд. Соли 2021 дар вилояти Хатлон 65595 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият мекарданд, ки нисбат ба соли 2017 7986 воҳид зиёд шудааст. Дар ин давра заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз 281,4 ҳазор гектар то 293,3 ҳазор гектар зиёд гардидааст. Онҳо қариб 70%-и захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳои кишоварзии вилоятро дарбар мегиранд (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. - Динамикаи миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар вилояти Хатлон ва заминҳои кишти онҳо**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирёбӣ нисбат ба соли 2017 (-, +) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 57609 | 60212 | 58704 | 63672 | 65595 | 11102 |
| Заминҳои кишт | 281424 | 274396 | 294088 | 287630 | 293288 | 11864 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Нишондиҳандаҳои гендерӣ оид ба фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2015–2020. – С. 33- 62; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 132-133 ва ҳисоботи хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва таъмини методии идоракунии захираҳо талаб менамоянд, ки барои корхонаҳои кишоварзӣ ниҳод (институт) ё хадамот, ки ин гуна вазифаҳоро иҷро мекунанд, таъсис дода шавад. Аммо бо сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявиашон, дар ҳамаи хоҷагиҳои хурд таъсис додани чунин шакли ташкилӣ душвор мебошад. Бинобар ин, аз нуқтаи назари молиявию иқтисодӣ дар сатҳи Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ё дар назди комплекси агросаноатии ноҳия ё вилоят таъсис додани ягон марказе,

ки ба мукаммалгардонии низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғул шаванд, мақсаднок мебошад. Чунин марказ ба таҳлил ва сохтани НММТИОЗИ дар субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ машғул мешавад.

Чи хеле ки дар параграфи якуми боби мазкур қайд кардем, муносибати низомӣ ҷудо намудани раванди истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ ва муайянкунии вазифаҳои мушаххасро оид ба таъмини он аз тарафи ҷузъу томҳои марбута талаб менамояд. Бинобар ин, ба фикри мо дар низоми истифодаи захираҳо ҷудо намудани зернизомҳое, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғул мешаванд, асоснок мебошад. НТИОЗИ ҳамчун шакли ташкили меҳнати комилан ташаккулёфта, ки мақсадаш аз такмили мунтазами сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ иборат мебошад, пешниҳод карда мешавад. Чунин низоми идоракунии захираҳо бояд то дараҷаи даркорӣ беназир буда, таҷрибаи мусбати як қатор корхонаҳои кишоварзӣ ва принсипҳои низомҳои дигарро истифода барад.

Дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис додан ва ворид намудани марказ оид ба ташаккули НТИОЗИ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми истеҳсолӣ ва дар маҷмуъ, корхонаҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Мақсаднокии сохтани марказ дар навбати аввал бо мураккабии бефосила ва хусусиятҳои такрорнаёбандагии вазъияти истеҳсолии дар шароити муосири рушди корхонаҳои истеҳсолии кишоварзӣ баамалоянда муайян карда мешавад.

Қабл аз шарҳи низом баррасии муҳимияти ду масъала зарур аст:

1). Ташкили ташаккули НТИОЗИ.

2). Ташаккули НТИОЗИ.

Ташаккули низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ пайдарпаиҳои мантиқиро дарбар мегирад, ки он дар расми 3.2 оварда шудааст.




**Расми 3.2. - Пайдарпайии мантиқии ташаккули низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НТИОЗИ)**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар ин ҷо интихоби мутахассисон оид ба ташаккули НТИОЗИ дохил мешаванд; байни онҳо вазифаҳои мушаххас тақсим карда мешавад, ҳуқуқҳо, масъулият, вазифаҳо ва ухдадориҳои онҳо тасдиқ мегарданд; шаклҳои ҳамкории байниҳамдигарии иштирокчиён коркард мешаванд; аз рӯи захираҳо маҳдудиятҳо муқаррар мегарданд (молиявӣ, моддӣ, вақтӣ); шакли пешниҳоди натиҷаҳо муайян карда мешаванд.

Чӣ хеле ки мебинем, яке аз марҳилаҳои ташаккули НТИОЗИ ин ташкили НТИОЗИ мебошад. Консепсияи ташаккули Маркази НТИОЗИ барои корхонаҳои кишоварзӣ ба назарияи низомҳо, ки масъалаҳои алоҳидааш дар параграфи қаблӣ дида шуда буданд, такя мекунад.

Дар навбати худ ташаккули Маркази НТИОЗИ алогритми худро дорад, ки аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад (расми 3.3).




**Расми 3.3. - Алгоритми ташаккули НТИОЗИ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Марҳилаҳои ташаккули НТИОЗИ-ро муфассалтар баррасӣ менамоем.

**Марҳилаи якум.** Муайян кардани ҳадаф, вазифа ва роҳҳои рушди ояндаи корхона. Дар ин марҳила нафақат мақсадҳо ва зермақсадҳо, балки коркарди стратегияи умумии истеҳсолот низ муайян карда мешавад.

**Марҳилаи дуюм.** Таҳлили ҳолати истеҳсолот дар хоҷагиҳо. Дар ин марҳила таҳлили маҷмуавии истеҳсолот гузаронида мешавад: нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, энергетикӣ, иттилоотӣ ва намудҳои дигари онҳо мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Омилҳое, ки ҳам ба НТИОЗИ ва ҳам ба истифодаи намудҳои алоҳидаи захираҳо таъсир мерасонанд, инчунин, унсурҳои асосии НТИОЗИ муайян карда мешаванд. Масъалаи интихоби вариантҳои низом, ки ба талаботи фаъолияти корхона ҷавобгӯй мебошанд, ҳал карда мешаванд.

**Марҳилаи сеюм.** Ташаккули принсипҳои асосии фаъолияти НТИОЗИ, меъёрҳои арзёбии ИОЗИ, ки барои коркарди низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ зарур мебошанд. Дар ин марҳила бояд, ки чорабиниҳо оид ба омодагӣ ба ҷорӣ намудани низомҳо ва бевосита раванди ҷорӣ намудани он амалӣ карда шаванд.

Маълум, ки тағйироти шароити истеҳсолот тағйирёбии худи низомро талаб мекунад. Бинобар ин, ҳеҷ гоҳ НТИОЗИ-и дар корхона амалкунанда на бояд ҳамчун низоми ниҳоӣ дида баромада шавад. Аз ин сабаб, ташаккули низом раванди бефосила буда, баъди якчанд вақти муайян бо мақсади мутобиқ гардидан ба шароити беруна боз такрор меёбад.

Низом бояд дар асоси принсипҳои ташаккул ва фаъолияти низомҳои идоракунии захираҳои истеҳсолии ба шароити муосири иқтисодӣ монанд сохта шавад. Азбаски ҳар як низоми сохташуда марҳилаи мантиқии рушди низоми амалкунандаи пештара мебошад, бинобар ин, барои низоми нав низ принсипҳои дар низомҳои пештара мавҷудбуда амал мекунанд.

Ба фикри мо, яке аз чунин принсипҳо ҳаракати инноватсионӣ, кушода ва бисёршабакавӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, принсипҳое пайдо мешаванд, ки хусусиятҳои НТИОЗИ-и навро инъикос мекунанд. Дар навбати аввал, ин принсипи идоракунии ҳамгироии ҳамаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад. Яке аз принсипҳои дигари ташкили НТИОЗИ мутобиқоӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари мо, принсипи мазкур дар се зуҳуроти ба ҳам вобаста амалӣ карда мешавад: зудҳаракатӣ, усулнокӣ ва тағйирпазирии истеҳсолот.

Принсипи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз принсипҳои ташкили оқилонаи истифодаи равандҳои истеҳсолӣ бармеояд, ки онҳо дар ҷадвали 3.2 оварда шудаанд. Илова бар ин, сохтани НТИОЗИ ба принсипҳои вижагии зерин такя менамояд.

**Ҷадвали 3.2. - Принсипҳои ташкили ИОЗИ**

| Принсипҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|
| **1.Тахассусшавӣ** | Тақсими меҳнатро миёни кисмат, ҷузъҳои намуди фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва кооператсияи раванди истеҳсот инъикос менамояд. |
| **2.Мувозӣ** | Якбора иҷро намудани унсурҳои муайяни равандҳои истеҳсолӣ, ки ба истеҳсоли ягон маҳсулот алоқа дорад. |
| **3.Мутаносибӣ** | Ҳосилнокӣ бар воҳиди вақти нибатан баробар дар қисматҳои бо ҳам алоқаманди корхонаҳо, ки роҳҳои кӯтоҳи табдили предмети меҳнатро ба моли тайёр мусоидат менамояд. |
| **4.Бефосилагӣ** | Паст намудани фосилаҳои миёни амалиёт, равандҳои истеҳсолӣ, ки ҳамчун коэффитсиенти фосилагӣ (нисбати вақти корӣ бар давомнокии умумии истеҳсолот) муайян карда мешавад. |

**Идомаи ҷадвали 3.2.**

| | |
|---|---|
| **Мунтазамӣ** | Раванди исеҳсолот ва ҷузъҳои он бояд такрорёбии муайянро дар фосилаи баробар дошта бошанд. Коэффитсиенти мунтазамӣ ҳамчун таносуби байни кори воқеии иҷро гардида нибат ба нақшавӣ муайян карда мешавад. |
| **Таъминоти техникӣ** | Автоматикунонӣ ва механикунонии равандҳои истеҳсолӣ, бартараф намудани меҳнати дастӣ, вазнинӣ ва шароити барои инсон зараровар амалӣ карда мешаванд. |
| **Дарки равандҳои истеҳсолӣ** | Ин принсипи идоракунӣ шумораи равандҳои идорашавандаро зиёд намуда, сатҳи муайянии низоми истифодаи оқилонаи захираҳоро муайян менамояд. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Якум, ҳаракати инноватсионӣ. ки тибқи он низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба ташаббускориву коркардҳои эъҷодӣ ва навоварӣ такя менамояд.

Дуюм, кушода ва бисёршабакавӣ – яъне, низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ сифати низоми кушода мебошад. Вай ҷараёни иттилоотиро аз муҳити беруна ва дохилии корхонаҳои кишоварзӣ мегирад, ба онҳо аксуламал медиҳад ва онҳоро коркард мекунад.

Сеюм, ҳамгирой, ки ҳамбастагии идоракунии захираҳои истеҳсолиро ифода менамояд, сатҳи истифодаи оқилонаи ҳар яке аз захираҳо дар алоҳидагӣ не, балки дар маҷмуи онҳо баланд бардошта мешавад.

Чорум, мутобиқой, ки зудҳаракатӣ, усулнокӣ ва тағйирпазироиро дарбар мегирад.

Принсипҳои мазкур имконияти ба даст овардани сатҳи пешинаи истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳангоми тағйир ёфтани шароити кор дар назар доранд. Масалан, тағйирёбии мақсад, шароити истеҳсолот ва ғ.

Принсипҳои болозикр имконияти НТИОЗИ-ро оиди дар сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ фаҳмидани тағйироти хурд, эътино ва ё аксуламал ба онҳоро муайян мекунанд. Вобаста аз бузургии тағйирёбии мазкур механизми идоракунии захираҳои истеҳсолӣ ин ё он таҷҳизоти худро ба ҳаракат медарорад. Агар тағйирёбӣ аз сатҳи муайяншуда он қадар зиёд набошад, он гоҳ таҷҳизоти муҳофизатии аксуламал ба кор медарояд. Дар ҳолати бисёр калон будани бузургии тағйирот таҷҳизоти батанзимдарорӣ истифода бурда мешаванд. Ҳангоми

тағйироти талафовар вақте ки сатҳи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ба ҳудудҳои муайян шуда мувофиқат намекунад, таҷҳизоти ҷубронкунанда ба кор медарояд.

**Марҳилаи чорум**. Такя ба принсипҳои номбурда коркарди лоиҳа-нақша ва ҷорӣ намудани НТИОЗИ-ро амалӣ мекунад. Дар мавриди коркарди лоиҳа-нақша таҳлилу арзёбии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ки ҳаҷми зарурии истеҳсол ва сифати маҳсулотро таъмин менамояд, вазифаи муҳим маҳсуб меёбад. Дар лоиҳа-нақша бояд низоми маҷмуавии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, ки хусусияти бисёрсатҳӣ дошта, якчанд зинаҳои фаъолияти сиклро (ташаккулёбӣ, банақшагирӣ ва истифодаи захираҳои истеҳсолӣ) дарбар мегирад, инъикос ёбад. НТИОЗИ, ки вазифааш аз ҳамҷоякунии оқилонаи захраҳои истеҳсолии корхона, батанзимдаории ҷузъу том ва кормандон барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои устувори рушд иборат мебошад, тарҳи лоиҳа-нақшаро муайян менамояд.

Айни замон ҳуҷҷатҳои зиёди методие мавҷуданд, ки алгоритми лоиҳагирӣ ва нақшагирии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро муайян мекунанд. Аммо, камбудии онҳо аз он иборат аст, ки бо проблемаҳои зерин маҳдуд мешаванд: сарфаи маводҳо ва муайян кардани манбаъҳои истифодаи захираҳо. Мо нақши проблемаҳои мазкурро дар низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ кам накарда, кӯшиш намудем, ки чунин низомеро созем, ки ҳамаи тарафҳои ИОЗИ-ро дарбар гирад ва он дар поён нишон дода шудааст.

**Марҳилаи панҷум.** Фаъолияти муътадили низомҳо бояд дар асоси меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки аз ҷониби мо дар параграфи 1.3-и диссертатсия таҳия гардидаанд, арзёбӣ карда шаванд.

Зинаи марказии низомро, ки дар асоси он ҳамаи низом сохта мешавад, мақсадҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва имкониятҳои низоми истеҳсолӣ ташкил медиҳанд. Зеро чунин маълумот сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро муайян мекунад. Ба ғайр аз ин, дар асоси

параметрҳои нишондодашуда маҷмуи масъалаҳое пайдо мегарданд, ки дар доираи ТИОЗИ ҳал карда мешаванд.

Ба ҳар як зернизоми НТИОЗИ номгӯйи муайяни вазифаҳо мувофиқат мекунанд. Вазифаҳо мақсадҳои Маркази ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ташаккул медиҳанд. Низоми ТИОЗИ аз ду зернизом иборат мебошад: функсионалӣ ва таъминкунанда. Зернизоми функсионалӣ дар навбати худ аз зернизомҳои банақшагирӣ, таҳлил, назорат ва рушд иборат мебошад. Зернизоми таъминкунанда аз зернизомҳои таъмини ташкилӣ, кадрӣ, иттилоотӣ ва методӣ ташаккул ёфтааст. Дар расми 3.4 зернизомҳои зикргардида ба таври кӯтоҳ шарҳ дода шудаанд.




**Расми 3.4. - Зернизомҳои асосии НТИОЗИ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Зернизоми таъминоти методӣ ба интихоби муносибатҳо нисбат ба ҳалли проблемаҳо, тарзҳо ва қоидаҳои таҳқиқи сатҳи ИОЗИ алоқаманд мебошад. Асоси муайян кардани алгоритмҳои ташкили ИОЗИ-ро дарбар гирифта, самтҳои амалисозии онҳоро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, зернизоми таъминоти методӣ аз маҷмуи алгоритмҳо ва методикаҳо оид ба иҷро кардани вазифаҳои асосии низом иборат мебошад (таҳлил, ташаккул, банақшагирӣ, ҷорӣ намудан ва вобаста кардан). Вай номгӯйи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, инчунин дараҷаи ташкили истеҳсолотро аз рӯи унсурҳои алоҳида ва қисматҳои

функсионалӣ дарбар мегирад. Чунин нишондиҳандаҳо оид ба ҷойҳои осебпазири ташкили истеҳсолот ва самтҳои таҳким бахшидани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳо қаблан иттилоот медиҳанд.

Вазифаи зернизоми таъминоти ташкилӣ-техникӣ ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мутахассисони Маркази ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ равона шудааст ва чорабиниҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

- муайян намудани вазифа, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти ҳайати роҳбарикунанда, мутахассисон, инчунин ҷузъу томҳои корхона барои таъмини фаъолияти НИОЗИ;
- муайян намудани мутахассисон, ки ба проблемаи таҳкими сатҳи ИОЗИ ва таҳлил машғул мешаванд;
- таъмин намудани таҳқиқот бо таҷҳизоти техникӣ, ташкили ҷойҳои кори автоматикунонидашудаи мутахассисони корхона, ки ба ҳалли проблемаҳо машғул мешаванд;
- ташкили низоми ҷараёни ҳаракати иттилоот, интихоби технологияҳои иттилоотӣ, таъминоти барномавии ҳисобкуниҳо;
- тақсим намудани таҷҳизоти техникӣ аз рӯи сатҳҳои идоракунӣ ва ғ.

Зернизоми таъминоти кадрӣ ва ҳавасмандгардонӣ омода намудани мутахассисон, бо кормандон пурра кардани сохтори ташкилии корхонаҳои кишоварзӣ ва таҳлили мутахассисони баландихтисосро, ки ба ҳалли проблемаҳои мавҷуда машғул мешаванд, амалӣ менамояд. Унсури муҳими зернизоми мазкур методи ҳавасмандгардонии корхона ва методи мукофотонидани моддӣ ва ғайримоддии кормандон ба ҳисоб меравад.

Зернизоми таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ ба фаъолияти зерин машғул мебошад:

- бо иттилооти саҳеҳ, кофӣ ва зарурӣ таъмин намудани мутахассисоне, ки ба ҳалли проблемаҳо машғул мебошанд;

- коркарди модели таъминоти иттилоотии ҳамбастаи таҳлили сатҳи ИОЗИ;

- мукаммалгардонии тартиботи бақайдгирии ибтидоӣ, ҳуҷҷатгузории бақайдгириҳо ва мураттабсозии иттилоот;

- таҳлили вазъияти баамаломадаи истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар самти истифодаи захираҳои истеҳсолӣ;

- санҷиш ва арзёбии сатҳи ИОЗИ ба воситаи нишондиҳандаҳои асосӣ, арзёбии тағйироти нишондиҳандаҳои мазкур дар муқоиса бо давраи қаблӣ;

- муайянкунии алоқамандии байниҳамдигарии тағйирёбӣ ва шароити тағйирёфта;

- муқоисакунии маълумоти дастрасгардида бо иттилоот оид ба арзёбии сатҳи ИОЗИ.

Зернизоми лоиҳакашӣ-банақшагирӣ ба тартиб додани нақшаи чорабиниҳо оид ба расидан ба мақсадҳо, муайян кардани муҳлатҳои иҷрои чорабиниҳо, иҷрокунандагони масъул дар сатҳҳое, ки амалигардонии чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ пешниҳод карда мешаванд, инчунин хароҷоти банақшагирифташуда машғул мешавад.

Зернизоми ҷорикунӣ, назорат ва мониторинг сатҳи иҷрои нақшаҳои пешбинишуда, вариантҳои тағйироти ташкилӣ дар корхона ва натиҷаҳои ноилгардидаро арзёбӣ менамояд. Аз тарафи роҳбар ва мутахассисони хоҷагӣ, роҳбари барнома назарот бурда мешавад. Ҳангоми ноил нагардидан ба талаботи банақшагирифта кормандони масъул сабабҳои нуқсон ё камбудиҳоро муайян мекунанд ва дар доираи салоҳияти худ оид ба бартараф кардани онҳо чора меандешанд, арзёбии мақсаднокии онҳоро мегузаронанд.

Зернизоми таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ унсури муҳим буда, воситаи ҳамгироии одамон ва таҷҳизоти истеҳсолотро таъмин менамояд. Ин зернизом фаъолияти дигар зернизомҳоро муайян мекунад. Бинобар он, ба ин зернизом муфассал истода мегузарем. Дар маҷмуъ, истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаро ҳамчун раванди интенсивии иттилоот

тавсиф кардан мумкин аст, ки таҳлили муфассали ҳамаи маҷмуи маълумоти истифодашавандаро талаб мекунад. Барои самарбахш ҳал кардани ҳамаи проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ коркарди фаврӣ ва таҳлили миқдори зиёди иттилооти истеҳсолӣ, маҷмуи вариантҳои ҳал ва интихоби оптималии онҳо талаб карда мешавад.

Мавриди тазаккур аст, ки намудҳои зерини иттилоот мавҷуд аст: воқеӣ, пешгӯикунанда, имконпазир, меъёрӣ, мантиқӣ ва тавсифӣ. Ба фикри мо, дар таҳқиқоти мазкур ҷудо намудани иттилооти истеҳсолӣ, яъне, чунин иттилооте, ки бо ин ё он тарз бо раванди истеҳсолот алоқаманд буда, ба онҳо иҷозат медиҳад, ки иттилооти ғайриистеҳсолиро низ идора кунанд, зарур мебошад. Вале бояд қайд кард, ки чунин ҷудокунӣ шартӣ мебошад. Масалан, иттилооти маркетингӣ бевосита ба раванди истеҳсолот таъсир намерасонад, лекин қарорҳои зиёди истеҳсолӣ дар асоси таҳқиқоти маркетингӣ қабул карда мешаванд.

Мураккабӣ ва хусусияти таъминоти иттилоотӣ дар доираи таҳқиқоти мо аз он иборат аст, ки иттилоот ҳамчун воситаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифода шуда, то як дараҷаи муайян ҳамчун як қисми низоми захираҳои истеҳсолӣ баромад мекунад ва ба таври оптималӣ истифода бурдани он зарур мебошад.

Дар ҳолатҳои ҷузъӣ меъёри самарабахшии иттилооти истифодашаванда метавонад фоидаовари он бошад. Яъне, таъсири вай ба раванди расидан ба мақсадҳо метавонад ҳамчун ҳосили ҷамъи самараҳои дисконтии истифодабарии он муайян карда шавад. Нигоҳ доштани таъминоти иттилоотӣ хароҷоти муайяни моддиро талаб мекунад ва зарурати аз нуқтаи назари миқдорӣ, сифатӣ, вақтӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ самараноккунии он ба вуҷуд меояд. Фарз кардан мумкин аст, ки сифати қарорҳои қабулшаванда аз сатҳу сифати иттилоот, имкониятҳои коркарди он, инчунин хусусияти амалии иттилоот вобаста мебошад.

Ҳаҷми иттилоот аз рӯи эҳтиёҷот, талабот ва пешниҳод муайян карда мешавад. Агар омилҳои дигар доимӣ бошанд, он гоҳ вобастагии мусбати

байни сифати қарорҳои қабулшаванда ва ҳаҷми иттилоотро муайян кардан мумкин аст. Аммо агар вақте ки пешниҳод аз болои талабот зиёд гардида, проблемаҳои бо коркарди саривақтӣ алоқамандро ба вуҷуд орад, он гоҳ ҳолатҳои манфӣ низ ба миён меоянд. Барои он ки ин гуна ҳолатҳои манфӣ рух надиҳанд, зарур аст, ки таҳлили махсуси эҳтиёҷоти иттилоотӣ гузаронида шавад.

Ҳамин тавр, дар корхона зарурати сохтани зернизоми ягонаи иттилоотӣ пайдо мешавад, ки бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ бояд талаботи зеринро қонеъ гардонад:

- мутобиқшавӣ ба соҳаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;

- мавҷудияти миқдори зиёди параметрҳое, ки имконият медиҳанд зернизомҳо бо хусусиятҳои махсуси фаъолияти истеҳсолӣ мувофиқ карда шаванд;

- модулнокӣ – истифодаи мустақили қисмҳои алоҳидаи низом ва маҳдудкунии аниқи масъалаҳои оперативӣ-идоракунӣ ҳангоми ҳамгироии пурраи онҳо дар сатҳи манбаи ягонаи иттилоотӣ (муаллиф ҷудокунии иттилооти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро бо дастрасӣ ба манбаи умумии иттилоотии ҳам ҷузъу томҳои истеҳсолӣ ва ҳам ғайриистеҳсолӣ дар назар дорад);

- риоя кардани якшаклии иттилооти истифодашаванда барои ҳамаи масъалаҳои ҳалшаванда;

- дастгирии манбаъҳои иттилоотии тақсимшуда барои таъмини мутақобилаи иттилотии ҳамаи хоҷагиҳо ва хоҷагиҳои дар минтақаҳои дурдаст ҷойгирбуда;

- таъмини ҳифзи боэътимоди иттилооти тиҷоратии хоҷагиҳо.

Қайд кардан зарур аст, ки асоси таъмини методӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва кадриро низоми стандартҳо ташкил медиҳад. Стандартҳо меъёрҳо, қоидаҳо, усулҳо, инчунин марҳилаҳо ва мундариҷаи равандҳои пешқадамро, ки унсурҳои низом мебошанд, ба тартиб медароранд. Бо роҳи ба таври возеҳ маҳдуд кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон, муайян

намудани шаклҳои ҳавасмандгардониҳои моддию маънавӣ ба кори иҷрокунандагон, ки дар амалисозии ин равандҳо иштирок мекунанд, равшанӣ меандозанд.

Стандартизатсия имконият медиҳад, ки дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ қарорҳои оптималии минималӣ устувор гарданд, якшаклӣ ба даст ояд, дастовардҳои илму техника бисёркарата истифода бурда шаванд, барои нигоҳ доштани сатҳи истифодаи захираҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шаванд.

Ҳар як зернизом доираи муайяни масъалаҳоро ҳал мекунад, ки номгӯяшон аз мақсадҳои дар назди НИОЗИ гузошташуда вобаста мебошад. Мақсадҳои НТИОЗИ аз рӯи мақсадҳои низоми истеҳсолӣ ва дар маҷмуъ, корхонаҳои кишоварзӣ ташаккул меёбанд. Ҳамаи ташкилкунандагони низоми мураккаби умумии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона бояд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ нигаронида шаванд ва бо тарзи мувофиқ байни ҳамдигар алоқаи бевосита ва мутақобила дошта бошанд.

Вобаста ба масъалаҳои ҳалшаванда вазифаҳои Маркази ТИОЗИ ташаккул меёбанд. Ба фаъолияти низом омилҳои ҳам муҳити дохила ва ҳам муҳити беруна таъсири муайян мерасонанд.

Унсурҳои низом дорои хосиятҳои сохторташкилкунӣ мебошанд. Бо ёрии онҳо хусусиятҳои функсионалии гурӯҳи ҷузъҳои якҷинса барои дар дохили низом ташкил намудани зернизомҳои хоси махсусгардонидашуда ҳамчун асос хизмат менамоянд. Ин зернизомҳо натиҷаҳо, мақсадҳои маҳдуд ва ҷузъӣ, инчунин ҳиссаҳои иштирокро барои ноил гардидан ба натиҷаҳои ҷамъбастӣ ба шакли умумӣ медароранд.

Сохтори мазкур тибқи мақсадҳои муайяншуда ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаҳо, ҳамоҳангсозии ҳамаи ҷузъу томҳои истеҳсолӣ ва идоракуниро ҳангоми гузаштани занҷираи «таҳлил-ташаккул-амалишавӣ»-и баландбардории самаранокӣ таъмин менамояд.

Ҳангоми сохтани НТИОЗИ муҳимияти сохторҳои ташкилиро қайд кардан зарур мебошад. Ду принсипи асосии ташкили сохтории низомҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки то дараҷаи аҳамиятнок тарзҳои ҳалли масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро муайян мекунанд:

а). Низомҳо бо идоракунии марказонидашуда (низомҳои ғайрифаъол).

б). Низомҳо бо идоракунии ғайримарказонидашуда (низомҳои фаъол).

Ҳамаи унсурҳои низомҳои ғайрифаъол ба яке аз мақомоти марказӣ тобеъ мебошанд. Дар чунин сохтор иттилоот оид ба вазъи ҳар як объект барои коркард ба мақомоти марказӣ интиқол мегардад. Дар натиҷа, таъсиррасонии идоракунӣ ба миён меояд.

Дар низомҳои ғайримарказонидашуда унсурҳои он то дараҷаи аҳамиятнок нишондиҳандаҳои худро худашон муайян мекунанд. Мақомоти марказӣ бошад, чунин нишондиҳандаҳоро бо назардошти манфиатҳои зернизом ислоҳ мекунад. Мақомоти марказӣ нақши танзимгарро мебозад, ки ба зернизомҳо якчанд таъсиррасониҳои идоракуниро медиҳад (масалан, нақшаи пайгиронаи тақсим намудани сохторҳои захираҳо). Зернизомҳо дар асоси мақсадҳои худ, дар ҳолати дода шудани таъсиррасонии идоракунӣ аксуламали (эҳтиёҷоти захираҳо ҳангоми талаботи додашуда, арзёбии тақсимкунии нақшавӣ) худро ба вуҷуд меоранд ва дар бораи он ба мақомоти марказӣ хабар медиҳанд. Тартиби тақсимкунии захираҳо мувофиқи ягон хел қоида ва ё механизме, ки дар мақомоти марказӣ мавҷуд аст, амалӣ карда мешавад.

Аз нуқтаи назари муносибати низомӣ раванди истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ қисми низоми умумии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ буда, дорои нишонаҳои (аломатҳои) низом мебошад ва ташкили мақсаднокро талаб мекунад.

Дар низоми идоракунии автоматикунонидашуда (НИА) мавҷудияти зернизоми назорат ва батанзимдарории мутобиқшавӣ зарур мебошад. Ҳамин тавр, Марказ оид ба ТИОЗИ ба фаъолияти таҳлилию машваратӣ машғул мешавад, ки бо гирифтани маълумот оид ба вазъияти

баамаломадаи истеҳсолот ва коркарди тавсияномаҳо доир ба ҳалли проблемаҳои ошкоргардида алоқаманд мебошад. Вай бевосита фақат маҷмуи иттилоотро идора мекунад. Ин бо он вобаста мебошад, ки ҳар як мутахассиси дохили низом, ки ба проблемаи таҳкими сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғул мебошад, тағйироти пайдошударо нисбат ба роҳбарияти хоҷагиҳо хубтар мефаҳмад. Танҳо мутахассисон, ки оид ба низоми истеҳсолот маълумоти таҳлилиро ҷамъ овардаанд, дар маҷмуъ вазъияти истеҳсолиро медонанд. Ба ғайр аз ин, онҳо аз муҳити беруна низ маълумот дастрас мекунанд. Дар натиҷа, аз тарафи онҳо проблемаҳои пайдошуда бо машварат самаранок ҳал мешаванд.

Марказ оид ба ТИОЗИ бояд имкониятҳои зеринро дошта бошад:

- ба даст овардани маълумот аз ҳамаи хоҷагиҳои минтақа, ки ба соҳаи идоракунии захираҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд;

- ҷамъоварии маълумоти иловагӣ, ки барои таҳлил, хулосабарорӣ ва тавсияномаҳои босифат зарур мебошанд. Зеро чунин маълумот метавонанд дар ҳуҷҷатҳои расмии хоҷагиҳо вуҷуд надошта бошанд;

- ҷорӣ намудани тартиби нави ҷамъоварии маълумот.

Вазифаҳои асосии Марказ оид ба ТИОЗИ аз инҳо иборат мебошад:

- муайян кардани стратегия ва нақшаҳо оид ба таҳкими сатҳи ИОЗИ;

- коркард ва пешниҳоди чорабиниҳои мушаххас оид ба таҳкими сатҳи ИОЗИ;

- иштирок дар чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани коркардҳо;

- арзёбии коркардҳои пешниҳод кардашуда аз нуқтаи назари мувофиқоии онҳо ба мақсадҳои корхона ва имкониятҳои истеҳсолӣ;

- такмилдиҳии низоми ҳавасмандгардонии ИОЗИ.

Воқеан, самарабахшии низоми пешниҳодшуда, пеш аз ҳама, бо беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Зеро мақсади асосии низоми идоракунӣ таъмини ҳалли муваффақи масъалаи дар назди низоми идоракунӣ гузошташуда мебошад.

## 3.3. Татбиқи методи барномавӣ дар ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти фаъолияти корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон нишон доданд, ки банақшагирии чорабиниҳое, ки ба таҳкими сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ равона карда шудаанд, фавқулодда мебошанд. Дар ин нақшаҳо ҳар сол иҷро кардани чорабиниҳо пешбинӣ мегарданд ва муҳимияти онҳо дар амалӣ намудани нақшаи умумии идоракунии захираҳо ба ҳисоб гирифта намешавад.

Барои бо муваффақият ҳал кардани ин масъала ба таври воқеӣ муайян кардани самтҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин ҳам бо ғайриимкон будани дар як вақт ҳал кардани ҳамаи проблемаҳои бо истифодаи захираҳо алоқаманд, ҳам бо зарурати ҷалб кардани қувва ва воситаҳо барои ҳалли проблемаҳои муҳими ин масъала вобаста мебошад.

Ба ақидаи муҳаққиқони зиёди ватанӣ розӣ нашудан мумкин нест, ки бо мақсади таҳкими сатҳи истеҳсолот, самарабахшии банақшагирӣ, ҷорӣ намудани пайдарпайии усулҳои барномаи мақсаднок, ки муайянкунии ҳадафҳо, муназзамӣ, маҷмуавӣ ва вариантнокиро дар ҳисобкуниҳои нақшавӣ, афзалиятнокиро дар ҷудокунии захираҳо ва ҷалбкунии онҳоро дар ҳалли проблемаҳои актуалии рушди корхона тақвият медиҳанд, зарур донистаанд[90].

Муносибати барномаи мақсаднок (баъзе олимон мафҳуми «усули барномаи мақсаднок»-ро истифода мебаранд) яке аз самтҳои рушди методҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Ба мазмуни васеаш, таърифи дурусти мафҳуми «муносибати барномаи мақсаднок» аз тарафи олимони Россия Райзберг Б. А. ва Лобко А.Г. дода шудааст. Ба ақидаи онҳо «муносибати барномаи мақсаднок» тарзи ҳалли проблемаҳои калон ва мураккабро бо роҳи коркард ва амалӣ намудани низоми чораҳои

[90] Мирсаидов, А.Б. Мазмуни иқтисодии устувории истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ [Матн] / А.Б. Мирсаидов, А.М. Наҷмиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - № 1. - С. 80-87.

барномавӣ, ки ба ҳадафҳо нигаронида шуда, ноил гардидан ба он ҳалли проблемаи бавуҷудомадаро таъмин менамояд, ифода мекунад»[91].

Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба он проблемаҳое тааллуқ доранд, ки дар раванди фаъолияти табии низомҳо бартараф карда намешаванд ва агар ин проблемаҳо ҳал карда нашаванд, тамоюли шиддатёбиро мегирад (ба вуҷуд омадани номутаносибӣ дар истеҳсолот, вайрон шудани технологияҳо, аз даст додани кормандони баландихтисос ва ғайра). Муносибати барномаи мақсаднок имконият медиҳад, ки дар муҳлати муайян чораҳои махсуси барномавӣ амалӣ гардида, имкониятҳои захиравӣ ба манфиати ҳалли проблемаҳо сафарбар карда шаванд.

Тавассути нигаронидашавии мақсаднок муносибати мазкур иҷозат медиҳад, ки соҳаҳои васеи имконпазири таҳлили ҳамдигарпуркунӣ, ҳамдигаривазкунии захираҳои истеҳсолӣ ва вариатсияи онҳо муайян карда шаванд. Ин шарти муҳими ҷустуҷӯйи роҳҳои самарабахш ва оптималии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад.

Амалӣ намудани муносибати барномаи мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ иҷозат медиҳад, ки бартариҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- баланд бардоштани дараҷаи асосноккунии масъала, марҳиланокии ҳалли онҳо, алоқаи мутақобилаи нақшаҳои баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва дар натиҷа, зиёд гардидани пуррагии нақшаҳо, барномаҳои истеҳсолӣ ва коҳишёбии зарар;

- сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки имконият медиҳад муҳлати вақти ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас коҳиш дода шавад;

- муайянкунии пурраи фоида ва хароҷот, ки бо ҳалли проблемаҳои гузошташуда вобастагӣ доранд;

[91] Райзберг Б.А. Программно-целевое планирование и управление [Текст] / Б.А. Райзберг, А.Г. Лобко. – М.: ИНФРА - М., 2002. - 428 с.

- муайян кардани роҳҳои самарабахшиаш зиёдтари ҳалли проблемаҳо дар заминаи таҳлили вариантии сохторҳои барномаҳои истеҳсолот ва тарзҳои амаликунии онҳо.

Мақсаднок будани истифодаи муносибати мазкурро дар мисоли зерин нишон медиҳем. Дар марҳилаи фаъолияти сикли рушди корхонаҳои кишоварзӣ мақсадҳои онҳо ва дар ҳолатҳои ҷузъӣ мақсадҳои истеҳсолот оқилонаи тағйирёбии манфиатҳои коллектив ё соҳиби хоҷагӣ, тавсеаи корхона, ҷамъшавии ихтилофоти дохилӣ, тағйирёбии самтҳои фаъолият, рушд ва ғайра. Ҳангоми иваз шудани ҳадафҳо якбора сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ поён меравад.

Сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ бо тарзҳои гуногун тағйир меёбад. Ҳамааш аз мақсадҳое, ки дар назди корхонаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолот гузошта шудаанд, вобаста мебошад. Масалан, дар натиҷаи тағйирёбии ҳадафҳои истеҳсолот азнавташкилкунии корхона ва истеҳсолот ба вуқӯъ меояд, ки бо зарурати баргашти сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба сатҳи қаблӣ вобаста аст. Чӣ қадаре ки дараҷаи фарқияти ҳадафҳои қаблӣ аз ҳадафҳои нав зиёдтар бошад, ҳамон қадар азнавташкилкунӣ низ муқтадир ва шиддатноктар мегардад. Вобаста ба ин, дар назди роҳбарияти хоҷагӣ масъалаи коркарди чунин стратегияи рушд меистад, ки дар маҷмуъ тағйирёбии ҳадафҳои корхона ва дар ҳолатҳои ҷузъӣ истеҳсолот, сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро аз бузургии муайяншуда паст накунанд.

Ҳамин тавр, дар амалӣ намудани муносибати маҷмуавии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ барои расидан ба ҳадафҳои истеҳсолот, таъмини дақиқи мувофиқаткунонӣ ва таъсири байниҳамдигарии масъалаҳои стратегии ҷорӣ, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат муҳим мебошад. Дар ин ҳолат интихоби стратегияҳое, ки дар асоси баҳисобгирӣ ва таҳлили рушди ояндаи дарозмуҳлати илму техника, тағйироти сохторҳои истеҳсолот ва тамоюли бозори ҷаҳонӣ ташаккул меёбанд, аҳамияти махсус мегирад.

Муносибат бо истифодаи чунин принсипҳои банақшагирӣ, ба монанди ҳалқаи пешбаранда, банақшагирии мақсаднок ва маҷмуавӣ, истифодаи маҷмуавӣ ва таъсири байниҳамдигарии методҳои тавозунӣ, меъёрӣ, иқтисодию математикӣ ва ғайра асоснок карда шудааст.

Тавре таҷрибаҳои бисёрсолаи ватанию хориҷӣ тасдиқ кардаанд, шакли хеле муваффақи амалигардонии муносибати барномаи мақсаднок дар идоракунии объектҳо ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии табиат, инчунин воситаи ҳаматарафаи идоракунии барномаи ҳадафноки иқтисодиёт ин барномаҳои мақсаднок мебошанд (пештар мафҳуми «барномаи мақсадноки маҷмуавӣ» истифода бурда мешуд). Дар ҳолати мо чунин барнома маҷмуи чорабиниҳои хусусияташон гуногуни бо захираҳо таъминбуда, тибқи нақша ва мазмунашон мувофиқ, дар ҳудуд ва вақт мутобиқро дарбар мегирад.  Барномаҳо ба ҳалли проблемаҳои зарурӣ, ки бе ҷалбкунии саъю кӯшиш ва воситаҳои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда таъмин карданашон мумкин нест, равона карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки сохтори умумиқабулкардашудаи барномаи мақсаднок вуҷуд надорад. Ин аз он вобаста аст, ки онҳо дорои хусусиятҳои барпокуниҳои сохторӣ мебошанд, ки бо ҳайат ва мундариҷаи қисмҳо ва унсурҳои ташкилдиҳандаи барнома тавсиф карда мешаванд. Сохтори дохилии барнома аз дараҷаи барнома, намуди вай, хусусият ва таҳиягари он вобаста мебошад. Аммо қонуниятҳои зиёди ташкили сохторӣ қариб барои ҳамаи барномаҳо хос мебошанд. Тарҳи умумии барномаҳои мақсаднок чунин мебошад: МАҚСАДҲО – РОҲҲО – ВОСИТАҲО.

Барномаи мақсадноки ИОЗИ сохторҳои мундариҷавӣ ва ҳуҷҷатиро дарбар мегирад. Сохтори мундариҷавӣ ҳадафҳо, вазифаҳо, моҳият, алоқамандии байниҳамдигарии дохила ва беруна, ташкили коркард ва амалигардонии ИОЗИ-ро ифода мекунад. Сохтори ҳуҷҷатӣ таркиб ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳо, ки барномаро ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботии воҳид дар намуди расм ташкил медиҳанд, муайян мекунад. Сохторҳои мундариҷавӣ ва ҳуҷҷатӣ аз як қатор блокҳо иборатанд, ки дар расми 3.5 нишон дода шудаанд.




**Расми 3.5. - Сохторҳои мундариҷавӣ ва ҳуҷҷатии барномаи мақсадноки ИОЗИ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Блоки мақсаднок тасвир ва тавсифи ҳадафҳои асосии барномаро дарбар мегирад. Ҳадафҳо бо нишондиҳандаҳои мақсадноки барномаҳо тавсиф карда мешаванд. Низоми мақсадҳои густурда (дарахти мақсадҳо) имконият медиҳад, ки доираи вазифаҳои мақсаднок амалишавада (вазифа, амал, чорабинӣ) муайян карда шаванд, ки дар оянда мундариҷаи блоки функсионалиро муайян мекунанд. Ба ғайр аз ин, мақсадҳои гузошташуда имконият медиҳанд, ки меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои талабшаванда, ки ҳам сатҳи ИОЗИ, ҳам самарабахшӣ ва мақсаднокии амалигардонии чорабиниҳои таҳияшавандаро арзёбӣ мекунанд, коркард шаванд.

Амалҳо ва чорабиниҳои алоҳидаи мушаххасро аз нуқтаи назари мақсаднокӣ ва самаранокии онҳо барои корхонаҳои кишоварзӣ ё дар маҷмӯъ барои истеҳсолот арзёбӣ кардан душвор мебошад. Маҷмуи мақсадҳо иҷрокунандагон ва роҳбарияти барномаро бо кормандони дигар ҷузъу томҳо, бо роҳи самтгирии амалҳои онҳо ба натиҷаҳои ниҳоӣ якҷоя мекунад.

Мақсади ниҳоии барномаи таҳкими сатҳи ИОЗИ аз фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва ташкилӣ, инчунин барпо кардани замина барои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ иборат мебошад. Ба ибораи дигар, мақсадҳои ниҳоӣ пешниҳод менамоянд, ки дар муҳлатҳои дар барнома пешбинигардида ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии захираҳои истеҳсолӣ тағйирот то он дараҷае ворид карда шаванд, ки рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзиро дар бозор таъмин намоянд.

Дар барномаи мушаххас аниқтар ва муфассалтар муайян кардани ҳадафҳо мувофиқи мақсад мебошад. Зеро он имконият медиҳад, ки ҳангоми арзёбии натиҷаҳои барномаҳо нофаҳмиҳо аз байн бурда шаванд. Дар ҳар як ҳолат ҷиҳати таҳкими сатҳи ИОЗИ мақсадҳоро бо тарзҳои гуногун тартиб додан мумкин аст. Барои мисол:

- кам кардани (то бузургии мушаххас) истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва технологӣ барои истеҳсоли миқдори муайяни маҳсулот;

- зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот (то бузургие, ки бо таркиби миқдорию сифатии захираҳои истеҳсолӣ дода шудаанд);

- аз ҷиҳати миқдорӣ, сифатӣ, вақтӣ ва ташкилӣ муайян кардан ва коркарди манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ.

Масъалаҳои мақсаднок ё натиҷаҳои фосилавӣ ҳадафҳои муфассалтар кардашудаи зерин мебошанд: сарфаи захираҳои моддию меҳнатӣ то бузургии A; кам кардани хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот то бузургии B; баланд бардоштани сифати маҳсулот то сатҳи C; такмилдиҳии шароити меҳнат ва ғайра. Таъминкунандагони зермақсадҳо метавонанд ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, истеҳсолот, шаклҳои ташкили истеҳсолот, усулҳои нави ҳавасмандкунии кормандон, иваз намудани захираҳои кӯҳнашуда ба захираҳои нав ва ғайра бошанд.

Ба блоки мақсаднок блоки ҳуҷҷатҳо мувофиқат мекунанд, ки инҳоро дарбар мегиранд:

- тасвири проблемаҳое, ки бо зарурати ҳалли проблемаҳо бо усулҳои барномавӣ асоснок карда шудаанд;

- самтҳои тавсияшавандаи ҳалли проблемаҳо;

- мӯҳлати омода кардани лоиҳаи барнома;

- номҳои таҳиягарон ва иҷрокунандагони барнома.

Ба ин ҷо бояд шаҳодатномаи барномаи мақсаднок низ ҳамроҳ карда шавад, ки аз ҳуҷҷатҳои дар бораи барнома маълумоти умумидошта ва ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи барномаҳои дигар иборат мебошад.

Блоки функсионалӣ (роҳҳои ноил гардидан ба мақсад) аз маҷмуи чорабиниҳои функсионалии аз рӯи мундариҷа мувофиқкардашуда ва бо вақти амалишавӣ алоқаманд иборат мебошад, ки ба расидан ба мақсадҳои барнома равона карда шудааст. Дараҷаи муфассалии барнома аз сатҳи талабшудаи коркарди барнома вобаста мебошад. Ба блоки функсионалӣ блоки ҳуҷҷатӣ, ки тартиби барномаҳои мақсаднокро дарбар мегирад, нишондиҳандаҳои мақсадноки охирин, самарабахшии чорабиниҳо, марҳилаҳои амалишавии барномаҳо, инчунин зербарномаҳои функсионалӣ, ки маҷмуи онҳо блоки сохториро инъикос мекунанд, мувофиқ меоянд.

Блоки сохторӣ аз зербарномаҳои таҳқиқот, коркард, омодагӣ ба иҷрои чорабиниҳо ва амалигардонии чорабиниҳо иборат мебошад. Ҳар як зербарнома бо арзёбии самарабахшии идомаи таҳияи барномаҳои мақсаднок ба охир мерасад. Вобаста ба натиҷаҳои арзёбӣ оид ба давом додан, ба охир расонидан ё қатъ намудани таҳияи барнома қарор қабул карда мешавад. Агар таҳияи барномаҳо ба таври манфӣ арзёбӣ карда шавад, он гоҳ сабабҳои ғайримақсаднок будани идомаи он муайян карда шуда, имкониятҳои бартараф намудани сабабҳо арзёбӣ мегарданд.

Аз ҳама зербарномаҳо душвортараш таҳияи зербарномаи таҳқиқ, коркард ва омодагӣ ба иҷрои чорабиниҳо мебошад, ки нисбати онҳо муфассалтар истода мегузарем. Зербарномаҳои таҳқиқ ва таҳлил пешниҳод менамоянд, ки корҳои зерин гузаронида шаванд:

**Якум,**

- ҳамаи масъалаҳое, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ тааллуқ доранд, таҳқиқ карда шаванд;

- тарзҳо ва самтҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ба мақсадҳои истеҳсолот ва дар маҷмуъ корхона мувофиқ карда шаванд;

- муайян намудани самарабахшии истифодаи ҳамаи намудҳои захираҳо, мақсаднокии истифодабарии намудҳои мушаххаси онҳо ва захираҳои истеҳсолии истифоданашаванда;

- таҳлили хусусиятҳои сифатии захираҳо;

- таҳлили сохтори ташкилӣ ва муваққатии захираҳо;

- номгӯйи ҷузъу томҳо, объектҳои истеҳсолӣ, ки ба сатҳи банақшагирифташудаи самарабахшии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ мувофиқат намекунанд, муайян карда мешаванд.

**Дуюм,** аз ҷузъу томҳои гуногуни корхона оид ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ маълумот ҷамъ карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки дар давраи минбаъда миқдори мақсадҳои асосии зербарномаҳо арзёбӣ карда шаванд: зербарномаҳое, ки ба интихоби оптималии ҳамҷоякунии захираҳои истеҳсолӣ нигаронида шудаанд; ҳалли масъала оид ба бартараф кардани захираҳои истифоданашаванда ё ин ки ҷалбкунии онҳо ба раванди истеҳсолот; коҳиш додани сикли истеҳсолӣ. Дар натиҷа, қисмҳои таҳлилӣ ва ҷамъбастии барномаҳои мақсаднок тартиб дода мешаванд.

**Сеюм,**

- сатҳи рушди истеҳсолот таҳлил карда мешавад;

- самтҳои асосии илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии рушди истеҳсолот, дар маҷмуъ, рушди корхона муайян карда мешаванд;

- номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандаи корхона тартиб дода мешавад;

- барои истеҳсоли маҳсулот захираҳои зарурӣ муайян карда мешаванд;

- захираҳои дар корхона мавҷудбуда, аз ҷумла, захираҳои истеҳсолӣ арзёбӣ мегарданд;

- миқдори зарурии истеҳсоли маҳсулот муайян карда мешавад;

- «ҷойҳои маҳдуд»-и истеҳсолот ошкор карда мешаванд.

Муҳимияти муҳлати кори зербарномаҳои таҳқиқ ва таҳлил бо он муайян карда мешавад, ки аз мукаммалии таҳқиқи низоми истеҳсолӣ ва бақайдгирии маҷмуи омилҳо дурустии арзёбии сатҳи ИОЗИ вобаста мебошад. Ба ҳисоб нагирифтани ягон хел омил метавонад ба қабули хулосаҳои ғалат оид ба сатҳи ИОЗИ оварда расонад, ки дар натиҷа, маҷмуи чорабиниҳои нодаркор муайян карда мешаванд.

Муҳимияти проблемаи сохтори муваққатии захираҳои истеҳсолӣ ҳангоми арзёбӣ намудан ва таҳкими сатҳи ИОЗИ ба муаллиф имконият дод, ки ба мундаричаи зербарномаҳои таҳқиқ ва таҳлил ҷанбаҳои ояндадор, ки бо ояндабинии ҳолати минбаъдаи сохтори захираҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошад, ҳамроҳ карда шаванд.

Дар асоси таҳқиқ ва таҳлили гузаронида шуда оид ба тағйирдиҳии низоми истифодаи захираҳои истеҳсолӣ қарор қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр, марҳилаи коркардҳо инҳоро дар бар мегирад:

- дар сохтори ҳар як зербарномаҳои асосӣ масъалаҳои алоҳида ё ин ки сатҳи пасттари зермақсадҳо ҷудо карда мешаванд. Ба чунин масъалаҳо муайянкунӣ ва истифодаи манбаъҳо, сарфаи захираҳои истеҳсолӣ, таҳкими маҳсулнокии меҳнат ва воситаҳои асосии истифодабурдашаванда, таҷҳизот, баланд бардоштани дараҷаи касбии ҳайати кормандон, азнавтайёркунии онҳо; баланд бардоштани сифати маҳсулот, раванди истеҳсолот ва ғайраҳоро марбут донистан мумкин аст;

- самтҳои гуногуни нишондиҳандаҳои миқдории мақсадҳои фосилавии зербарномаҳо муайян карда мешаванд;

- чорабиниҳои ташкилӣ, ки амалигардонии самарабахши нақшаҳои пешбинигардидаро таъмин менамоянд, таҳия карда мешаванд;

- вариантҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати нақшаҳои баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, арзёбии вариантҳои алтернативӣ ва интихоби оптималии онҳо тайёр карда мешаванд;

- ҳайат ва тартиби ҳамаи маҷмуи чорабиниҳо, ки ба даст овардани мақсадҳои ниҳоиро таъмин менамоянд, асоснок карда мешаванд;

Зербарномаи омодагӣ ба амалигардонии чорабиниҳо аз корҳои зерин иборат мебошад:

- тақсим намудани ӯҳдадориҳо дар байни иҷрокунандагони алоҳида бо огоҳкунии эҳтимолияти мавҷуд будани «ҷойҳои маҳдуд»;

- муайян кардани миқдори захираҳое, ки барои амалӣ намудани нақша зарур мебошанд;

- омода кардани сохтори ташкилии иҷрои барнома;

- коркарди тартиботи маъмурӣ, ки татбиқи амалии барномаҳоро таъмин менамояд;

- пайгирии мунтазами ҳаракати воқеии иҷрои барномаҳо ва арзёбии фаъолияти иҷрокунандагон;

Марҳилаи ҷамъбастии дилхоҳ зербарнома ороиши намуди лоиҳа мебошад, ки бояд проблемаҳои ҳалкардашаванда, мақсадҳо, вазифаҳо, чорабиниҳо, натиҷаҳои асосии раванди таҳкими сатҳи ИОЗИ ва тасвири иттилооти маҷмуавии ҳамаи равандҳоро дар бар гирад;

*Блоки захиравӣ* параметрҳои миқдорӣ ва сифатии таъминоти захиравии барномаро тавсиф мекунад. Яъне, миқдор ва намуди захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, ки барои амалисозии барномаҳо ва сарчашмаҳои ба даст овардани онҳо зарур мебошанд, тавсиф карда мешаванд. Бо мақсади муайян намудани миқдори умумии захираҳо, дар блоки мазкур аз ҷониби муаллиф захираҳо дар ифодаи пулӣ, инчунин захираҳои муваққатӣ пешниҳод карда шудаанд.

Миқдори захираҳои зарурӣ аз амиқии коркарди барномаҳои мақсаднок (мутаносибан аз миқдор ва сатҳи чорабиниҳо) вобаста мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки захираҳо аз тарафи иҷрокунандагон не, балки мувофиқи чорабиниҳои мушаххас ҷудо карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки миқдори захираҳои зарурӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ гардида, натиҷаи иҷрокунандагон назорат карда шаванд. Ба ғайр аз ин, алоқамандии таъминоти захиравӣ бо чорабиниҳои барнома, шартҳои асосии муайян кардани дараҷаи пуррагии баҳисобгирии захираҳоро, ки барои иҷрои барномаҳо зарур мебошанд, пешниҳод менамояд.

Блоки мазкур имконият медиҳад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб дода шавад: ҳангоми дода шудани мақсадҳо чанд миқдор аз ҳар як намуди захираҳо ва дар кадом лаҳзаи вақт талаб карда мешавад; кӣ ва чӣ

истеҳсолкунандаи (истифодабарандаи) ин захираҳо мегарданд; кадом тарзи сохтан ва дастрас кардани захираҳо оптималӣ мебошад. Агар таҳлил нишон диҳад, ки қонеъ кардани эҳтиёҷот ба захираҳо ғайриимкон мебошад, он гоҳ зарур аст, ки мақсадҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аз нав дида баромада шаванд.

Аз байни намудҳои гуногуни таъминоти захиравӣ зарур аст, ки таъминоти илмӣ ҷудо карда шавад, ки иқтидори илмӣ-иттилоотиро дар намуди таҳқиқҳо ва коркардҳои барои амалигардонии барномаҳои баланд бардоштани сатҳи ИОЗИ зарур буда пешниҳод мекунад. Мавҷудияти таъминоти илмӣ сифати коркард ва амалишавии барномаҳои мақсаднокро талаб менамояд.

Ба блоки захиравӣ блоки ҳуҷҷатӣ мувофиқат мекунад, ки номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки муҳлатҳои иҷрошавии барномаҳоро инъикос менамоянд, маҳдудиятҳои асосӣ ва шартҳои маҳдудкунандаи иҷрои барномаҳо, номгӯйи захираҳои зарурӣ, инчунин сарчашмаҳои онҳоро дар бар мегирад.

Инчунин *блоки иҷроияи (унвонии)* барномаи мақсаднокро, ки ҷиҳати алоқаманд намудани чорабиниҳои барнома бо иҷрокунандагони онҳо ташкил карда мешавад, ҷудо кардан зарур мебошад. Ҳангоми ороиш додани сохтори иҷроияи барномаи мақсаднок чорабиниҳои функсионалӣ нисбат ба унвониҳо, ки сохтори иҷроияро ташкил медиҳанд, муфассал ва мушаххас карда мешаванд. Ҳамин тавр, манбаи ҳуҷҷатҳо зербарномаҳои иҷроияе мешаванд, ки аз ҷониби иштироккунандагони барномаҳои максаднок ичро мегарданд.

Қайд менамоем, ки ба ҳайати коркарди иҷроия ва амалисозии барнома ҳамроҳ кардани ҳам ҳайати идоракунӣ, ҳам мутахассисони пешбари истеҳсолот, намояндагони шуъбаҳо ва ҳам намудҳои зироатҳои кишоварзӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамроҳкунии ҳайати идоракунӣ бо мураккабии проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад. Барои қабул кардани қарор дар ин соҳа аз рӯи имконият

доштани маълумотҳои зиёди пурраю умумӣ, ки метавонад фақат менеҷмент ва роҳбари корхона дошта бошад, зарур мебошад.

Ҳолати муҳими дар доираи блоки мазкур ҳалшаванда принсипи ҷалбкунии иҷрокунандагон ба амалигардонии барномаҳо мебошад. Ҷалбкунӣ метавонад дар асоси дастурҳо, дар асоси ҳавасмандии иштирокчиён дар ҳалли проблемаҳои барномавӣ ва дар асоси иқтисодӣ (ҳавасмандгардонии пулӣ) ба роҳ монда шавад. Вобаста ба ин, коркарди низоми ҳавасмандгардонӣ зарур мебошад, зеро ҷалбкунӣ ба коркард ва амалигардонии барномаҳои мақсаднок (ҳамчун сарбории иловагӣ қабул кардамешуда) ҳам дар иҷрокунандагон ва ҳам дар мақомоти иҷроия аксуламали ғасбкуниро ба миён меорад.

*Блоки ҳамоҳангсоз.* Дар тамоми давраи коркард ва амалигардонии барномаҳо ташкил кардани ниҳод ва ё мақомоти махсуси идоракунӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки вазифааш аз банақшагирии фаврӣ ва ташкили корҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи иҷрокунандагон, ба қайдгирӣ ва назорати иҷрои чорабиниҳои барномавӣ иборат мебошад. Ба сифати заминаи чунин ситод метавонанд хадамоти ташкили ИОЗИ ё ҷузъу томе, ки барнома барои онҳо сохта мешавад, баромад кунанд. Дар ин ҳолат ба инобат гирифтан зарур аст, ки принсипҳо, қонуниятҳо ва тамоюлҳои воқеии бо таҷрибаҳои бисёрсола санҷидашудаи рушди шаклҳои ташкилӣ мавҷуданд, ки бояд ҳангоми коркарди қарори дилхоҳ қабул карда шаванд.

Вазифаи муҳими маркази ҳамоҳангсозӣ аз он иборат аст, ки омилҳои илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар намуди омилҳоро дар як воҳиди бутун якҷоя мекунад. Аз иҷрокунандагон ҳамаи иттилооти зарурӣ ворид мегарданд, ки баъдан ҷудо, коркард, гурӯҳбандӣ карда мешаванд ва ғ.

Мақомоти идоракунии барномаро барои иҷрои вазифаҳои зерин вобаста кардан мувофиқи мақсад мебошад:

- назорати коркарди барнома;

- ташкили раванди расидан ба мақсадҳои барномаҳо, назорати ба охиррасонии барномаҳо ва пешниҳоди натиҷаҳои ба даст омада;

- муайян кардани миқдори зарурии захираҳо барои иҷрои барнома, назорати тақсимот ва истифодаи самарабахши захираҳо;

- муайян кардани сохтори самарабахшиаш зиёдтари коллективҳои иҷрокунандагони барнома, тақсимоти аниқи вазифаҳо;

- ҳавасмандгардонии иҷрокунандагон, ба даст овардани мувофиқоии пурраи манфиатҳои иҷрокунандагон бо мақсадҳои корҳои аз тарафи онҳо иҷро карда мешуда;

- маслиҳатдиҳӣ ба иҷрокунандагон.

*Блоки ташкилӣ* аз низомнома дар бораи мақомот, ки идоракунии коркард ва амалигардонии барнома, дастурамалҳо, ки ҳамкории байниҳамдигарии иҷрокунандагони ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғул бударо ба танзим медароранд ва ҳамоҳанг месозанд, инчунин вазифаҳо, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳои онҳо, хусусиятҳои механизми хоҷагидории амалисозии барномаҳо; номгӯй, хусусият ва талабот ба ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва ороишдиҳии ӯ иборат мебошад. Ба мазмуни васеаш, блоки ташкилӣ шаклҳо, усулҳо ва тартиби идоракунӣ, ташкили иҷрошавии барномаҳо ва назорат аз болои амалишавии онҳоро муайян мекунад.

Самарабахшии истифодаи усулҳои барномаи мақсаднок ҳангоми ҳалли проблемаҳои муҳими рушди истеҳсолот, аз ҳисоби тақвият бахшидани нақши алоқаҳои уфуқӣ, ба амал ҷорӣ намудани механизми самтгирии мақсадҳо ва натиҷаҳо ба талаботи ниҳоӣ, бо роҳи марказонидани вазифаҳои идоракунии ҳамаи унсурҳои асосии барномаҳо ноил мегардад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки таъмини фаъолияти мувофиқкардашудаи иҷрокунандагон дар ҳамаи марҳилаҳои коркард ва амалисозии барномаҳо бе тасвири махсуси иттилооти маҷмуавии ҳамаи ин раванд ғайриимкон мебошад. Дар баробари ин, барои чунин тасвир моделҳои иттилоотӣ-мантиқӣ (МИМ) бисёртар мувофиқат мекунанд.

МИМ мундариҷаи равандҳои ташаккули барномаҳо ва амалисозии натиҷаи онҳо, алоқамандии байни мақсадҳо ва натиҷаҳоро инъикос мекунанд. Тасвири марҳила ба марҳилаи сикли пурраи раванди расидан ба мақсадҳоро таъмин менамоянд. Дар баробари ин, зери ин сикл маҷмуи ҳолатҳои раванди дода шуда, яъне, аз ташаккулёбии мақсадҳо то расидан ба онҳо, инчунин ба тарзи афзоишёбанда ба тартиб даровардани ба охиррасии ин ҳолатҳо фаҳмида мешавад. Барои сохтани модели иттилоотӣ-мантиқии коркарди барномаҳо давраҳо ва марҳилаҳо мушаххас карда шуда, марҳилаҳо то сатҳи корҳои алоҳида муфассал карда мешаванд. Дар асоси ин номгӯйи пурраи корҳо оид ба омодагии барномаҳо бо нишон додани меҳнатталабӣ ва пайдарпаии иҷроиши онҳо тартиб дода мешаванд.

Иттилоот барои сохтани модели иттилоотӣ-мантиқии коркарди барномаҳо дар намуди графики шабакавӣ истифода бурда мешавад. Бартариҳои асосии ин гуна моделсозӣ аз инҳо иборат мебошад:

- асосноккунии мантиқии иҷрои ҳар як кор;
- имконияти назорат аз болои пуррагии таркиби корҳо;
- пешниҳоди якмаъно ва возеҳи ҳаракати марҳила ба марҳила ва давра ба давраи раванди ташаккулёбии барномаҳо;
- тартиботи қатъии талаботҳо оид ба баохиррасии корҳо, марҳилаҳо ва давраҳои алоҳида;
- имконияти бурдани назорати фаврӣ (оперативӣ) аз болои рафти омодагии барномаҳо.

Ҳамин тавр, истифодаи модели иттилоотӣ-мантиқӣ имконият медиҳад, ки маҷмуи чорабиниҳои дар натиҷаи оптимизатсиякунӣ муайян гардида мунтазам банақшагирӣ ва ба ҷузъу томҳо тақсим карда шаванд, нақшаи шабакавии корҳо оид ба таҳкими сатҳи ИОЗИ сохта шавад, идоракунии рафти амалисозии барномаҳои мақсаднок автоматикунонида шаванд, манбаъҳои имконпазири коҳиш додани муҳлатҳои омодагии барномаҳо арзёбӣ гарданд.

Банақшагирии барномаи мақсаднок яке аз намудҳои гуногуни банақшагирии оптималӣ (матритсавӣ) мебошад. Ба сифати усулҳои математикӣ барои интихоби ин ё он вариант метавонанд усулҳои барномасозии хаттӣ ва динамикӣ истифода бурда шаванд.

Дар ин ҷо ҳангоми истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва вуҷуд доштани норасоии захираҳо, меъёр метавонад фоидаи ақали нисбӣ – ҳосили тақсими саҳми рӯйпӯш кардани ҳар як намуди маҳсулот ба миқдори захираҳои сарф карда шуда бошад. Норасоии захираҳо боиси аз байни рафтани як намуди маҳсулот бо роҳи ворид шудани маҳсулоти дигар мегардад. Дар ин ҳолат маҳсулоти маблағи рӯйпӯшкуниашон хеле калон дар ҳаҷми муайяни истеҳсолот нисбат ба маҳсулоте, ки маблағи рӯйпӯшкуниашон пасттар мебошанд, афзалият пайдо мекунад. Аммо ин ҳодиса то он даме, ки афзоиши маблағи рӯйпӯшкунӣ аз рӯи ин маҳсулот нисбат ба афзоиши талафе, ки аз пастшавии миқдори истеҳсолот рӯй медиҳад, зиёд бошад, сурат мегирад.

Ба интихоби меъёр дуруст муносибат кардан зарур мебошад. Чи хеле ки дар параграфи 1.1-и боби якум хотиррасон карда шуд, ба таври максималӣ ба даст овардани ягон хел нишондиҳандаҳо на ҳамавақт маънои оқилона ва оптималӣ будани онро мефаҳмонад. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо истеҳсол кардани миқдори зиёди маҳсулот мувофиқи мақсад намебошад. Зеро вай мумкин дар бозор талабот надошта бошад. Фикр кардан мумкин аст, ки чӣ қадаре ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабарандагон талаб карда мешавад, ҳамон қадар истеҳсол намудани маҳсулот низ оқилона ҳисоб карда мешавад.

Марҳилаи дигар дар ҳалли масъала муайян кардани маҳдудият мебошад. Ба сифати онҳо худи захираҳо, маҳдуд будани миқдори онҳо (фонди вақт, маводҳо), маҳдудият аз рӯи намуд (ғайриимкон будани истифодаи баъзе маводҳо, маҳдудият дар сифати маводҳо) баромад карданашон мумкин аст.

Ҳамин тавр, коркард ва амалисозии барномаҳои мақсаднок тарзи самарабахши таҳкими сатҳи ИОЗИ мебошад, ки аз як қатор бартариҳо вобаста мебошанд: мувофиққунонии чорабиниҳо ба вақт ва ҳудуд, пайгирии мақсадноки амалҳои барномавӣ, барқарор кардани алоқа байни чорабиниҳо, захираҳо, иҷрокунандагон ва ҳамоҳангсозон.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби сеюм**

1. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шудаанд.

2. Пешниҳод карда шудааст, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми ягонаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ташкил карда шавад.

3. Мафҳуми муносибати низомӣ ва низомҳо шарҳ дода шудаанд:

4. Вазифаҳо ва моҳияти муносибати низомӣ нисбат ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона муайян карда шудаанд.

5. Низоми ТИОЗИ аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда шуда, алгоритми раванди баланд бардоштани ИОЗИ таҳия гардидааст.

7. Дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис додан ва ворид намудани марказ оид ба ташаккули НТИОЗИ асоснок карда шудааст.

# ХУЛОСАҲО

Таҳқиқи доираи васеи масоили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон имкон дод, ки як қатор хулосаҳо ва тавсияҳо таҳия гарданд, ки ба асосноккунии назариявӣ ва коркарди методии таъмини мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ нигаронида шудааст:

1. Дар замони муосир бо сабаби ниҳоят тез будани суръати талабот ба захираҳо ва афзудани сатҳи маҳдудияти захираҳо назар ба сатҳи такрористеҳсолкунии онҳо, зарурати истифодаи оқилонаву самараноки онҳо ба миён меояд. Ин муаммо яке аз проблемаҳои асосии илми иқтисодӣ, ки бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъият роҳҳои беҳтари истифодаи захираҳоро таҳқиқ менамояд, ба ҳисоб меравад. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар аксари тадқикотҳои олимони ватанӣ миёни мафҳумҳои истифодаи «оқилона» ва «самараноки» захираҳо фарқгузорӣ карда нашудааст. Бояд қайд кард, ки истифодаи самараноки захираҳо на ҳама вақт оқилона мебошад. Дар замони муосир тибқи таълимоти рушди устувор раванди истифодаи захираҳо ҳамон вақт оқилона мегардад, ки агар дар натиҷаи он субъектҳои хоҷагидор ба мақсадҳои стратегиву дарозмуҳлати худ наздик шаванд. Бинобар он, нақш ва ҷойгоҳи мафҳуми «оқилона» ва «истифодаи оқилонаи захираҳо» дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодиву экологии соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ меафзояд. Истифодаи оқилонаи захираҳоро метавон ҳамчун муносибати ба дониш ва неруи ақлонӣ такя доштаи хоҷагидорон, ки бо истифодаи ҳамаи хусусияту сифатҳои захираҳо ва ҳамдигаривазкунии онҳо бо мақсади таъмини рушди устувору дарозмуҳлати хоҷагӣ сурат мегирад, маънидод намуд [3-М], [6-М].

2. Шарти муҳим барои таҳлили ҳаматарафаи ташкили истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ, инчунин ворид намудани методҳои илман асосноккардашудаи комбинатсия ва истифодаи оптималии онҳо, гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ дар асоси ҷудо намудани меъёрҳои

умумӣ ва қонуниятҳои робитаи байни онҳо ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки чӣ қадаре ки меъёрҳо ва нишонаҳои гурӯҳбандӣ зиёд бошад, ҳамон қадар сатҳи дарки объектҳо васеъ мегардад. Бинобар ин, гурӯҳбандиро ҳамчун яке аз методҳои муҳими идоракунӣ ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо дида баромадан мумкин аст [1-М].

3. Истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ талаб менамояд, ки гурӯҳбандӣ аз рӯйи муҳимият ва омилҳои дохилӣ гузаронида шавад. Ба фикри мо беҳтар мебуд, гурӯҳбандӣ аз рӯйи на камтар аз ду меъёр гузаронида шавад: натиҷаи ба даст омада (таносуби хароҷот ва фоидаи ба даст омада) ва вақти барои иҷрои ин амал ҷудошуда. Ин меъёрҳо муҳим мебошанд, зеро маҳз дар асоси онҳо миқдори зиёди қарорҳо қабул карда мешаванд. Дар навбати худ, омилҳои дохилиро ба омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ, ки гурӯҳи дуюми омилҳоро ташкил медиҳанд, тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи сеюми омилҳо, омилҳои хусусияти функсионалидошта таалluқ доранд. Ин гурӯҳи омилҳо аз самтҳои фаъолияти корхона дар соҳаи истифодаи захираҳо, ташкили истифодаи самараноки воситаҳои асосии корхона, ташкили истифодаи сарфакоронаи воситаҳои гардони корхона, захираҳои хадамоти хизматрасон ва ёрирасон, инчунин аз ташкили кори кормандон вобаста мебошанд [1-М]

4. Низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ кардан мумкин мебошад. Айни ҳол асоситарини онҳо мураккабӣ ва дараҷаи номуайянӣ дар ҳамкориҳои байниҳамдигарии унсурҳои низом ба ҳисоб мераванд. Аз рӯйи дараҷаи мураккабӣ низоми ТИОЗИ-ро метавон ба се синф тақсим кард:

- оддии динамикӣ (ба хоҷагиҳои хурди истеҳсолкунандаи номгӯйи ночизи маҳсулот хос мебошад);

- мураккаби динамикӣ, ки бо сохтори густурда ва алоқаҳои зиёди дохилии гуногуншакл фарқ карда, аммо тасвиршаванда мебошанд (чунин

низомҳо ба корхонаҳои калони дорои миқдори зиёди истеҳсолот ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти як ё ду самт хос мебошанд);

- бисёрмураккаби тасвирнашаванда (ба корпоратсияҳои ба истеҳсоли маҳсулоти махсусгардонидашудаи доираашон васеъ машғул буда ва ғайра хос мебошад).

